**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Қ А Р О Р И**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ**
30.07. 2015 сол № 24 д.Варзоб

Дар хусуси тасдиқ намудани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020»

Моддаҳои 8 ва 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Варзоб, даъвати панҷум ҚАРОР МЕКУНАД:

1. «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020», тасдиқ карда шавад.

Раиси Маҷлиси вакилони
халқи ноҳияи Варзоб С.Назирзода

Нусха дуруст аст
Х. Шарипова

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ**
**ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ

## барои солҳои 2016-2020

**Варзоб - 2015**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ........ 5**

**Пешгуфтор ........ 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ ........ 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ........ 16**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ........ 16
2.2. Соҳаи саноат........ 32
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ........ 35

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ........ 41**
3.1. Соҳаи маориф ........ 41
3.2. Соҳаи тандурустӣ ........ 49
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ........ 54
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ........ 63
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ........ 65

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ........ 71**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ........ 71
4.2. Таъмини барқ ........ 74
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ........ 75
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ........ 76

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ........ 78**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ........ 78
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ........ 80

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ........ 85**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ........ 90**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Варзоб аз рӯи соҳаҳо ........ 91**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| БҶ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| БМ | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГК | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| МХ | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБГ | Маркази барқу гармидиҳӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Варзоб ноҳияи аграрӣ буда, аҳолии он асосан ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати ҷумҳурӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ ба ҳисоб меравад. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла картошка 0,26%, сабзавот 0,7%, шир 0,27%, гӯшт 0,18%, пашм 0,41%, меваҷот 0,41% ва асал 0,78 фоизро ташкил медиҳад. Табиати хушманзара ва ландшафти мафтункунандаи ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар қаламрави он захираҳои зиёди канданиҳои фоиданок (кварс, мармар, зумуррад, обҳои маъданӣ) мавҷуданд.

Айни замон захираҳои табиӣ дар ноҳия мавҷудбуда аз сабаби ҷалби нокифояи сармояи ватанию хориҷӣ ва ворид нагардидани технологияи муосир коркард намешаванд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, дастгирии бештару сифатноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори ноҳия зарурияти тарҳрезии чунин барномаи комплексӣ ба миён омадааст.

Дар сурати ба роҳ мондани коркарди захираҳои табиии мавҷуда ва истифодаи самараноку оқилонаи чашмаҳои шифобахшу обҳои минералӣ, соҳаҳои саноату инфрасохтори иқтисодиёти ноҳия басо рушд хоҳад намуд. Қатъи назар аз иқтидорҳои зиёди мавҷудаи ноҳияи Варзоб, мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба пешрафти иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад ва мақсади асосии Барнома дар панҷ соли оянда ҳаллу фасл ва бартараф намудани ин мушкилиҳо мебошад.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи рушди ноҳияи Варзоб талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ ("Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола", "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015", "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи кории ноҳия, ки бо қарори Раиси ноҳияи Варзоб № 54 аз 28 апрели соли 2015 (оид ба таҳияи барномаи рушди ноҳия) тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсатиояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

Ба Барномаи рушди ноҳия 215 лоиҳа бо маблағи 228,085 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 100 лоиҳа бо маблағи 95,726 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 42 лоиҳа бо маблағи 67,351 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 45 лоиҳа бо маблағи 57,9 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 10 лоиҳа ба маблағи 3,23 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист, 9 лоиҳа бо маблағи 2,6 млн. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва 9 лоиҳа бо маблағи 1,27 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Тақсимоти*
*маблағҳои "БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020" аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ*
*(ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 19953,0 | 1566,0 | 3620,0 | 7730,0 | 4257,0 | 2780,0 |
| Саноат | 32310 | 5180 | 7630 | 7100 | 4950 | 7450 |
| Соҳаи соҳибкории хурду миёна | 25848 | 7960 | 10160 | 3108 | 1700 | 2920 |
| Сохтмон | 17615 | 830 | 3420 | 5285 | 3900 | 4180 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 95726,0 | 15536,0 | 24830,0 | 23223,0 | 14807,0 | 17330,0 |
| Маориф | 14997,4 | 2104 | 5217,4 | 2252 | 2854 | 2570 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 49509,3 | 10270 | 14850 | 7780 | 10020 | 6589,3 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 2845 | 710 | 760 | 800 | 475 | 100 |
| Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ | 67351,7 | 13084 | 20827,4 | 10832 | 13349 | 9259,3 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ ва ХМК | 15042,4 | 3800,1 | 3328,4 | 1881,4 | 1552,3 | 4480,2 |
| Барқтаъминкунӣ | 10286 | 1076 | 2400 | 1910 | 1700 | 3200 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 32572 | 6692 | 4646 | 9760 | 8860 | 2614 |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 57900,4 | 11568,1 | 10374,4 | 13551,4 | 12112,3 | 10294,2 |
| Ҳифзи муҳити зист | 3230 | 530 | 700 | 880 | 510 | 610 |
| Пешгирии ҳолатҳои фавқуллода | 2603 | 194 | 794 | 965 | 350 | 300 |
| Таъминоти захиравӣ | 1274 | 44 | 313 | 281 | 314 | 322 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН<br>Аз ҷумла, | 228085,1 | 40956,1 | 57838,8 | 49732,4 | 41442,3 | 38115,5 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 55967 | 8009 | 11220 | 14327 | 15091 | 7320 |
| Буҷети маҳаллӣ | 21816,7 | 6407 | 6525,4 | 2855 | 2840 | 3189,3 |
| Маблағҳои худӣ | 14650 | 750 | 3210 | 3920 | 1670 | 5100 |
| Соҳибкорон | 38808 | 10165 | 12960 | 7488 | 3915 | 4280,0 |
| Сармоягузории хориҷӣ | 74783,3 | 15234 | 21412 | 14071 | 13362,3 | 10704 |
| Номуайян | 22060,1 | 955,1 | 5511,4 | 3543,4 | 4550 | 7500,2 |

Ҷиҳати татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020" аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **228,08 млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла, аз ҳисоби:

- Буҷети ҷумҳуриявӣ 55,9 млн. сомонӣ;
- Буҷети маҳаллӣ 21,8 млн. сомонӣ;
- Маблағҳои худии ташкилоту муассисаҳо 14,6 млн. сомонӣ;
- Маблағҳои соҳибкорон 38,8 млн. сомонӣ;
- Маблағҳои сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ 74,7 млн. сомонӣ;
- Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян 22,06 млн. сомонӣ.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ

**Маълумоти таърихӣ.** Ноҳияи Варзоб моҳи октябри соли 1934 таъсис ёфта, то соли 1959 арзи вуҷуд дошта, аз соли 1959 то соли 1991 ба ҳайати собиқ ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) ҳамроҳ карда шуда, соли 1991 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ноҳияи мустақил аз ҳайати ноҳияи Рӯдакӣ ҷудо карда шуд.

Таърихи пурраи ноҳия то ҳол пурра тадқиқ нашудааст. Дар ҳудуди ноҳия ёдгориҳои таърихӣ - зиёратгоҳҳои Хоҷасангхок ва Хоҷа Оби Гарм мавҷуд мебошанд.

*Харитаи ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Варзоб*




**Маълумоти ҷуғрофӣ ва иқлими ноҳия.** Ноҳияи Варзоб дар минтақаи марказии кишварамон ҷойгир буда, релефаш кӯҳӣ ва аз сатҳи баҳр дар баландии аз 1029 метр то 3000 метр воқеъ гашта, бо ноҳияҳои Айнӣ, Ҳисор, Рӯдакӣ, Ваҳдат ва шаҳри Душанбе ҳамсарҳад мебошад. Ноҳия номи худро аз номи дарёи Варзоб гирифтааст. Дарёи Варзоб аз баландиҳои кӯҳи Анзоб оғоз ёфта, дараи Варзобро бурида мегузарад. Дарёи Варзоб аз якҷояшавии дарёҳои Зиддӣ ва Майхура, инчунин шохобҳои Сиёма, Харангон, Такоб ба вуҷуд меояд ва дарозияш аз саргаҳи дарёи Зиддӣ 96 км, аз Андароб 71 км буда, масоҳати ҳавзааш 1740 км2 мебошад. Дарёи Варзоб дар ҳудуди шаҳри Душанбе бо дарёи Лучоб ҳамроҳ шуда, номи дарёи Душанберо мегирад ва дар интиҳо ба дарёи Кофарниҳон мерезад. Дараи Варзоб дар байни қаторкӯҳҳои Ҳисор воқеъ гардидааст ва паҳнои он аз 100 м то 700 метр мерасад. Иқлимаш муътадил аст. Аз дараи Варзоб роҳи мошингарди Душанбе-Хуҷанд мегузарад. Дараи Варзоб тавассути нақби «Истиқлол» қисмати ҷануби ҷумҳуриро бо қисмати шимолии он пайванд месозад.

Маркази ноҳияи Варзоб мавзеи Зоғар буда, дар баландии 1060 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад. Масофа аз маркази ноҳия то пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе

тавассути роҳи Хуҷанд-Душанбе 25,5 км мебошад. Ноҳия 0,001% ҳудуди умумии ҷумҳуриро ишғол менамояд. Масоҳати умумии ноҳия 164 км$^2$-ро ташкил медиҳад.

Қисми зиёди масоҳати ноҳияро (96%) кӯҳҳо ташкил дода, заминҳои кишоварзӣ 163133 га, заминҳои корам 3528 га, чарогоҳҳо 67811 га, заминҳои ғайрикишоварзӣ 91794 га-ро ташкил медиҳад. Ҳамагӣ дар ноҳия 260 гектар замини обӣ мавҷуд аст.

Иқлими ноҳия мӯътадил мебошад. Хунукии ҳаво дар фасли зимистон то ба 31 градус Селсия расида, ғафсии барф ба 1-1,5 метр мерасад. Миқдори солонаи боришот ба ҳисоби миёна 96-99 миллиметрро ташкил медиҳад.

Олами набототи ноҳия бағоят ғанӣ аст. Дар минтақаи кӯҳӣ растаниҳои мавсимӣ ва буттаҳои гуногун месабзанд. Дар ноҳия дарахтони себ, зардолу, олуболу, олуча ва дарахтони сояфкан мерӯянд.

***Иқтидорҳои мавҷуда ва истифодаи самараноки он.*** Дар ҳудуди ноҳияи Варзоб захираҳои зиёди табиии ангиштсанг, оҳаксанг, санги змеевик, обикалсит, волфрам, тилло, мармар, омехтаи алюминий, мис, никел, намак ва маводи сохтмонӣ мавҷуд мебошад, вале аксарияти захираҳо айни замон пурра мавриди таҳқиқ ва коркарду истифода қарор дода нашудаанд.

Дар ояндаи миёнамӯҳлат ин захираҳо ҷиҳати ташаккули корхонаҳои коркарди саноати кӯҳӣ мусоидат намуда, дар сурати ҷалби мақсадноки сармоя ва истифодаи самараноки он, метавонад омили рушди устувори иқтисодии ноҳияи Варзоб гардад.

Дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Варзоб барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд. Айни замон дар ноҳия 16 адад НОБ-ҳои хурди обӣ, бо иқтидори умумии 2426 кв/с бунёд гаштаанд.

Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони якчанд адад НОБ-ҳои хурди дигар, (аз ҷумла НБО-ҳои хурди «Бувак» бо иқтидори 10 кв/с, «Такоб» бо иқтидори 35 кв/с, «Сиёма» бо иқтидори 70 кв/с, «Харангон» бо иқтидори 55 кв/с) пешбинӣ мегардад.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ шароити ҷуғрофию табиии, ёдгориҳои таърихӣ ва мавқеъи ҷойгиршавии ноҳияи Варзоб мусоид мебошанд, аммо айни ҳол имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва инфрасохтории мавҷудаи ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ мувофиқ нест.

Дар сурати азхудкунӣ ва обёрии 350 гектар заминҳои мавзеи Сайёди ноҳияи Қубодиён, ки ба ноҳияи Варзоб вобаста карда шудааст ва заминҳои ҳудуди ҷамоатҳои Зидеҳ дар ноҳияи Варзоб имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли картошка то 12%, ғалла то 18%, асал то 31%, сабзавот то 15% ва хӯроки чорво то 27% муяссар мегардад.

Айни замон инфрасохтори ноҳияи Варзоб дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дорад ва ин омил ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Бо назардошти солҳои тӯлонӣ таъмир нагаштани роҳҳои маҳаллӣ, айни замон барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ масъалаи ҳалталаб ва мубрам ба ҳисоб меравад.

**Захираҳои дигари табиӣ ва имкониятҳои истеҳсолӣ.** Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии ангишт (бо захираи 45 миллион тонна), сангҳои нодиру қимматбаҳо, аз ҷумла, квартс, тахтасангҳои мармар (дар мавзеъи Зидеҳ ҷамоати деҳоти Зидеҳ), (дар мавзеи Зидеҳи ҷамоати деҳоти Зидеҳ), волфрам ва тилло (дар мавзеи Майхураи ҷамоати деҳоти Зидеҳ), конҳои калони маъдани барои истеҳсоли семент зарурӣ (дар мавзеъҳои Харангон ва Даҳанаи ҷамоати деҳоти ба номи С.Айнӣ) бой мебошад. Бояд қайд намуд, ки аз оҳаксанги он бо ҳамроҳкунӣ бо гилхоки Варзоб дар комбинати сементбарории шаҳри Душанбе барои истеҳсоли сементи навъи 400 истифода мебаранд. Коркади самараноки онҳо то ба ҳол пурра ба роҳ монда нашудааст ва коркарди пурраи захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Варзоб метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад. Инчунин, дар ноҳия чашмаҳои гарму шифобахши Хоҷа Сангхок (61,4$^0$С) (дар мавзеи Хоҷа Сангхоки ҷамоати деҳоти Зидеҳ) ва манбаъи оби шифобахши минералӣ (ҳарораташ то 98$^0$С) (дар деҳаи Хоҷа Обигарми

ҷамоати деҳоти Зидеҳ) мавҷуданд, ки якҷоя бо табиати дилпазиру мафтункунандааш ва боду ҳавои мусоидаш ҷиҳати рушди бахши саёҳату табобат ва сайри кӯҳсору алпинизм камназир мебошад. Чашмаи оби Хоҷа-Сангхок дар баландии зиёда аз 3000 метр воқеъ гардидааст. Таркиби оби он аз моддаҳои менералӣ бой мебошад. Дар таркиби он магний, калий, калтсий, натрий, оҳан ва дигар моддаҳо мавҷуданд, ки барои муолиҷаи меъда, ҷигар бемории қанд истифода мешаванд.

Осоишгоҳи Хоҷа-Оби-Гарм дар баландии 1860-1900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Дар қаламрави осоишгоҳи мазкур ду дарёчаи хурд, оби Мазор ва оби Қаландар, бо ҳамдигар пайваст мешаванд. Қаламраве ки аз он ҷо оби гарми маъданӣ-радиоактивӣ мебарояд 4,5 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он зиёда аз 20 чашма ҷорӣ мешавад. Аз чашмаҳои обашон нисбатан ҳарорати баланд дошта, буғи гарм хориҷ мешавад. Ин буғи радиоактивӣ буда, дар таркибаш бо қатори дигар унсурҳои кимиёвӣ радон дорад.

**Захираи об**. Дар ҳудуди ноҳияи Варзоб дар мавзеъҳои болоии Сиёма, Зиддӣ ва Хоҷасангхок захираҳои зиёди барфу пиряхмонанд (51,8 км$^2$) мавҷуд мебошанд ва тақрибан дар баландии аз 2400 то 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошанд.

Аз ҳудуди ноҳия дарёи Варзоб равон буда, он аз шохобҳои дарёчаҳои Сиёма, Такоб, Харангон ва Лучоб сарчашма мегирад ва заминаи хубе барои рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетика мебошанд.

Дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Варзоб барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд. Айни ҳол дар ноҳия 16 адад НОБ-ҳои хурди «Такоб» бо иқтидори 1500 кв/с, «Ҳазора 1» (250 кв/с), «Ҳазора 2» (250 кв/с), «Панҷхок-1» (30 кв/с), «Панҷхок-2» (35кв/с), «Куктеппа» (16 кв/с), «Намозгоҳ» (75кв/с), «Роғ-1» (15кв/с), «Роғ-2» (15кв/с), «Вармоник» (15 кв/с), «Харангони боло» (60 кв/с), «Шехак» (5кв/с), «Ғажни» (5кв/с), «Ҳушёрӣ» (15квт/с), «Новакандоз» (40кв/с) ва «Сафедорак» (100 кв/с) бо иқтидори умумии 2426 кв/с бунёд гаштаанд.

*Маълумотнома оид ба ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Варзоб*

| № | Номи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Мактаби ибтидоӣ | Муассисаҳои томактабӣ | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ бунгоҳҳо | Нуқтаи фуруши сузишворӣ | Тарабхона | Ошхона | Дукон ва мағоза | Ҳаммом | Сехҳои дузандагӣ | Сартарошхона | Ҷувози барқи ва обӣ | Корхонаҳои саноатӣ ва хурду миёна | НОБ- хои хурд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳраки Такоб | 7 | 18 | 2671 | 378 | 1 | - | - | - | 1 | - | - | 1 | - | - | - | 4 | - | - | - | - | 1 | 1 |
| 2 | Лучоб | 9 | 35 | 7174 | 893 | 5 | 1 | 2 | - | 1 | - | - | 5 | - | - | - | 16 | - | - | - | - | - | 1 |
| 3 | Чорбоғ | 15 | 20 | 29622 | 3745 | 14 | 1 | 2 | 1 | 3 | - | - | 9 | 3 | - | - | 61 | - | 1 | 1 | - | 3 | - |
| 4 | С.Айнӣ | 16 | 18 | 14391 | 1989 | 4 | 6 | 2 | - | 2 | - | 1 | 5 | 1 | - | - | 15 | - | 1 | - | - | 1 | 2 |
| 5 | Варзоб Қалъа | 12 | 0 | 11574 | 1494 | 6 | 2 | 1 | - | 4 | 1 | 1 | 4 | 7 | 1 | 8 | 47 | - | 1 | 1 | - | - | 2 |
| 6 | Деҳмалик | 11 | 19 | 8014 | 1123 | 7 | 2 | 1 | - | 4 | - | - | 5 | - | - | - | 24 | - | - | - | - | - | 4 |
| 7 | Зидеҳ | 7 | 46 | 7219 | 978 | 5 | 1 | 1 | - | 1 | - | 1 | 5 | - | - | - | 12 | - | - | - | - | 2 | 6 |
|  | Ҳамагӣ: | 70 | - | 80665 | 10600 | 42 | 13 | 9 | 1 | 16 | 1 | 3 | 34 | 11 | 1 | 8 | 179 | - | 3 | 2 | - | 7 | 16 |

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ, шароити ҷуғрофию табиии, ёдгориҳои таърихӣ ва мавқеъи ҷойгиршавии ноҳия хеле мусоид мебошанд, аммо феълан имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва инфрасохтории мавҷудаи ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ мувофиқ набуда, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро тақозо менамояд.

Дар сурати азхудкунӣ ва обёрии 112 гектар заминҳои бекорхобида, дар ноҳияи Варзоб имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли картошка то 9%, ғалла то 15%, асал то 27%, сабзавот то 11% ва хӯроки чорво то 31% фароҳам мегардад.

Феълан инфрасохтори ноҳияи Варзоб дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дорад ва ин омил ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Бо назардошти солҳои тӯлонӣ таъмир нагаштани роҳҳои дохилихоҷагӣ ва маҳаллӣ, айни замон барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ низ яке аз масоили ҳалталаб маҳсуб меёбад.

Ноҳияи Варзоб аз 6 ҷамоати деҳот 1 ҷамоати шаҳрак (ҷамоатҳои деҳоти Лучоб, Чорбоғ, С. Айнӣ, Варзоб Қалъа, Деҳмалик, Зидеҳ ва шаҳраки Такоб) иборат мебошад.

**Вазъи демографии ноҳия.** Шумораи умумии аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2015 (бо назардошти шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ) 80665 нафарро ташкил медиҳад, ки ба 0,01 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ баробар аст. Аз шумораи умумии аҳолии ноҳия 51,4 фоизро мардҳо (41461 нафар) ва 48,6 фоизро занҳо (39204 нафар) ташкил медиҳанд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 2,1 фоиз мебошад. Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 96,7 фоизи аҳолии он дар деҳот истиқомат менамоянд. Зичии ҷойгиршавии аҳолии ноҳия дар 1 километри мураббаъ 20,5 нафарро ташкил медиҳад.

*Нишондиҳандаҳои демографии ноҳияи Варзоб*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумии аҳолии ноҳияи Варзоб | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | Хоҷагии хонавода | адад | 9523 | 10043 | 10600 |
| 2 | Аҳолии доимӣ | нафар | 72069 | 75026 | 80665 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 37043 | 38705 | 41461 |
| - | Зан | нафар | 35026 | 36321 | 39204 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 22845 | 23711 | 25390 |
| | Шумораи умумии маъюбон. | нафар | 1378 | 1497 | 1316 |
| | Аз ҷумла, кӯдакони маъюб (то 18 сола) | нафар | 244 | 295 | 360 |
| - | Гурӯҳи калонсолон (63 (занон-57сола) ва боло) | нафар | 3801 | 3974 | 4455 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 1792 | 1857 | 1895 |
| **3** | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 45423 | 47341 | 50820 |
| 4 | Бекорон | нафар | 876 | 815 | 1109 |
| 5 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 3166 | 3427 | 3489 |
| 6 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 3327 | 3419 | 3520 |
| 7 | Шумораи субъектони ба соҳибкорӣ машғулбуда | адад | 722 | 748 | 774 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнати ноҳияи Варзоб 15,3 фоиз ба кор машғул буда, 3,7 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 2,1 фоиз бекорон мебошанд. Дар давоми солҳои 2012-2014 шумораи бекорон дар ноҳия 26,5 фоиз зиёд гардидааст. Дар сурати давом ёфтани чунин ҳолат, дар соли 2020 эҳтимолияти ба 6839 нафар зиёдшавии теъдоди бекорон ба вуҷуд омада, он яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби ноҳия хоҳад гардид. Барои ҳаллу фасли саривақтии ин масъала ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани бекорон дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар давоми солҳои 2016-2020 ба кор андохтани иқтидорҳои маҳаллӣ, дар заминаи бунёди коргоҳҳои истихроҷ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ (дар мавзеъҳои Зиддӣ, Харангон, Такоб) пешбинӣ мегардад, ки ин ба коҳиши сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд. Мақсади асосӣ дар ин самт тавассути ба кор даровардани иқтидорҳои мавҷуда таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар солҳои минбаъда мебошад. Сатҳи баланди бекорӣ асосан дар деҳот мушоҳида

мегардад. Аксарияти деҳаҳо дар баландии аз 1000 то 1200 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир гаштаанд ва дар онҳо ғайр аз чорводорӣ ва боғдорӣ дигар намуди фаъолият вуҷуд надорад. Деҳаҳо аз маркази ноҳия дар масофаи то 45 км дур ҷойгир мебошанд ва ба омаду рафти аҳолӣ, хусусан дар фасли зимистон, душвориҳои зиёдро ба вуҷуд меорад.

*Аҳолии ноҳияи Варзоб аз рӯи ҷамоатҳо ба ҳолати 1 январи соли 2015*

| Ҷамоатҳо | Шумораи деҳот | Шумораи оилаҳо/хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ/ғоиб |
|---|---|---|---|
| Шаҳраки Такоб | 7 махалла | 378 | 2509 / 162 |
| Луҷоб | 9 | 893 | 7063 / 111 |
| Чорбоғ | 15 | 3745 | 27882 /840 |
| С.Айнӣ | 16 | 1989 | 14052 /339 |
| Варзоб Қалъа | 12 | 1494 | 11438 /136 |
| Деҳмалик | 11 | 1123 | 7882 /132 |
| Зидеҳ | 7 | 978 | 7085 /134 |
| Ҳамагӣ: | 70 деҳа ва 7 маҳалла | 10600 | 78811 /1854 |

Аз рӯи мансубияти миллӣ 99,98%-и аҳолии ноҳияро тоҷикон ва 0,02%-ро дигар миллатҳо ташкил медиҳанд.




Қисми зиёди аҳолиро миёнасолон ва наврасон ташкил медиҳанд.

*Сохтори ҷинсӣ ва синнусолии аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2015*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон/занон | Бо % |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 25390 | 12542 | 31,5% |
| Миёнасолон | 49932 | 23670 | 61,9% |
| Нафақахӯрон (63 мард/ 58 зан) | 5343 | 2992 | 6,6% |
| Ҳамагӣ: | 80665 | 39204 | 100% |

Шумораи умумии аҳолии ноҳия дар соли 2014 дар қиёс бо соли 2013 тақрибан 7% зиёд шудааст.

*Афзоиши демографии аҳолии ноҳияи Варзоб (ба 01-01-2015)*

| Солҳо | Шумораи тавал-лудшуда-гон | Шумораи издивоҷ | Шумораи талоқ | Шумораи фавтидагон | Шумораи муҳоҷирон | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ бо % | Шумо-раи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 2829 | 1039 | 52 | 234 | 1792 | 2595 | 3,7% | 72069 |
| 2013 | 2838 | 909 | 48 | 228 | 1857 | 2610 | 3,4% | 75026 |
| 2014 | 1955 | 873 | 63 | 297 | 1895 | 1658 | 2,1% | 80665 |

Дар панҷ соли минбаъда, яке аз самтҳои муҳими Барномаи мазкур, беҳтар намудани шароити хизматрасонии иҷтимоии кӯдакони маъюб мебошад. Зеро дар ноҳияи Варзоб аз шумораи умумии маъюбон 10,7 фоизи онро кӯдакони то синни 18 сола ташкил медиҳад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши аҳолии ноҳияи Варзоб*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | с.2018 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2014 | с.2017 | с.2018 | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ | 80,7 | 84,7 | 88,9 | 105 | 92,4 | 96,0 | 119 |
| аз он ҷумла: шаҳрӣ | 2,7 | 2,8 | 2,9 | 104 | 3,1 | 3,3 | 122 |
| деҳотӣ | 78,0 | 81,9 | 86,0 | 105 | 89,3 | 92,7 | 119 |

**Биниши ноҳияи Варзоб**

*(Тасаввуротиояндаи ноҳия бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда)*

*Ноҳияи Варзоб минтақаи дорои инфрасохтори замонавии иҷтимоию сайёҳӣ ва шароити мусоиди рушди гидроэнергетика ва соҳибкории хурду миёна, бо фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муҳити зисти тозаю шоиста, мавзеи рушдёфтаи агросаноатӣ, ки дар он корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатию кишоварзӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, хусусан коркарди сангҳои қимматбаҳою ороишӣ ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва хӯрокворӣ, ки дар он аҳолии соҳибзавқу бофарҳанг ва меҳмоннавозу ҳунарманд зиндагию фаъолият менамоянд ва аз хизматрасониҳои босифати иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бархурдоранд.*

*Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Варзоб (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои табиии, аз ҷумла, сангҳои қиматбаҳои ёқут, лоҷуворд, зумуррад, кварс, мармар, обҳои шифобахши маъданӣ.<br>• Шароити хуб барои чорводорӣ, боғдорӣ, растанпарварӣ ва занбӯрпарварӣ дар минтақаҳои поёнии ноҳия.<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилию беруна.<br>• Мавҷудияти чарогоҳои васеъ барои инкишофи соҳаи чорводорӣ.<br>• Мавҷудияти захираҳои фаровони об барои рушди соҳаи гидроэнергетика.<br>• Мавҷуд будани табиати гуногунранги ҷалбкунанда барои рушди сайёҳӣ;<br>• Мавҷуд будани минтақаи истироҳат, табобатию санитарӣ, курортӣ ва сайёҳӣ.<br>• Мавҷуд будани имконияти мусоид барои ривоҷ додани бозиҳои варзиши зимистона.<br>• Мавҷуд будани захираҳои озод ва арзони меҳнатӣ дар ноҳия.<br>• Мавҷуд будани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ.<br>• Дастрасӣ ба инфрасохтори аввалиндараҷа.<br>• Шароити хуби ҷуғрофӣ ва табиати ҷолиб барои рушди соҳаи сайёҳӣ (этнографӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ).<br>• Мавҷудияти обҳои шифобахши менералию ошомиданӣ ва чашмаҳои гарм.<br>• Мавҷудияти ҷангалзорҳо.<br>• Захираи бойи гиёҳҳои шифобахш ва ҳайвонотҳои шикорӣ. | • Ҷалби нокифояи сармояи дохилию хориҷӣ.<br>• Сатҳи пасти даромаднокиии сокинони ноҳия.<br>• Набудани воситаҳои молиявӣ барои коркарди захираҳои табиӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ, ворид нагардидани технология ва таҷҳизотҳои муосир.<br>• Заминаи сусти моддию техникии ширкатҳои сайёҳӣ ва суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву рекламавии сайёҳӣ;<br>• Нархҳои пасти маҳсулоти кишоварзӣ;<br>• Нокифоя будани ҷойҳои корӣ, аз ҳисоби баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ;<br>• Таъсири манфии буҳрони иқтисодӣ ба раванди рушди маҳаллӣ;<br>• Андозаи нокифояи коэффисиэнтҳои бо назардошти баландкӯҳӣ ва меъёрҳои ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ба сохторҳои хоҷагидорӣ пардохтшаванда.<br>• Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия;<br>• Дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасонии бойторӣ ва набудани нуқтаҳои фурӯши дору барои ҳайвонот.<br>• Рушди сусти соҳаи соҳибкорӣ ва кӯҳтоҳмуддату баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ.<br>• Мавҷуд набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>• Нокифоягии техникаи роҳсозӣ, ҳолати ғайриқаноъатбахши роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталабии роҳҳои маҳаллӣ;<br>• Фаъолияти ғайриқаноъатбахши ширкатҳои сайёҳӣ, дуруст ба роҳ намондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оиди ҷалби сайёҳон ва ҳолати инфрасохтори сайёҳӣ, рушди сусти сайёҳӣ;<br>• Аз кор рафтани мутахассисони бсоҳибтаҷрибаи баландихтисос, норасогии мутахассисони ботаҷриба.<br>• Сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии кадрҳои баландихтисос.<br>• Маоши пасти кормандони сохторҳои буҷавӣ;<br>• Маданияти пасти соҳаи чорводорӣ;<br>• Тараққиёти нокифояи инфросохтори заминавии ноҳия; |

| | |
|---|---|
| | • Нокифоя будани маблағ барои татбиқи Барномаҳо ва дастрас нагардидани сармоягузории дохилию хориҷи барои рушди иқтисодиёти ноҳия;<br>• Надоштани бозори замонави ва содироту воридоти мустақил бо хориҷ ва дохили мамлакат.<br>• Афзоиши нархи сӯзишворӣ ва хизматрасонӣ;<br>• Дататсиони будани ноҳия.<br>• Воридоти маҳсулоти пастсифати хориҷӣ |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| • Таҷдиду барқарорсозии инфрасохтори ноҳия, махсусан инфрасохтори сайёҳӣ.<br>• Ба роҳ мондани коркарди маъданҳои кӯҳӣ;<br>• Рушди ичтимоию иқтисодии ноҳия;<br>• Тараққи додани соҳаи кишоварзӣ, бунёди боғҳои нав ва нуқтаҳои қабули маҳсулоти кишоварзӣ.<br>• Рушди бизнеси хурду миёна ва ташкили ҷойҳои кори нав;<br>• Инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ;<br>• Ҷалб намудани сармоягузорони потенсиалӣ барои амали намудани лоиҳаҳои рушди маҳаллӣ (донорҳо, соҳибкорони дохили ва беруна);<br>• Дастрас будани қарзҳо;<br>• Бунёди бозорҳои замонавӣ (фурӯши чорво ва маҳсулоти ниёзи мардум) дар ноҳия.<br>• Ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент, истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ, корхонаи хурди коркарди чӯб, корхонаи коркарди гӯшту шир, меваю сабзавот ва моҳӣ, таҷдиду барқарорсозии корхонаи коркарди сангҳои ороишӣ ва сохтмонӣ, ташкили коргоҳҳои истеҳсоли обҳои минералӣ ва маҳсулоти фармасефтӣ.<br>• Дастгирии соҳибкории хурду миёна дар доираи қонун ва ғанӣ гардонии буҷаи ноҳия аз ҳисоби молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба тариқи ташкили корхонаҳои хурду миёна.<br>• Ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ.<br>• Рушди кӯмаки суроғавии ичтимоӣ ба аҳолӣ.<br>• Баланд бардоштани сатҳи тахассусии кадрҳо.<br>• Мусоидат ба рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, махсусан кишоварзӣ ва саноат.<br>• Баланд бардоштани нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ.<br>• Ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ.<br>• Ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналхалқӣ.<br>• Баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ ва пешгирии хатари таъсири офатҳои табиӣ.<br>• Истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ тавассути коркарди он ва ба бозор баровардани он.<br>• Бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқии обӣ<br>• Муҳоҷирати ихтиёриву экологӣ дар ҳудуди ноҳия.<br>• Сохтмони роҳҳои аҳамиятӣ стратегии байналмилалӣ дошта. | • Болоравии сатҳи таваррум;<br>• Тағйирёбии иқлим ва бадшавии вазъияти экологӣ (тағйирёбии экология);<br>• Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярҷ, тарма, обхезӣ, заминларза ва ғайра).<br>• Паҳншавии касалиҳои ҳайвонот ва ҳашаротҳои зараррасон, инчунин зарари зироатҳо аз касалиҳо (сурха, гарма ва ғайраҳо).<br>• Паҳншавии касалиҳои сироятӣ аз ҳисоби зиёдшавии муҳоҷирони меҳнатӣ. |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

**Баҳодиҳӣ ва таҳлили ҳолати соҳаи кишоварзӣ**. Соҳаи кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт мебошад ва дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ нисфи зиёди аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунад. Аз ин лиҳоз, рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти ичтимоӣ низ дорад, чунки 98,5%-и аҳолӣ, аз ҷумла 92% аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ дорад ва ин барои қисми зиёди мардум манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ноҳия асосан бо ғаллакорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, чорводорӣ, занбури асалпарварӣ ва моҳипарварӣ машғул мебошанд.

Дар ноҳияи Варзоб 5 хоҷагии деҳқонии шакли коллективӣ, 1003 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, як хоҷагии зотпарварии “Дилшод Б”, 5 кооперативи истеҳсолӣ (ба номи “Тоҷикистон”, “Ҳамид”, “Ҳасан Д”, “Карим Шариф”, “Ҷ.Тағоев”), 9 корхонаи хурди кишоварзӣ (“Назар”, “Лучоб”, “Меъроҷ” ва ғайра) ва як хоҷагии ҷангал мавҷуд мебошад.

Мақсади асосии кишоварзони ноҳияи Варзоб дар доираи Барномаи мазкур, тайи панҷ соли минбаъда, азхудкунӣ, барқарорсозӣ ва обёрии 200 гектар заминҳои нав дар мавзеъҳои Сайёд (Шуртуғай) ва 100 гектар дар мавзеи Косатарош, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 56 гектар заминҳои обёришаванда дар мавзеъҳои Лучоб, Харангони боло, қисмати болоии мавзеи Паси Теғ, хушзоткунии чорвои маҳаллӣ, бо роҳи интенсивӣ бунёд намудани 129 гектар боғҳои нав дар мавзеъҳои Бакавули нав, Лучоб, Дурманбулоқ, Новакандоз, Чорбоғ, Косатарош, рушди занбуриасалпарварӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Зидеҳ, Деҳмалик, Лучоб, С.Айнӣ, Варзобқалъа ва истифодаи оқилонаю самараноки чарогоҳҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар ҷамоатҳои Лучоб, Чорбоғ, С.Айнӣ ва корхонаи коркарди пӯсту пашм дар мавзеи Шуртуғай мебошад.

Дар соли 2014 ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолкардаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Варзоб 0,33 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳуриро (аз ҷумла ғалладонагӣ 0,2%, сабзавот 0,7%, картошка 0,26%, меваҷот 0,41%, шир 0,27%, гӯшт 0,18%, тухм 0,28%, асал 1,6% ва пашм 0,41%) ташкил додааст.

**Шаклҳои ташкилии кишоварзӣ.** Дар доираи татбиқи ислоҳоти замин дар асоси 7 хоҷагиҳои деҳқонии шакли коллективӣ дар ноҳия мувофиқи маълумотҳои оморӣ соли 2014, 1003 ХД шакли инфироди таъсис шудааст. Шумораи умумии хоҷагиҳои хонаводагӣ (оилаҳо) дар ноҳия 10600 адад, хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ 1003 адад, кооперативҳои истеҳсоли 5 ададро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии роҳбарони хоҷагиҳо 362 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Аммо дар ноҳия ягон Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил нагардидааст. Майдони умумии заминҳое, ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ тааллуқ дорад 61292 гектарро ташкил медиҳад. Шумораи умумии саҳмдорон беш аз 1300 нафарро ташкил медиҳад. Мушкилоти асосие, ки кишоварзони ноҳия ба он бештар дучор мегарданд, ин норасогии оби полезӣ, фарсудаю корношоям гаштани иншоотҳои обрасонӣ ва пӣгоҳҳои обкашии Лучоб, Паси Теғ ва Бакавули нав, дастрасии нокифояи хоҷагиҳо ба нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ, техникаҳои кишоварзӣ ва бозори фурӯши маҳсулот маҳсуб меёбад. Илова бар ин дар айни замон шакли ҳисоботдиҳӣ ва пешниҳоди он барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (дар омор, нафақа ва андоз) хеле мураккаб буда, вақт ва маблағи зиёдро талаб мекунад. Ҳамзамон дастрасӣ ба сарчашмаҳои қарзгирӣ (махсусан бонкӣ), аз ҷумла баланд будани фоизи қарзҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонии он низ, масоили ҳалталаби соҳа ба ҳисоб мераванд.

Дар барбари нисбатан беҳтар будани нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонии шакли инфиродӣ, имруз як катор мушкилотҳо мавҷуд мебошанд, ки садди роҳи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ шуда истодааст. Дар ин самт

мушкилоти авалиндарача, ин парокандагии хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва набудани механизми идоракунии маҷмуии онҳо ба шумор меравад.

Мувофиқи маълумотҳои расмӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия дар соли 2014 ба 90713 ҳазор сомонӣ расидаст, ки он нисбати солҳои 2012 ва 2013 мутаносибан ба 21,5 % ва 2,2 % афзудаст.




Мувофиқи диаграмма суръати афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Варзоб дар соли 2014 нисбати соли 2013 ба 2058 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки сабаби асосии он афзоиши маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ мебошад.

Ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ назаррас буда 56%-ро ташкил менамояд ва ҳиссаи боқимонда ба соҳаи растанипарӣ рост меояд.

*Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014*




Ба 1 январи соли 2014 масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 163133 га-ро ташкил менамояд, ки аз он 260 га ва ё 0,15%-ро заминҳои обӣ мебошад. Майдони умумии заминҳои корам 2,2 % (3528 га, аз он 800 гектар заминҳои президентӣ), дарахтони бисёрсолаи мевадиҳанда 0,18% (309 га), токзорҳо 0,23 % (383 га), тутзор 0,03% (51га), заминҳои боир 0,01% (26 га), дигар намудҳои дарахтони бисёрсола (чормағззор) 0,01% (19 га) ва алафзор 0,18% (299 га) ташкил менамояд. Қисми зиёд ва ё 41,6% (67811 га) заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо ташкил менамоянд.

*Сохтори истифодабарии замин дар ноҳияи Варзоб*

| № | Истифодабарии заминҳо | Дар худуди марзи маъмурии ноҳия, га | Берун аз худуди марзи маъмурии ноҳия, га |
|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ | 163133 | 82760 |
| | Аз ҷумла, обӣ | 260 | 610 |
| | Заминҳои кишт (корам) | 2276 | 2728 |
| | Аз ҷумла обӣ | 74 | 395 |
| | Дарахтони бисёрсолаи мевадиханда (боғот) | 309 | - |
| | Аз ҷумла обӣ | 1 | - |
| | Токзор | 383 | - |
| | Аз ҷумла обӣ | 1 | - |
| | Тутзор | 51 | - |
| | Аз ҷумла обӣ | 3 | - |
| | Дарахтзор (Нихолпарваришгох) | 1 | - |
| | Намуди дигари дарахтони бисёрсола (чормагзор) | 18 | - |
| | буттазор | 0 | 197 |
| | Аз он обӣ | 0 | 197 |
| | Алафзор | 299 | - |
| | Чароггох | 67811 | 46797 |
| | Заминхои наздихавлиги | 2206 | - |
| | Аз ҷумла обӣ | 181 | - |
| | Хочагиии ёрирасони кишоварзии шахси (заминҳои президентӣ) | 800 | - |
| | Чангалу бешазор | 8176 | - |
| | Бутазор | 2326 | - |
| | Заминҳои зери об | 705 | - |
| | Роҳҳои чорвогузар | 436 | 221 |
| | Заминҳои зери иншоот ва майдонхо | 1071 | 249 |
| | Дигар заминхо | 76265 | 28534 |

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар ноҳия дар соли 2014, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 4748 га кишти зироатҳо гузаронида шудааст, ки аз ин ғалладонагиҳо 2696 га, картошка 271 га, сабзавот 257 га, зироатҳои хӯроки чорво 556 га ташкил дод. Дар ин давра 3%-и заминҳои корам бо сабаби саривақт коркард нашудан кишт нагардидааст ва дар суръати истифода бурдани ин миқдор замин ноҳия метавонад ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, даромади иловагӣ гирад.

*Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои 2012- 2014 дар ноҳияи Варзоб*



Аз майдони умумии заминҳои кишоварзӣ 1,07 фоиз (457,18 гектар, аз ин 195,9 га обӣ) замини наздиҳавлигӣ, 0,75 фоиз (138 га, аз ин 1 га обӣ) замини хоҷагии ёрирасон ва 32,2 фоиз (13720,32 га) дигар заминҳо мебошанд. Дар заминҳои обӣ картошка, сабзавот, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво кишт карда мешавад.

*Истифодаи замин дар ноҳияи Варзоб аз рӯи кишти зироатҳо дар соли 2014 (бо ҳисоби%)*




Дар ҳудуди ноҳия 26 га заминҳои партов (боир) ба қайд гирифта шудааст, ки ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо меваи тару тоза соли 2014 дар ҳудуди ноҳия аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ 37,9 гектар боғҳои нави ангур, себ, зардолу, нок ва гелос дар мавзеъҳои Лучоб 2,2 га, Косатарош 3 га, Чорбоғ 5,7 га, Дашти хорзор 7 га, Бакавул 8 га, Бакавули нав 12 га бунёд шудааст. Инчунин дар соли 2015 дар майдони 29 гектар боғу токзор (18 гектар боғи дарахтони донакдор ва 11 гектар токзор) дар ҳудуди 6 ҷамоати деҳот ва 5 кооперативҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби маблағҳои худии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва сармояи хориҷӣ бунёд ва барқарор гардиданд.

*Сохтори истифодаи умумии замин дар ноҳияи Варзоб дар соли 2013 (фоиз)*




Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд. Аз майдони заминҳои корами ноҳия 67 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (1756,7 га) ва 33 фоиз ба хоҷагиҳои аҳолӣ рост меояд.

Азхудкунии заминҳои нав бояд дар ноҳия бо назардошти ҳолати геофизикии замин ва бо истифода аз усули террасавӣ амалӣ карда шаванд. Тибқи талаботҳои муқарраргардидаи агротехникӣ ва ҳифзи муҳити зист, заминҳое, ки пастхамиашон аз 20% зиёд мебошанд, бояд азхудкуниашон ба мақсади бунёди боғу токзор ва ҷангалзору дарахтзор истифода бурда шаванд.

***Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.*** Соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Варзоб бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар ҳаҷми 90,713 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз он 39,810 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (44%) ва 50,903 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (56 %) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёдтар аст. Тибқи маълумоти омори расмӣ соли 2014 ба ҳар нафар сокини ноҳияи Варзоб 168 кг ғалладонагӣ, 47,4 кг мева, 82,6 кг сабзавот, 144 литр шир, 246 кг картошка, 36,3 кг гӯшт ва 21 дона тухм рост омадааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми солҳои 2012-2014 ба маблағи 250,624 млн. сомонӣ ва ё 28,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда аз намудҳои картошка, сабзавот ва мева метавонад талаботи дохилии ноҳияро қонеъ гардонад ва инчунин содирот карда шавад. Вале масоҳати заминҳои киштбоби ноҳия барои пурра таъмин намудани аҳолии ноҳия бо тамоми намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ басанда нест. Дар шароити кунунӣ дар ноҳияи Варзоб бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда, истифодаи заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо тариқи таъмиру барқарорсозии шабакаҳои обёрӣ, роҳандозӣ намудани обёрии қатрагӣ, истифодаи самараноки заминҳои мавҷуда, азхудкунии заминҳои бекорхобида имконияти аз худ намудани 310 га замини нави обёришаванда мавҷуд аст.




Мувофиқи параметрҳои дурнамо соли 2018 дар ноҳияи Варзоб ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои амалӣ 111,4 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз он 51,98 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 59,42 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Дар доираи Барномаи мазкур дар ноҳияи Варзоб афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нави корам (200 гектар дар мавзеи Сайёд ва 100 гектар дар мавзеи Косатарош) таъмин карда шуда, афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ соли 2018 бо нархҳои соли 2014 тақрибан 27,1 % пешбинӣ гардидааст.

Ноҳияи Варзоб тибки ноҳиябандии табииву хоҷагидорӣ ба минтақаи табииву хоҷагидории Ҳисор таълуқ дорад. Ҳудуди ноҳияи Варзоб тибқи меъёрҳои табииву иқлимӣ ба минтақаҳои табииву хоҷагидории зерин ҷудо мешаванд:

А- Минтақаи наздикуҳии пасткуҳи кишоварзии лалмӣ, боғдорӣ ва токпарварӣ,

Б- Минтакаи миёнакуҳии хуб нармшудаи ҷангалу чарогоҳҳо

В- Минтақаи баландкуҳи нармшудаи чарогоҳҳои тобистона;

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашудаи хоки худуди ноҳияи Варзоб, маълум мешавад, ки имруз дар ноҳия эрозияшавии босуръати заминҳо ба назар мерасад, ки он аз омилҳои таъсиррасони табиӣ ва инчунин антропогени/фаъолияти инсон вобастагӣ дорад. Аз ҷумла: шуста шудани заминхои корам, харобшавӣ ва деградатсияи чароггоҳҳо, ки қариб, ки ҳамаи майдонҳои заминҳои лалмӣ ва чароғгоҳҳои куҳиро фаро гирифтааст. Бинобар ҷараёни харобшавии қабати ҳосилхези хок паст шудани нишондиҳандаҳои ҳосилнокии он ба назар мерасад.

Таҳлилҳо шаҳодат медиҳанд, ки мувофиқи гуруҳбандии нишебии куҳу пуштаҳо, 70% майдони умумии ҳудуди мамурии ноҳияро куҳу пуштаҳои 15° ва 50% онро куҳҳо ва баландкуҳҳои 25° ва зиёдтар аз он ташкил медиҳад. Дар ҳудуди ноҳия, ҳамагӣ куҳу пуштаҳое, ки нишебиашон камтар аз 15° мебошанд 30,6%-ро ташкил медиҳанд. Қобили қайд аст, ки мувофиқи меъёрҳо барои пешбурди фаъолияти кишоварзӣ куҳу пуштаҳои нишебиашон зиёдтар аз 12° мувофиқат намекунад.

*Тақсимоти заминҳо мувофиқи нишебии он*

| Градатсияи нишебиҳо бо градус | Майдон, бо % |
|---|---|
| 0-2 | 11.5 |
| 2-5 | 0.4 |
| 5-10 | 3.2 |
| 10-15 | 15.5 |
| 15-25 | 7.3 |
| > 25 | 52.1 |
| Ҷарӣ ва куҳпораҳо | 10.0 |
| Ҳамагӣ | 100 |

Мувофики ҷадвали овардашуда маълум мешавад, ки иқтидори васеъкунии заминҳои кишт алакай дар ноҳия ба пуррагӣ истифода шудааст.

Мувофики тадқиқотҳои гузаронидашуда маълум шудааст, ки шусташаваии хоке ки дар нишебии 5-7° қарор дорад ба 28 т/га ва дар нишебии 15° аз 150 то 180 т/га ва нишебии 30° то 400т/га баробар мебошад. Дар ҳолати ба маротиб афзудани нишебии куҳу пуштаҳо шусташудани хок ба 6-7 маротиба зиёд мегардад.

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 39810 ҳаз. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 7,4% зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2012 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 88,9 фоизро ташкил додааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ноҳияи Варзоб.*

| № | Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамагӣ шаклҳои хоҷагидорӣ | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ғалладонагӣ-ҳамагӣ | тонна | 2312 | 2676 | 2664 |
| | ҳосилнокӣ | сент. 1 га | 8 | 8,9 | 9,9 |
| 2 | Сабзавот | тонна | 1721 | 1487 | 1193 |
| | ҳосилнокӣ | сент.1 га | 44,1 | 41,6 | 47,3 |
| 3 | Картошка | тонна | 2628 | 3189 | 2259 |
| | ҳосилнокӣ | сент.1 га | 95,9 | 105,6 | 83,4 |
| 4 | Меваҷот | тонна | 1308 | 1495 | 1422 |
| | ҳосилнокӣ | сент.1 га | 21,5 | 26,3 | 27,3 |
| 5 | Ангур | тонна | 885 | 1109 | 1288 |
| | ҳосилнокӣ | сент.1 га | 26,5 | 28,9 | 34,5 |
| 6 | Полезӣ | тонна | 114 | 234 | 256 |
| | ҳосилнокӣ | сент.1 га | 57 | 58,5 | 34,6 |
| 7 | Хуроки чорво | тонна | 9160 | 9353 | 9256 |
| | | сент.1 га | 31,3 | 47,7 | 30,1 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар тӯли солҳои нишондодашуда тамоюли болоравӣ дошта, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар нисбатан зиёд шудааст.

*Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (сентнер/гектар)*




Дар ноҳия маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум зиёдтар истеҳсол карда мешавад. Дар сохтори майдонҳои кишти ғалладона ҳиссаи майдонҳо барои гандум зиёдтар боқӣ мемонад. Дар хоҷагиҳои кишоварзӣ соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 истеҳсоли галладонагиҳо 5,2 фоиз, сабзавот 23,1 фоиз ва картошка 33,0 фоиз зиёд гардид. Тавре, ки маълум мешавад, истеҳсоли ин намуди маҳсулотҳо ба таври экстенсиви (яъне аз ҳисоби зиёд шудани майдони кишт) зиёд шудааст. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми замин гандум истеҳсол мекунанд 90 %- ро ташкил медиҳад.

*Хаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2012-2014 (тонна)*



Ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолии ноҳия дар соли 2014-ум 29,1 кг, аз ҷумла гандум 26,2 килограмро ташкил намуд.

**Боғу токпаварӣ** низ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ҳисоб ёфта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди минтақа имконият фароҳам меорад, ки майдони боғот ва токзор аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва интенсивӣ сол аз сол зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҷот пурра таъмин ва қисми зиёди он содирот шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю ангур, тақозо ба он дорад, ки дар оянда боғу токпавариро дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Танҳо дар солҳои 2006-2011 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 282 га боғу токзори нав бунёд шудааст, ки дар оянда барои зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур ва инкишоф додани ин соҳа имконият фароҳам меорад.

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 таҳти №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагии рушди боғу токпарварӣ барои солҳои 2010-2014» Кишоварзони ноҳияи Варзоб аз ҳамаи имкониятҳо истифода намуда дар солҳои 2011-2012 132,7 гектар боғу токзорҳои нав бунёд намудаанд.

Мушкилотҳое, ки дар соҳаи рушди боғу токпарварӣ монеа мешавад, инҳо барқарор намудани базаи моддию техникии соҳа, истифодаи мақсадноки захрхимикатҳо, нигаҳдорӣ ва коркарди меваю ангурро ба роҳ мондан, мебошад.

Солҳои охир, майдони аксари боғу токзорҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон қариб хароб гардидааст. Сабаби асоси пастшавии ҳосил, паҳншавии касалиҳои гуногуни замббуруғӣ ва зиёдшавии микдори ҳашаротҳои зараррасон мебошад. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зараррасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зиён меоварад, гуногун мегузарад. Бинобар ин дар ин самт лозим аст, ки дар минтақа гурӯҳи махсуси пешгӯӣ оид ба паҳншавии ҳашарот ташкил намуда, фаъолияти стансияҳои муҳофизати растаниҳоро барқарор намоянд.

*Майдони умумии богот ва токзор дар ноҳия тӯли солҳои 2012-2014 (га)*




Дар доираи Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии рушди он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбудӣ бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур то соли 2020 дар ноҳияи Варзоб 350 га ҷангал бунёд ва барқарор

карда мешавад, ки барои ин аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои худии хоҷагиҳо ва ташкилотҳои байналмиллалӣ маблағгузорӣ дар назар дошта шудааст.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2011 № 625 «Дар бораи тасдиқи Барномаи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳои боғу токзори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2015» қабул гардидаст. Тибқи қарори мазкур гузаронидани назорати доимӣ аз паҳншавии ҳашароту касалиҳо ва таъмини пешгӯии кутоҳмуддати онҳо, ҷорӣ намудани дастовардҳои истеҳсолӣ ва додани тавсияҳои илмӣ оид ба муҳофизати боғу токзорҳо ва ҳашароти зараррасон, муайян намудани ҳолати зараровarии иқтисодии ҳашароти асосии дарахтони мевадиҳанда ва токзор, назорати доимӣ оид ба сифати заҳрхимикатҳои нави ба ноҳия воридшаванда, ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ оид ба муҳофизати боғу токзорҳо аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо ва гузаронидани семинарҳои илмӣ – истеҳсолӣ оид ба муҳофизати боғу токзорҳо аз ҳашароти зараррасон ва касалиҳо дар назар дошта шудааст.

**Таъминоти техникаи кишоварзӣ.** Мушкилоти асосие, ки солҳои охир хоҷагиҳои деҳқонӣ ба он рӯ ба рӯ гардида истодаанд, норасогии техникаи кишоварзӣ, ворид нагардидани техникаи нав, кам будани шумораи Марказҳои хизматрасонии техникӣ (МТС) ва агролизингҳо маҳсуб меёбад. Сабабҳои асосии норасогии техникаи кишоварзӣ ва ворид нагардидани техникаи нав ба соҳа дар баланд будани нархи он ва паст будани дараҷаи даромаднокии хоҷагиҳо зоҳир мегардад.

*Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 29 | 24 | 82,7 |
| | аз ҷумла: шудгоркунанда | 7 | 5 | 71,4 |
| | гилдиракдор | 22 | 19 | 86,3 |
| 2 | Автомобилҳо | 11 | 9 | 81,8 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 1 | - | - |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 4 | 4 | 100 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | - | - | - |
| 6 | Алафчамъкунакҳо | 3 | 1 | 33,3 |
| 7 | Тойбандакҳо | 6 | 6 | 100 |
| 8 | Тухмипошакҳо | - | - | - |
| 9 | Култиваторҳо | 1 | 1 | 100 |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 15 | 15 | 100 |

Аз 29 адад тракторҳои мавҷудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 24 адад ба кор омода буда, 5 ададашон корношоям мебошанд. Аз ин тракторҳои шудкоркунда 82,7% ба кор омода мебошанд. Дар баробар ин норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равганҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо, ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ бевосита мусоидат менамояд. Бинобар он хоҷагиҳои деҳқонӣ барои баровардани маҳсулот аз ҳудуди нохия ҳавасманд нестанд.

Бинобар сабаби баланд будани нархи қисмҳои эҳтиётӣ, хурдашавии воситаҳои асосӣ, гузаштани мӯҳлати истифодаи техникаҳои мавҷуда, омодагии техникаҳои кишоварзӣ пурра ва саривақт ба анҷом расонида намешавад.

**Таъминоти оби полезӣ.** Обёрикунии заминҳои нав ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо низ аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалли мушкилоти мазкур дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ аҳамияти калон дорад ва яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Мутаасифона дар ноҳияи Варзоб то ҳол ягон ташкилоти оид ба таъминоти оби полезӣ вуҷуд надорад. Дар ноҳия сохтори воҳидии Шуъбаи беҳдошти замин ва обёрӣ низ таъсис дода нашудааст ва ташкил намудани он яке аз афзалиятҳои

асосии кишоварзии ноҳия мебошад. Мушкилоти дигари соҳаи растанипарварӣ ин харобшавии заминҳо аз ҳисоби мавҷуд набудани низоми киштгардон ва риоя нагардидани қоидаҳои агротехникӣ мебошад. Ягон қитъаи замини харитаи агрокимиёи надорад.

Бо мақсади беҳтар намудани дастрасии истифодабарандагон бо об дар ноҳия бояд ақалан Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ташкил карда шавад, вале айни замон он ҳам вуҷуд надорад.

Солҳои охир бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ноҳия, аз сабаби сари вақт тоза нагардидани 18 км каналҳои дохили хоҷагӣ, таъмир нагардидани иншоотҳои обрасонӣ, норасогии теъдоди техникаҳои замонавӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, воситаҳои молиявӣ ба мушоҳида мерасад.

Барои обёри намудани заминҳои кишоварзӣ дар ноҳия 27 адад каналҳои байнихочагӣ мавҷуданд, ки дарозии умумии онҳо 113,5 км – ро ташкил медиҳад. Сарчашмаи асосии обёрии заминҳо дарёҳои кухӣ ва чашмахо маҳсуб меёбад, ки ҳамасола дар мавсими обёрӣ каналҳо аз қум пур шуда, дар баъзе мавридҳо як қисми каналҳо ду маротиба тоза карда мешавад, ки аз ин ҳисоб маблағҳои иловагӣ масраф мегардад.

*Иншоотҳои обтаъминкунӣ*

| № | Номгӯи каналҳо | Шумораи объектҳои обтаъминкунӣ | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Умумӣ, км | Аз ин тоза карда шудаст (км) |
| 1 | Косатарош | 2 | 6,2 | Тоза нашудааст |
| 2 | Харангон | 2 | 6,6 | Тоза нашудааст |
| 3 | Сайёд | 5 | 10,1 | 1,2 |
| 4 | Морсулат | 1 | 5,9 | 0,5 |
| 5 | Боғчигда | 1 | 6,1 | Тоза карданашудааст |

Қобили қайд аст, ки дар ноҳияи Варзоб ҳолати техникии каналҳо ва дюкерҳои мавҷуда ба талабот ҷавобгӯ нест ва пайваста таъмиру таҷдидро талаб менамояд.

Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №450 аз 31 августи соли 2012 “Дар бораи барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” дар ноҳияи Варзоб иҷрои корҳои азхудкунии 160 га замини нав дар мавзеъҳои Сайёд ва Новакандоз, тавассути пойгоҳи нави обкашӣ обёрӣ намудани 97 га замин дар ҷамоати Лучоб ва беҳтаргардонии ҳолати мелиоративии 61 га заминҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва сармояи хориҷӣ пешбинӣ шудааст.

Рушди ояндаи соҳаи кишоварзии ноҳия танҳо дар ҳолати таъмиру таҷдиди шабакаҳои таъминоти оби полезӣ, бунёд намудани пойгоҳи нави обкашӣ дар мавзеи Сайёд (Шуртуғай) барои обёрии беш аз 200 га заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани он алоқамандӣ дорад.

Мушкилии дигари соҳаи таъминоти оби полезӣ, бо сабаби нокифоягии маблағҳои ҷудошаванда сари вақт иҷро нагаштани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ мебошад. Таи солҳои 2012-2014 дар натиҷаи баланд гардидани сатҳи дарёчаҳои ноҳия дар мавсими боришот ва обхезӣ зиёда аз 3,1 гектар заминҳои дарахтзорҳо ва боғоти деҳаҳои Лучоб ва Чорбоғ нобуд гардиданд. Бо мақсади кам кардани хавфи шуставии заминҳои корам, дар ноҳия зарурияти гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба дарозии умумии 12,6 км бо роҳи кашидани симтур ва бо сангу шағал пур намудани онҳо ба маблағӣ тақрибан 4,6 млн.сомонӣ дар ҳудуди деҳаҳои номбурда ба миён омадааст, ки дар натиҷа майдони 65 гектар заминро аз хатари шуставӣ эмин нигоҳ дошта мешавад. Дар деҳаҳои Лучоб, Косатарош, Харангон, Сайёд дар мавсими баландшавии оби дарёҳо хавфи шусташавии каналҳои мавҷуда ба миён меояд.

Яке аз сабабҳои асосии сари вақт тоза нагардидани каналҳо ин набудани сохтори масъул дар соҳаи таъминоти оби полезӣ, кӯҳнаю фарсуда гардидани воситаҳои

техникии мавҷудаи аҳолӣ, норасогӣ ва гаронии нархи маводҳои сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва норасогии воситаҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷудаи соҳа дар се соли охир аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ягон сомонӣ ҷудо нагардидааст.

Дар ҳудуди ноҳия 17,8 км каналҳои байнихоҷагӣ (13,2 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) ва 14,8 км каналҳои обрасонии дохилихоҷагӣ (11,4 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш) мавҷуд мебошад. Дар айни замон беш аз 86,3 фоизи каналҳо ба тозакунӣ ва таъмиру тармим ниёз доранд. Дар натиҷаи сари вақт тоза нагардидани иншоотҳои обрасонии зикргардида, эҳтимолияти бад гардидани ҳолати мелиоративии 87,2 га замин ба миён меояд. Ҳамзамон, шумораи иншоотҳои гидротехникии байни хоҷагӣ 61 ададро ташкил медиҳад, ки қисми бештари онҳо солҳои 1956-1964 сохта шуда, ҳоло 78,5 фоизи он фарсуда гардида ба таъмиру тармим эҳтиёҷ доранд.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахши асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 56 фоизро ташкил менамояд. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзӣ 50,9 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2013 ба маблаги 2058 ҳазор сомонй зиёд мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2012-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Гӯшт бо вазни зинда | тонна | 368,1 | 370,2 | 372,0 | 101,9 |
| Шир | тонна | 22841 | 2314 | 2342 | 103,2 |
| Тухм | ҳаз. дона | 980 | 984 | 986 | 100,7 |
| Асал | тонна | 41 | 56 | 62 | 160,0 |
| Пашм | тонна | 27,6 | 28,0 | 28,0 | 106,0 |

Аз рӯи ҳисобгирии хоҷагиҳои шахсӣ дар ноҳия зиёда аз 19,004 ҳазор саршумори моли калони шохдор, аз ҷумла 13,3 ҳазор модагов, 75,6 ҳазор моли майда, 225 сар асп ва 18,1 ҳазор мурғ мавҷуд аст, вале афзоиши саршумор ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбати талабот дар сатҳи паст қарор дорад.

*Саршумори умумии ҳайвонот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1.Чорвои калон | 19723 | 21915 | 14333 | 17753 | 19004 |
| 2. Бузу гӯсфанд | 80998 | 90533 | 39961 | 72244 | 75632 |
| 3. Мурғ | 20144 | 19731 | 12832 | 15754 | 18152 |
| 4. Асп | 262 | 322 | 149 | 247 | 225 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки зиёдшавии сол аз сол саршумори ҳайвонот назаррас аст ва соли 2014 дар қиёс ба солҳои 2012 мутаносибан чорвои калон 4671 сар ё 75,4%; бузу гӯсфанд 35671 сар ё 52,8%; мурғ 5320 сар ё 70,6% ва асп саршумораш 76 сар ё 66,2% зиёд шудааст.

Дар ноҳия ба ҳолати 01.01.2015 ҳамагӣ 19004 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст, ки қисмати бештари он ба аҳолӣ (89,4 фоиз) таалуқ дорад.

Бе баланд бардоштани махсулнокии соҳаи чорво ва ташкили базаи хӯроки он истеҳсоли зиёд намудани маҳсулоти чорводорӣ дар ноҳия ғайриимкон аст. Зиёд намудани саршумори чорво дар сектори хусусӣ ва барҳам хӯрдани фермаҳои нигаҳдории он имкониятҳои зиёд намудани саршумори чорво ва истифодабарии чарогоҳро маҳдуд карда, даромаднокии соҳаи чорводориро дар хоҷагиҳои кишоварзӣ камтар менамояд.

*Саршумори чорвои калони шохдор аз рӯи шакли моликият (бо %)*




Бинобар ин барои зиёдтар намудани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ ва бо мақсади иҷро намудани барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007 таҳти №501 Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво қабул карда шуда, инчунин бо мақсади афзун намудани маҳсулоти чорводорӣ ва мусоидии шароити иқлимии ноҳияро барои парвариши қутос (28 сар қутос дар ҷамоати деҳоти Лучоб дар саргаҳи дарёи Лучоб парвариш меёбад) ба ҳисоб гирифта, дар асоси Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 сар қутос аз ҳисоби маблаггузориҳои ҷумҳуриявӣ дар хоҷагии деҳқонии «Ҳамид» дастрас гашта дар соли 2012 аз ҳисоби ин барнома 30 сар иловатан ворид гардид.

Дар шароити ҳозираи соҳаи кишоварзӣ ривоҷ додани аспарварӣ барои мардуми маҳал яке аз соҳаҳои зарурӣ ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар ноҳия дар баъзе хоҷагиҳо ба парвариши асп шурӯъ намудаанд. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ соли 2014 ҳамагӣ 225 сар асп парвариш карда мешавад.

Дар ноҳия 69 фоизи фурӯши чорво ва парранда, тавассути хоҷагиҳои шахсӣ сурат мегирад. Фурӯши чорвои калони шохдор дар байни хоҷагиҳои шахсӣ ноҳия паҳнгашта мебошад. Дар ноҳия ба фурӯши чорвои калони шохдор 47 фоизи хоҷагиҳои шахсӣ ва ба фурӯши бузу гӯсфанд 32 фоизи хоҷагиҳо машғул мебошанд.

Дар ноҳияи Варзоб барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст, зеро майдони умумии чарогоҳҳо 67811 гектарро ташкил медиҳад, ки ин ба 41,6%-и майдони умумии заминҳои кишоварзӣ баробар аст.

Барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи кунунии соҳаи чорводорӣ дар ноҳия зиёд намудани майдони кишти хӯроки чорво ва мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво, зиёд намудани саршумори чорвои хушзот, гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқоти дар байни аҳолӣ барои беҳтар намудани зотҳои чорвои шахсӣ, сари вақт гузаронидани чорабиниҳои лозима марбут ба пешгирии касалиҳои чорво ва ғайра, зарур аст.

Омилҳои асосии рушди соҳаи чорводории ноҳия:

- зиёд ва ғанӣ гардонидани замини кишти хӯроки чорво;
- зиёд намудани кишти заминҳои растаниҳои равғандор дар хоҷагиҳо барои хӯроки чорво;
- барои хушзот намудани чорво ташкил намудани базаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои чорвопарвар;
- таъмин намудани хоҷагиҳо бо чарогоҳҳои зимистонаю тобистона;
- зиёд намудани саршумори чорво дар хоҷагиҳое, ки саршуморро кам кардаанд ва ба роҳ мондани бордоркунии сунъии чорво.

**Соҳаи моҳипарварӣ** яке аз соҳаҳои нав ва муфид барои ноҳия ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005 таҳти №396 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» дар ноҳияи Варзоб дар соли 2012 4 ҳавзи моҳипарварӣ дар ҷамоати Деҳмалик ташкил гашта соли 2013–2014 соҳаи моҳипарварӣ бештар рушд намуд. Дар соли 2014 аз ҷониби моҳипарварони ноҳия дар ҳаҷми 4,4 тонна моҳӣ истеҳсол карда шуд, ки дар қиёс ба соли 2012 ба 0,7 тонна зиёд мебошад. Ҳамзамон, дар ин соҳа моҳипарварон ба як қатор мушкилиҳо дучор меоянд, ки он пеш аз ҳама ба нарасидани моҳичаҳо ва хӯрокии моҳӣ, ҷиҳати афзун гардонидани ҳаҷми исетҳсоли моҳӣ алоқаманд мебошад.

***Занбӯри асалпарварӣ.*** Дар баробари соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва моҳипарварӣ соҳаи занбӯри асалпарварӣ низ мавқеи хоса дорад. Занбӯри асалпарварӣ ва истеҳсоли асал бахши камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Шароити иқлими ноҳияи Варзоб барои истеҳсоли асал ва рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳанда имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Дар соли 2014 дар 230 хоҷагиҳои занбӯрпарварии ноҳияи Варзоб 3509 оилаи занбӯри асал парвариш мегарданд. Истеҳсоли асал аз 41 тоннаи соли 2012 ба 62 тонна дар соли 2014 расонида шудааст. Дар ноҳия аз соли 2000 бо мақсади рушди соҳаи занбӯрпарварӣ ассотсиятсияи занбурпарварон ташкил карда шуд, ки он дар ҳалли баъзе мушкилоти соҳа, аз ҷумла безарар гардонидани ангезаҳои бемории сироятӣ, таъмини маводҳои зарурӣ барои занбӯрпарварон ва дар хариду фурӯши маҳсулоти тавлидшуда мусоидат намуд.

*Истеҳсоли асал дар тӯли солҳои 2011-2014 (тонна)*

| Солҳо | Шумораи оилаҳо | Дар шакли натуравӣ (тонна) | Дар шакли пулӣ аз рӯи нархҳои ҷорӣ (соли 2014) (ҳаз. сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 2012 | 2943 | 41 | 1640 |
| 2013 | 3117 | 56 | 2240 |
| 2014 | 3509 | 62 | 2480 |

Дар хоҷагиҳои ноҳия ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2010 №418 «Барномаи рушди соҳаи занбурпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» парвариши оилаҳои занбури асал ба роҳ монда шудааст ва тибқи он дар панҷ соли оянда зиёд намудани истеҳоли асал ба 77 тонна ва афзудани шумораи оилаҳои занбӯри асал то соли 2016 ба 4500 адад пешбинӣ гардидааст.



Солҳои охир дар деҳотҳои ноҳияи Варзоб соҳаи занбӯри асалпарварӣ низ ривоҷ ёфта, ассотсиатсияи занбӯрпарварон ташкил карда шуд. Дар он 230 нафар замбӯрпарварон шомил буда, шумораи оилаҳои замбӯри асал ба 3509 адад расидааст.

Барои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи асалпарварӣ дастгирӣ намудани хоҷагиҳои асалпарвар ва ба онҳо додани қарзҳои дарозмӯҳлат ва бо фоизи паст ба мақсад мувофиқ мебошад.

Айни замон, мусоидат намудан ба рушди соҳаи занбури асалпарварӣ яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи миллӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина сол то сол дар сатҳи ноҳияҳо зиёд намудани шумораи оилаҳои занбур ва ҳаҷми истеҳсоли асал дар назар дошта шудааст.

**Соҳаи байторӣ.** Байторӣ яке аз самтҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ ва пешгири бемориҳои чорво ба шумор меравад. Дар ноҳияи Варзоб дар ин самт Стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот фаъолият менамояд. Ҳайати кормандони стансияи мазкур аз 20 нафар кормандон иборат буда, 8 нафари онҳо дорои маълумоти олӣ ва боқимонда дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд ва ба аҳолии 7 ҷамоати деҳоти нохия ва хоҷагиҳои деҳқоние, ки бо парвариши чорво машғул мебошанд хизматрасонӣ менамояд. Тибқи маълумотҳо дар ноҳия бемории ҳории сагҳо, оқсил, қарасон, бруселёз ба қайд гирифта шудааст. Дар баробари ба таври мунтазам татбиқ шудани чорабиниҳои пешгирии бемориҳои ҳайвонот, дар ноҳия ҳолатҳои аз нав бақайдгирии касалиҳои дар боло зикргардида ба назар мерасад, ки сабаби он ба пуррагӣ фарогир нашудани ҳайвонот ба чорабиниҳои профилактикӣ, бинобар сабаби норасогии воҳидҳои корӣ ва мутахассион, инчунин норасоии ваксинаҳои оқсил, қарасон, ҳории сагҳо, модаҳо ва маҳлулҳои безараргардонӣ (креолин, ратсидол, хлор ва ғайраҳо), дорувориҳои бекирмгардонии чорво - албен, албендазол, ивермег, ивермегтин мебошад.

Таъминоти ваксинаҳо асосан аз ҳисоби Фонди эпизоотикии Хадамоти назорати давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Бо ин мақсад ҳамасола аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблагҳои махсус ҷудо мегарданд, ки он барои ҳали мушкилот нокифоя мебошад. Ҳангоме, ки дар ноҳия 27 ҳазор сар ЧКШ ва 102 ҳазор чорвои майда ба қайд гирифта шудааст барои эмгузаронии онҳо мувофиқи меъёрҳои мавҷуда тақрибан 100 воя ваксинаҳои гуногун лозим мебошад. Айни замон дар ноҳия ҳамаги 4 ҳазор воя ваксинаи оқсил ва 70 ҳазор ваксинаи сӯхтанӣ мавҷуд мебошад. Стансияи байтории ноҳия бинои маъмурӣ, дигар иншоотҳои ёрирасон ва лабароторияи махсус надорад, ки ин барои самаранокии фаъолияти корхона монеа мегардад. Инчунин барои сари вақт ва самаранок гузаронидани чорабиниҳои профелактикӣ, набудани автомашинаи махсусгардонидашудаи безараргардониву маҳвнамоии чорвои фавтида (ДУК) монеагӣ менамояд. Дар ноҳия ҳамаги 2 дорухонаи байтори мавҷуд мебошад, ки он талаботҳои мавҷударо қонеъ намегардонад. Дар ҷамоатҳои деҳот нуқтаҳои байторӣ вуҷуд надоранд, ки ин низ сади роҳи рушди соҳаи чорводорӣ мегардад. Дар ноҳия масъалаҳои бордоркунии сунъии чорво дар маркази ноҳия гузаронида мешавад, ташкили чунин нуқтаҳо бо назардошти таъсиси бунгоҳҳои бойтории минтақави ва ҷудо намудани воҳидҳои алоҳидаи кори дар деҳот низ метавонад дар хушзодкунии чорвои маҳалли саҳми арзанда гузорад.

Яке аз мушкилотҳои асосии соҳа, набудани нуқтаҳои забҳи чорвои ба талаботҳои санитарвиу эпидемиологӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ноҳия ҳади аққал таъсиси ду нуқта мувофиқи мақад мебошад (дар ҷ/д Лучоб, ҷ/д Деҳмалик). Тибқи маълумотҳо дар ноҳия нуқтаи безараргардонии чорвои фавтида/чоҳи Беккер мавҷуд нест, ки ин ҳангоми сар задани бемориҳои шадиди сироятӣ метавонад ба ҳолати эпидемиологиву санитарии ноҳия таҳдид намояд.

Инчунин ба ҳолати эпидемиологии ноҳия набудани монеаҳои дизенфексионӣ / нуқтаҳои безараргардонӣ ҳангоми аз чарогоҳҳои зимистона ба чарогоҳҳои тобистона рондани чорво таҳдид менамояд.

*Маълумот оиди беморихои чорво дар ноҳияи Варзоб*

| Номгӯи бемории чорво | Саршумор |
|---|---|
| Ҳории сагҳо | 3 сар |
| Оқсил | - |
| Қарасон | - |
| Бруселёзи ЧКШ | 2 |

Рушди соҳаҳои чорводорӣ, замбӯри асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хадамоти сифатнокӣ бойторӣ ва сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вабастагӣ дорад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо мебошад. Барои беҳтар намудани зоти чорво, маҳсулнокӣ ва солим нигоҳ доштани чорвои зотӣ аз бордоркунии сунъӣ, бо ваксинаи тейлериоз таъмин намудани хоҷагиҳои чорводор лозим аст, вале хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо сабаби он, ки ин ваксина аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад, бо ин ваксина пурра таъмин нестанд.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Ташкил намудани ҷойҳои махсус барои забҳ (ҷиҳати нест кардани хун ва дигар партовҳои нолозим), гӯронидан ва сӯзонидани чорвои талафётаи шубҳанок дорои касалии сироятӣ ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагӣ аз ифлосшавии муҳити атроф яке аз самтҳои асосии Барнома дар панҷ соли оянда мебошад. Дар ҷамоатҳои ноҳия барои безаргардонидани чорвои фавтида ҷои махсус вуҷуд надорад.

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилотҳои ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои сари вақти андешида шавад. Дар ин самт пешбурди чорабиниҳои иттилоотӣ низ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Татбиқи амалии Барномаи ноҳия дар бахши рушди кишоварзӣ то соли 2020 имконият медиҳад, ки маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 25-30 фоиз афзоиш ёфта, ҳосилнокии меҳнат 15-20 фоиз ва маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ 16-20 фоиз зиёд гардад.

***Хоҷагии ҷангал.*** Дар ноҳия оиди масъалаҳои муҳофизат, нигоҳубин ва бунёди майдони ҷангалзорҳои нав, муассисаи “Қитъаи хоҷагии ҷангали ноҳияи Варзоб” фаъолият менамояд. Дар он 4 нафар кормандони доимӣ (1 нафар нозир ва 3 нафар ҷангалбон), инчунин 12 нафар кормандони мавсимӣ фаъолият менамоянд. Дар хоҷагии ҷангали ноҳия ҳар сол то 2,2 тонна меваи хушк, 1,4 тонна чормағз, 11,1 тонна хӯроки чорво, 2,7 тонна хуч истеҳсол гардида, зиёда аз 394 м3 ҳезум ба фурӯш бароварда мешавад. Масоҳати умумии ҷангалу бешазорҳои ноҳияи Варзоб 8176 гектарро ташкил медиҳад. Дар ҷангалзорҳои ноҳияи Варзоб асосан дарахтони себ, зардолу, бед, сафедор, ар-ар, хуч, чормағз, бодом парвариш мeёбанд. Дар доираи “Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон” масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия барои парвариши ниҳолҳои соябафкан ва зиёд намудани масоҳати ҷангалзор (110 га дар чамоатҳои Лучоб, С.Айнӣ ва Варзоб Қалъа), инчунин бо мақсади истеҳсоли маводи сохтмонӣ бунёди ҷангал дар масоҳати 24 га пешбинӣ шудааст. Мушкилии асосии соҳа, ин норасогии техника ва коргоҳҳои коркарди хуч, мева, гиёҳҳои шифобахш, чормағз ва асал дар хоҷагии ҷангали ноҳия мебошад.

**Дурнамои рушди истеҳсолоти кишоварзии ноҳияи Варзоб.** Дар доираи Барномаи рушди ноҳияи Варзоб тибқи нишондиҳандаҳои дурнамо дар соли 2018 нисбат ба соли 2014 истеҳсоли ғалладонагӣ 14 фоиз (462 тонна), картошка 2,2 фоиз (126 тонна), сабзавот 1,01 фоиз (12 тонна) ва мевагӣ 40,6 фоиз (278 тонна) зиёд мегардад. Дар давоми 5 соли оянда васеъ кардани майдони боғот аз ҳисоби 50 га заминҳои ғайрикорами кишоварзӣ ва азхудкунию обёрии заминҳои нави банақшагирифташуда, азнав барқарор намудани 80 га боғҳои кӯҳна васеъ карда шуда, 65 ҷои кории нав ташкил мегардад. Дар солҳои 2016-2020 бунёд намудани 1200 га боғҳои нав ва барқарорсозии 110 га ҷангалзор пешбинӣ шудааст.

Шароитҳои табиию иқлими ноҳияи Варзоб барои рушди боғдорӣ мусоид буда, имконият фароҳам меорад, ки майдони боғҳо бо назардошти ташкили боғҳои интенсивӣ ва дарахтони навъҳои серҳосили анҷир, анор, меваҳои субтропикӣ, хурмо, себ, нок, зардолу, олу, олуча ва гелос васеъ намуда, ҳаҷми бештари содирот ва фурӯши онро таъмин намояд. Тайи солҳои 2012-2014 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 41 га боғҳои нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд гардидааст. Бинобар сабаби дар ноҳияи Варзоб вуҷуд надоштани корхонаи коркарди мева миқдори зиёди меваҷот исроф гардида, он ҳамчун хӯроки чорво истифода мегардад ва сабаби зарари молии хоҷагиҳои боғпарварӣ мегардад. Дар ояндаи наздик зарурияти ташкили нуқтаи қабули меваи хушк ва сохтмони коргоҳҳои хурди коркарди меваю сабзавот дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот яке аз афзалиятҳои асосии Барномаи рушди ноҳияи Варзоб мебошад. Дар асоси комёбиҳои илмӣ ба роҳ мондани муҳофизати боғу токзор аз касалиҳо ва ҳашароти зараррасон боиси афзоиши ҳосилнокӣ ва истеҳсоли бештари меваю ангур хоҳад гардид. Аз ин лиҳоз, дар ояндаи миёнамӯҳлат бо ҷалби сармоя аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир ҷиҳати ҳифзу нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ самти муҳими Барномаи рушди ноҳияи Варзоб мебошад.

***Мушкилиҳои соҳаи кишоварзӣ.*** Мавҷуд набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (мева, сабзавот, ширу гӯшт ва пашму пӯст), набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм, нокифоягии маблағ барои азхудкунии заминҳои нав ва обёрии заминҳо, паст будани сатҳи хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтори кишоварзӣ, бахусус дар мавриди таъминот бо оби полезӣ, фарсуда ва корношоям гаштани техникаҳои мавҷудаи хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва нокифоягии техникаи ҳозиразамон, сари вақт таъмин нагардидани хоҷагиҳо бо тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани низоми киштгардон, паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (бо сабабхои иваз нашудани тухмиҳо), зиёд шудани ҳашароти зараррасон, касалиҳои гуногун ва дастрас набудани маводи доруворию заҳркимиёҳо барои коркард намудани боғ ва киштзор, ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳои чорвопарвар бо ваксинаҳо ва мушкилии хизматрасонии байторӣ дар сатҳи ҷамоатҳо, нокифоягии шумораи байторҳо ва таҷҳизоти байторӣ, набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва ҷойҳои махсус барои безараргардонии чорвои фовтида, набудани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ дар сатҳи ҷамоатҳо, маълумоти кофии тахассусӣ надоштани сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ (зиёда аз 71% онҳо таҷрибаи корӣ ва маълумоти кишоварзӣ, 15% таҷрибаи роҳбарӣ надоранд ва 22% хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкили дурусти ҳисобу китоби хоҷагидориро ба роҳ намондаанд), бад шудани ҳолати заминҳо ва аз кор баромадани шабакаи обтақсимкунии мавзеъҳои Қарагаза ва Шуртуғай, зарурияти барқарор намудани шабакаи обтаъминкунии ҷамоати деҳоти Лучоб, маҳдуд будани имконити маблағгузории самтҳои афзалиятноки соҳаи чорводорӣ, набудани ҳавзҳои лозима дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ, талаф ёфтани бештари маҳсулоти кишоварзӣ, коркарди душвори заминҳои кишти лалмӣ, маҳдуд будани дастрасӣ ба хизматрасониҳои хушсифати кишоварзӣ, паст будани ҳосилнокии меҳнат дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, заиф будани бозори фурӯши маҳсулоти хоҷагиҳои кишоварзӣ.

## 2.2. Саноат

**Аҳамиятнокии саноат барои иқтисодиёти ноҳия.** Соҳаи саноати ноҳияи Варзоб яке аз ҷузъҳои таркибии саноати ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар он иқтидори калони истеҳсолӣ мавҷуд мебошад (он 0.20%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро ташкил медиҳад). Соҳаи саноати ноҳия асосан аз корхонаҳои истихроҷи ангиштсанг ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ иборат аст. Истихроҷи ангиштсанг 83%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии ноҳияро ташкил менамояд.

Аз шумораи умумии корхонаҳо 2 ададаш аз фаъолият боз мондаанд, аз ҷумла: Комбинати маъдантозакунии «Такоб» ва корхонаи хусусии «Сиёма». Яке аз сабабҳои асосии фаъолият накардани корхонаҳои номбурда, норасогии нерӯи барқ, мушкилоти сармоягузорӣ ва мавҷуд набудани хати озоди барқ мебошад. Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда фаъолияти корхонаҳои саноатии ноҳияи Варзоб дар давоми солҳои охир назаррас гаштааст.

Корхонаҳои саноатии ноҳияи Варзоб дар соли 2014 дар ҳаҷми 20,3 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки дар қиёс ба соли 2012 қариб 70% ва ё 8,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.




Тибқи нақшаи дурнамо дар ноҳияи Варзоб расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2016 то ба 30 млн. сомонӣ, ва то соли 2020 то ба 51,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.




Айни ҳол дар ноҳияи Варзоб 6 корхонаи саноатӣ фаъолият мекунад, ки истеҳсолот дар онҳо дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Танҳо дар

солҳои 2012-2014 ҳамагӣ 3 корхонаи нави саноатӣ ба фаъолият шурӯъ карданд, ки дар онҳо 40 ҷои корӣ таъсис дода шудааст.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии ноҳия дар солҳои 2012-2014*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | воҳидиченак | Истеҳсоли маҳсулот ба намуди аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот ба ҳисобимаблағӣ (ҳ. сомонӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | |
| | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1. | ҶДММ «Сангғалт» | | | | | 11732,1 | 5652,4 | 6 155,1 |
| | ангишт | тонна | 92970 | 42331 | 42389 | | | |
| 2. | КФ «КА Зидеҳ» | | | | | 4975,6 | 6568,3 | 10760,1 |
| | ангишт | тонна | 46211 | 45407 | 81702 | | | |
| 3. | ҶДММ«ЦзинянИнхай» | | | | | - | - | 740,0 |
| | хишти пухта | ҳаз дона | - | - | 1 571,0 | | | |
| 4. | ҶДММ «Тоҷикистон» | | | | | 525,0 | 1054,6 | - |
| | семент | тонна | 1050 | 1630 | - | | | |
| 5. | ҶДММ «Симот колтд» | | | | | 211,1 | 217,8 | 196,6 |
| | сангреза | мет. кӯб | 623,2 | 1753 | 2105 | | | |
| | қум | мет. кӯб | 1037 | 1654 | 2001 | | | |
| | семблок | ҳаз дона | 42994 | 10330 | 3036 | | | |
| | хокаи минералӣ | мет. кӯб | - | - | 130 | | | |
| 6. | ҶДММ «Қули бодом» | | | | | - | 119,3 | 164,3 |
| | сангреза | мет. кӯб | - | 1920 | 4038 | | | |
| | қум | мет. кӯб | - | 1234 | 2968 | | | |

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 120 нафар коргарон (3,4%-и бо кор таъмин будагон дар ноҳия) фаъолият мекунанд, ки 18 (15%) нафарашон занҳо мебошанд. Музди меҳнати миёнаи корхонаҳои саноатӣ соли 2014 418 сомониро ташкил кард. Маблағи пардохти андоз ба буҷети маҳаллӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 ҳамагӣ 8 млн.сомонӣ (ё худ 12% даромади буҷетро) ташкил дод.

Ҳамаи корхонаҳои саноатӣ бо қувваи корӣ таъмин мебошанд, вале бо вуҷуди он дар баъзе корхонаҳо норасоии мутахассисони баландихтисос эҳсос карда мешавад.

**Ҳолати корхонаҳои саноатӣ.** Корхонаҳои саноатӣ бо техникаи истеҳсолӣ муҷаҳҳаз мебошанд, вале аксарияти онҳо фарсуда гашта ба ҷараёни истеҳсолот ва сифати маҳсулот таъсири манфӣ мерасонанд.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳияи Варзоб*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Иқтидори лоиҳавии корхона | Иқтидори аслии корхона | Истеъмолкунандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Сангғалт» | | | Аҳолии ноҳия ва шаҳри Душанбе |
| | ангишт | 40 000 тн | 42 389 тн | |
| 2 | КФ «КА Зидеҳ» | | | Аҳолии ноҳия ва шаҳри Душанбе |
| | ангишт | 50 000 тн | 81 702 тн | |
| 3 | ҶДММ «Цзинян Инхай» | | | Аҳолии ноҳия ва шаҳри Душанбе |
| | хишти пухта | 8 млн дона | 1 571,0 дона | |
| 4 | ҶДММ «Симот колтд» | | | Аҳолии ноҳия ва шаҳри Душанбе |
| | сангреза | - | 2105$м^3$ | |
| | қум | | 2001$м^3$ | |
| | семблок | | 3036дона | |
| | хокаи минералӣ | | 130$м^3$ | |
| 5 | ҶДММ «Қули бодом» | | | Аҳолии ноҳия ва шаҳри Душанбе |
| | сангреза | - | 4038$м^3$ | |
| | қум | - | 2968$м^3$ | |
| 6 | ҶДММ «Тоҷикистон» | | | Аҳолии ноҳия ва шаҳри Душанбе |
| | семент | 72 000 тн | 1630 тн | |

Аз маълумотҳои овардашуда бар меояд, ки аз шумораи умумии корхонаҳо 2 адади он, аз ҷумла Комбинати маъдантозакунии «Такоб» пас аз хусусӣ гардонидан ва баҳси судӣ доштанаш ва корхонаи хусусии «Сиёма» бо сабаби набудани барқи доимӣ бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд.

**Иқтидорҳо.** Иқтидори бузурги корхонаҳои саноатии ноҳияи Варзоб ба пуррагӣ истифода намешавад. Дар ноҳия зарурати ҷорӣ намудани раванди дастгирии рушди корхонаҳое, ки дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла коркарди маъдан ва истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ба миён омадааст.

Манбаи асосии афзун гардонидани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ноҳия, таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди ширу гӯшт, коркарди меваю сабзавот, бофандагию дӯзандагӣ, коркарди пӯст ва маҳсулот аз он, коркарди пашм, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба шумор меравад. Дар доираи Барномаи мазкур барқарорсозии фаъолияти ҶСК «Такобский ГОК», ҶДММ «Сиёма», инчунин сохта ба истифода додан ва муҷаҳҳазгардонии корхонаи коркарди ширу гӯшт ва консерваи меваю сабзавот, пешбинӣ гардидааст. Дар ҳолати иҷро гардидани корҳои зикршуда, дар ноҳияи Варзоб зиёда аз 500 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи ноҳия;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар ноҳия.

Таҷҳизотҳои қисме аз корхонаҳои саноатии ноҳия кӯҳна ва фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нестанд.

**Дурнамо.** Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои МИҲД-и ноҳияи Варзоб, болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2018 нисбати соли 2014 ба 148% аз ҳисоби ба кор даровардани иктидорҳои саноатии нав ва технологияҳои муосир оиди коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар назар аст. Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаҳои дурнамо бо назардошти таҷҳизонидани корхонаҳо бо технологияи нав ва пурра ба кор даровадани иқтидорҳои мавҷудаи онҳо, таъсиси корхонаҳои нави хурду миёна, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2018 дар қиёс ба соли 2014 қариб 50 % зиёд хоҳад шуд. Ҳамзамон, дар Барнома то соли 2020 ба истифода додани 8 адад корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 51,8 миллион сомонӣ расонида хоҳад шуд.

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати ноҳия тибқи дурнамо дар панҷ соли оянда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

*Ҷиҳати рушди саноат дар ноҳияи Варзоб татбиқи амалии чунин тадбирҳо зарур аст:*

- муҳайё намудани шароитҳои мӯътадил баҳри рушди корхонаҳои тиҷоратии хурд ва миёна;
- ҷалби сармоягузорони потенсиалӣ (имкониятдошта);
- ташкили корхонаҳои муштарак ва ширкатҳо бо дигар кишварҳо;
- истифодаи технологияи пешқадам;
- ташкил намудани хизматрасонии техникӣ (сервис) ва хизматрасониҳои ёрирасон;
- беҳтар намудани раванди сертификатсиякунонии истеҳсолот ва маҳсулот;

– мукаммалсозии низоми нигоҳдории маҳсулот;
– омодасозии кормандони муҳандисӣ ва муттахасисон;
– харидорӣ намудани таҷҳизоти ҳозирзамон.

Иҷрои тадбирҳои мазкур, имконият медиҳад, ки ноҳия марҳила ба марҳила индустриализатсия кунонида шуда, ҷойҳои навӣ корӣ ташкил карда шавад ва ин ба таври мусбат ба раванди муҳоҷират таъсир расонида ба устуворсозии вазъи муҳоҷират дар ноҳия ва дар охир, ба рушди устувори равандҳои демографӣ оварда мерасонад.

Дар шароити ба амаломада рушди иқтисодии ноҳия танҳо он гоҳ самаранок мегардад, ки агар бо истифодаи тамоми имкониятҳо, корхонаҳои хурд ва миёнаи коркарди маҳсулот ташкил карда шаванд.

**Мушкилиҳои асосии соҳа**: мавҷудияти меъёри қатъии маҳдудияти истифодаи нерӯи барқ ва газ, мунтазам қатъ гаштани интиқоли онҳо, қарздории корхонаҳо дар назди мақомоти андоз ва идораи фурӯши барқ, бетаҳқиқ мондан ва истихроҷ нагаштани конҳои канданиҳои фоиданок, таҷҳизоти технологии аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ фарсудашуда, сатҳи пасти мененҷмент, истифода нагаштани низоми муосири маркетинг ва менеҷмент.

## 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

**Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.** Барои рушди ноҳияи Варзоб соҳибкории хурд захираи азим ба ҳисоб меравад. Дар ноҳияи Варзоб бахши СХМ асосан тавассути истеҳсолоти саноатӣ, хариду фурӯш, савдои чакана, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғайраҳо рушд намуда истодаанд. Рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Варзоб аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқамандии ногусастанӣ дорад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд минбаъд низ соҳаи асосии рушди иқтисодиёти он гардад.

*Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | | Соли 2013 | | Соли 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсониҳу қуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 45 | 400 | 48 | 413 | 50 | 415 |
| Саноат | 8 | 9 | 6 | 4 | 7 | - |
| Сохтмон | 2 | - | 3 | - | 4 | - |
| Нақлиётваалоқа | 1 | 89 | 2 | 90 | 2 | 94 |
| Савдо | 14 | 118 | 15 | 127 | 16 | 138 |
| Хизматрасонӣ | 3 | 9 | 6 | 11 | 5 | 15 |
| Хизматимолиявӣ | - | - | - | - | - | - |
| Дигарсохторҳо | 9 | 15 | 10 | 15 | 10 | 18 |
| Ҷамъ: | 82 | 640 | 88 | 660 | 94 | 680 |
| Дар якҷоягӣ | 722 | | 748 | | 774 | |

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳия шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 774 ададро (аз ҷумла 94 шахси ҳуқуқи ва 680 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Аз 774 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 38 % бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани миқёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Мутаассифона дар се соли охир ҳамагӣ як субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ сол то сол тамоюли рушдро касб намудааст. Соҳибкории хурду миёна

(СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 3963 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки 40,8 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 59,2 фоизи кормандон дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқ шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 40,8 фоиз, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 24,4 фоиз ва 7,6 фоиз аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети ноҳия аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 300 нафар буданд, ки 83 нафари онро (ё 27,6 %) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 474 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Варзоб 99 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайд гирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридотиандозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | Шуғли умумӣ (%) | Сомонӣ (ҳазор сомонӣ) | аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ (%) |
| Кишоварзӣ | 50 | 415 | 1616 | 40,8 | 363,751 | 2 |
| Саноат | 7 | - | 91 | 2 | 5165,169 | 30 |
| Сохтмон | 4 | - | 30 | 1 | 1722,73 | 10 |
| Нақлиётваалоқа | 2 | 94 | 94 | 2 | 663,738 | 4 |
| Савдо | 16 | 138 | 186 | 4,5 | 173,030 | 1 |
| Хизматрасонӣ | 5 | 15 | 808 | 20 | 710,261 | 4 |
| Хизмати молиявӣ | - | - | - | - | - | - |
| Дигар соҳаҳо | 10 | 18 | 1138 | 29,7 | 8390,661 | 49 |
| Ҷамъ: | 94 | 680 | 3963 | 100 | 17189,34 | 100 |

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ*
*дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Варзоб дар соли 2014*




Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи савдо (ҷамъ 154 субъект), кишоварзӣ (ҷамъ 465 субъект), нақлиёту алоқа (ҷамъ 96 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ

20 субъект) машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар бахши СХМ-и ноҳия машғул буда мутаносибан 20%, 60%, 12,4% ва 2,6%-ро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи СХМ дар рушди кишоварзӣ, саноат, савдо ва сохтмон ҳамасола меафзояд ва аз ин ҳисоб буҷаи маҳаллӣ низ, ғанӣ мегардад. Дар самти воридоти маблағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ-и дар ин соҳа машғулбуда, ба буҷети маҳаллӣ 17686.49 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 65%-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад (44%-и қисми даромади буҷети ноҳия аз ҳисоби субвенсия мебошад).

Аз ҷумла, дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 907,727 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 12038,598 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 391,051 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 3177,576 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 285,316 | 258,66 | 363,751 | 907,727 |
| Саноат | 4426,762 | 2446,667 | 5165,169 | 12038,598 |
| Сохтмон | 712,241 | 742,732 | 1722,603 | 3177,576 |
| Савдо | 96,500 | 121,521 | 173,030 | 391,051 |
| Нақлиёт ва алоқа | 160,502 | 253,569 | 663,552 | 1077,623 |
| Дигар андозсупорандагони соҳаи хизматрасонӣ | 4965,004 | 8133,035 | 8390,661 | 21488,7 |
| Ҳамагӣ: | 10646,33 | 11956,18 | 16478,77 | 39081,28 |

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя (ва маркази ҷумҳурӣ пайвасткунанда), барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад. Ба роҳ мондани коргоҳҳои коркарди мева, пӯсту пашм, ҳунарҳои мардумӣ ба кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодиёти ноҳия мусоидат менамояд.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрасгардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад. Дар соли 2014 аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 65 фоизро субъектҳои СХМ истеҳсол намудаанд. Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои озоди молиявии гардон ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё баъзеашон аз фаъолият бозмондаанд.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад, аммо дар амал дар ин

соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам ба роҳ монда шудааст.

Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, боиси қайд аст, ки дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 6 субъекти соҳибкорӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ накардааст.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дарноҳия ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна филиалҳои ҶСК «Ориёнбонк», филиали №50-и Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ва филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», фаъолият доранд.

Давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи саноат қарзи бонкӣ кам ҷудо гардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.




| | Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | | | Филиали Бонки давлатии Амонатгузории «Амонатбонк» №22 | | | Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2012 | 2013 | 2014 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Маблаги умумии карз | 4216647 | 7005193 | 8920350 | 1299900 | 1303100 | 2780300 | 3169462 | 5899270 | 5597291 | 40191514 |
| Шумораи карзгирандагон | 344 | 754 | 813 | 324 | 281 | 540 | 150 | 220 | 254 | 3680 |
| Кишоварзӣ | 465570 | 1364700 | 1885100 | 809900 | 544400 | 882300 | 254900 | 0 | 0 | 6206870 |
| Саноат | 0 | 0 | 0 | 31700 | 55000 | 152000 | 0 | 0 | 0 | 238700 |
| Соҳибкорӣ | 1558620 | 3021000 | 3713200 | 123000 | 335300 | 234200 | 165265 | 2505932 | 1811840 | 13468360 |
| Сохтмон | 17800632 | 1977300 | 2929800 | 297300 | 128400 | 912500 | 1000000 | 1330320 | 2771650 | 13127902 |
| Дигар соҳаҳо | 411825 | 642193 | 329250 | 38000 | 240000 | 599300 | 1749297 | 2063018 | 1013802 | 7086685 |

Дар давоми се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Варзоб ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ

беш аз 40191514 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 6206870 сомонӣ ё 15,4% ба соҳаи кишоварзӣ, 238700 сомонӣ ё 0,6% ба соҳаи саноат, 13468360 сомонӣ ва ё 33,5 % барои рушди соҳибкорӣ (савдо), 13127902 сомонӣ ва ё 32,6% барои рушди сохтмону бунёдкорӣ ва 7086685 сомонӣ ва ё 17,6 % ба дигар соҳаҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

Илова бар ин соли 2014 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 17,2 млн. долари ИМА ва 4,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст.

Соҳибкорони ноҳияи Варзоб ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар давоми солҳои 2012-2014(сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзи додашуда | Шумораи қарзгирандагон | Бахшҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Соҳибкорӣ | Сохтмон | Дигарсоҳаҳо |
| Филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | 2012 | 4216647 | 344 | 465570 | 0 | 1558620 | 17800632 | 411825 |
| | 2013 | 7005193 | 754 | 1364700 | 0 | 3021000 | 1977300 | 642193 |
| | 2014 | 8920350 | 813 | 1885100 | 0 | 3713200 | 2929800 | 329250 |
| | Ҷамъ | 20142190 | 1911 | 3715370 | 0 | 8292820 | 6687732 | 1383268 |
| Филиали Бонки давлатии Амонатгузории «Амонатбонк» №22 | 2012 | 1299900 | 324 | 809900 | 31700 | 123000 | 297300 | 38000 |
| | 2013 | 1303100 | 281 | 544400 | 55000 | 335300 | 128400 | 240000 |
| | 2014 | 2780300 | 540 | 882300 | 152000 | 234200 | 912500 | 599300 |
| | Ҷамъ | 5383300 | 1145 | 2236600 | 238700 | 692500 | 1338200 | 877300 |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | 3169462 | 150 | 254900 | 0 | 165265 | 1000000 | 1749297 |
| | 2013 | 5899270 | 220 | 0 | 0 | 2505932 | 1330320 | 2063018 |
| | 2014 | 5597291 | 254 | 0 | 0 | 1811840 | 2771650 | 1013802 |
| | Ҷамъ | 14666024 | 624 | 254900 | 0 | 4483040 | 5101970 | 4826117 |
| Ҳамагӣ | | 40191514 | 3680 | 6206870 | 238700 | 13468360 | 13127902 | 7086685 |

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёт вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

**Ҷиҳати татбиқи муколамаи бахши давлативу хусусӣ** дар ноҳияи Варзоб Шӯрои рушди соҳибкорӣ дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дастгирии соҳибкорон, бо фарогирии 774 нафар соҳибкорони маҳаллӣ (аз ҷумла, 680 нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 94 нафар соҳибкорони ҳуқуқӣ) фаъолият менамояд. Дар доираи ин ҳамкориҳо дар шаҳр таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ҳалли масъалаҳои соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоиёту иқтисодиёт ва инфрасохторӣ ба роҳ монда шуда, айни ҳол таваҷҷӯҳи зиёд ба бунёди корхона ва коргоҳҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва маишӣ зоҳир гардида истодааст.

Дар ин замина дар се соли охир дар нохияи Варзоб як зумра иншоотҳои таъиноти гуногуни истеҳсолию иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ мавриби истифода қарор гирифтанд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби кӯҳӣ будани ноҳияи Варзоб рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони СРМ (ГСМ), баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳибкории хурд дар ноҳияи Варзоб*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот соли 2014 | Баҳодиҳӣ соли 2015 | Параметрҳоидурнамо (солҳои) | | | | | Соли 2020 нисбати соли 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораикорхонаҳои то 15 нафар (беназардоштихоҷагиҳоидеҳқонӣвафермерӣ) (адад) | 43 | 52 | 54 | 56 | 58 | 60 | 62 | 144 |
| Шумораикорхонаҳои то 50 нафар (беназардоштихоҷагиҳоидеҳқонӣвафермерӣ) (адад) | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 132 |
| Шумораикорхонаҳоиамалкунанда то 15 нафар. | 37 | 39 | 41 | 43 | 45 | 47 | 49 | 132 |
| Шумораикорхонаҳоиамалкунанда то 50 нафар. | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 140 |
| Шумораибокортаъминбудагон (ҳазорнафар) | 0,55 | 0,6 | 0,65 | 0,7 | 0,75 | 0,8 | 0,9 | 164 |
| Шумораисоҳибкоронииинфиродӣ (ҳазорнафар) | 0,38 | 0,40 | 0,45 | 0,50 | 0,55 | 0,60 | 0,65 | 171 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| - фаъолият аз руишаҳодатнома (ҳазорнафар) | 0,13 | 0,14 | 0,15 | 0,16 | 0,17 | 0,18 | 0,19 | 146 |
| - бо патент (ҳазорнафар) | 0,25 | 0,30 | 0,32 | 0,34 | 0,36 | 0,38 | 0,40 | 160 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори истеъмолии*
*Ноҳияи Варзоб дар солҳои 2016-2020 (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2015 | с.2017 | с.2018 |
| Бозори истеъмолӣ | | | | | | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаисоҳаҳо | 23,1 | 25,9 | 29,0 | 104,2 | 32,4 | 36,2 |
| Ҳаҷми хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 1,2 | 1,3 | 1,4 | 105 | 1,5 | 1,6 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 34,5 | 37,4 | 40,6 | 101 | 43,8 | 47,3 |

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Маориф яке аз соҳаҳои муҳимест, ки дар пешбурди ҷомеа ҷиҳати ноил гардидан ба як қатор ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Таъминоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор аст. Барои расидан ба фарогирии пурраи хонандагон ба таҳсилот дар доираи Барномаи рушди ноҳия корҳои зайлро ба сомон расонидан лозим аст:

а) барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ, таъмини мактабҳо бо оби нӯшокӣ, гармӣ ва мабразҳои алоҳида барои писарон ва духтарон;

б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ;

в) сохтмони мактабҳои нав;

г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, хонандагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо;

д) ташкили мактабҳои хусусӣ ва гимназияҳо;

е) бунёди муассисаҳои томактабӣ.

**Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ.** Сатҳи маълумотнокии аҳолии ноҳияи Варзоб тадриҷан баланд шуда истодааст. Дар соли 2014 дар ноҳия 25920 нафар дорои маълумоти олӣ буданд, ки нисбат ба соли 2013 ба миқдори 3713 нафар зиёдтар аст.

*Сатҳи маълумотнокӣ аз рӯи ҷинс*

| Сол | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | Аз онҳо зан | Ҳамагӣ | Аз онҳо зан | Ҳамагӣ | Аз онҳо зан |
| Олии касбӣ | 20179 | 4035 | 22207 | 4441 | 25920 | 5184 |
| Миёнаи махсус | 9224 | 2306 | 10803 | 2700 | 12960 | 2592 |
| Миёна | 28252 | 19776 | 27010 | 18907 | 25652 | 17956 |

Дар соҳаи маорифи ноҳияи Варзоб 64 муасисаи таълимӣ, аз ҷумла, 41 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 13 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, 9 мактаби маълумоти ибтидоӣ, 1 гимназия ва 1 интернати наздимактабӣ фаъолият менамояд.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳияи Варзоб 1 боғчаи бачагона бо фарогирии 40 нафар кӯдак ва дар назди 15 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 15 маркази инкишофи кӯдакон бо фарогирии 368 нафар кӯдакон фаъолият мекунанд. Шумораи фарогирии кӯдакон дар соли 2012 ҳамагӣ 25 нафарро ташкил медод (1 гурӯҳи кӯдакони аз 1,5 то 6 сола), ки 10 нафарашон духтар буданд. Дар давраи соли 2013 бо мақсади фарогирии кӯдакони синни томактабӣ як адад маркази инкишофи кӯдакон бо фарогирии 40 кудак ташкил карда шудааст. Иқдоми мазкур дар солҳои 2014-2015 дастгири ёфта, шумораи чунин марказҳо ба 15 адад расонида шуд, ки дар онҳо 328 нафар кудакони синни томактабӣ фаро гирифта шуд.

Бояд қайд кард, ки танҳо 22,4 фоизи кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ (марказҳои инкишофи кӯдакон) фаро гирифта шудааст, ки ин барои азхуд намудани барномаи таълимии зинаи ибтидоӣ таъсири манфӣ хоҳад расонид.

Дар кӯдакистони мавҷудаи ноҳия, 3 нафар мураббӣ, аз ҷумла 1 нафар дорои маълумоти олӣ, ду нафарашон дорои маълумоти миёнаи педагогӣ ва дар марказҳои инкишофи кудакон 36 нафар мураббияҳо, ки аз онҳо 16 нафар бо маълумоти олӣ ва 20 нафари дигар маълумоти миёнаи педагогӣ доранд, ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул мебошанд. Яке аз мушкилиҳои асосӣ дар самти маълумоти томактабӣ норасогии бинои алоҳида бо назардошти шароити хуб ва таҷҳизоти замонавӣ, маводҳои таълимӣ ва дастрасӣ надоштани мураббияҳои марказҳои инкишофи кӯдакони ноҳия ба имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳурӣ мебошад. Дар доираи Барномаи мазкур дар

маркази ноҳия-деҳаи Зоғар ташкил намудани кӯдакистон барои 20 нафар кӯдакон пешбинӣ мегардад.

*Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ (нафар)*

| Нишондодҳо | Сол | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии № 1 ноҳия | 25 | 10 | 25 | 10 | 40 | 16 |
| 15 адад марказҳои инкишофи кӯдакон(Гуруҳҳои тайёрӣ) | - | - | - | - | 328 | 185 |
| Ҳамагӣ | 25 | 10 | 25 | 10 | 368 | 201 |

Дар ноҳия соли 2014 беш аз 2457 нафар кӯдакони синну соли томактабӣ (3-6 сола) бинобар сабаби норасогии муассисаҳои томактабӣ танҳо 15 фоизи онҳо ба тарбия фаро гирифта шудаанду халос. Ташкил намудани инфрасохтори зарурӣ ва фарҳам сохтани шароити мусоид барои беҳтар намудани ҳолати мавҷудаи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи Барномаи рушди ноҳияи Варзоб ба ҳисоб меравад.




***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2013-2014 - 14112 нафарро ташкил дода, аз ин 6826 нафар ё 48,3 фоиз духтарон мебошанд. Аз шумораи умумии хонандагон 7818 нафар 55,4% дар басти аввал ва 6294 нафар 44,6% дар басти дуюм таҳсил менамоянд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии ноҳия (нафар)*

| Синфҳо | Соли хониши 2011-2012 | | | | Соли хониши 2012-2013 | | | | Соли хониши 2013-2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ (нафар) | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ (нафар) | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ (нафар) | писарон | духтарон | % духтарон |
| 1 | 1414 | 731 | 683 | 48,3 | 1412 | 723 | 689 | 48,7 | 1401 | 710 | 691 | 49,3 |
| 11 | 1346 | 677 | 669 | 49,7 | 1447 | 742 | 705 | 48,7 | 1435 | 730 | 705 | 49,1 |
| 111 | 1418 | 711 | 707 | 49,8 | 1381 | 687 | 694 | 50,2 | 1357 | 683 | 674 | 49,6 |
| 1V | 1359 | 676 | 683 | 50,2 | 1410 | 713 | 697 | 49,4 | 1400 | 688 | 712 | 50,8 |
| Ҳамагӣ 1-1V | 5537 | 2795 | 2742 | 49,5 | 5650 | 2865 | 2785 | 49,2 | 5747 | 2941 | 2806 | 48.5 |
| V | 1491 | 732 | 759 | 50,9 | 1364 | 694 | 670 | 49,1 | 1338 | 676 | 662 | 49,7 |
| V1 | 1389 | 680 | 709 | 51 | 1478 | 722 | 756 | 51,1 | 1474 | 720 | 754 | 51,1 |

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| V11 | 1291 | 641 | 650 | 50,3 | 1392 | 688 | 704 | 50,5 | 1372 | 675 | 697 | 50,8 |
| V111 | 1216 | 644 | 572 | 47 | 1267 | 693 | 628 | 49,5 | 1249 | 632 | 617 | 49,3 |
| 1X | 1077 | 573 | 504 | 46,7 | 1206 | 642 | 564 | 46,7 | 1174 | 617 | 557 | 47,4 |
| ҲамагӣV-1X | 6464 | 3270 | 3194 | 49,4 | 6707 | 3385 | 3322 | 49,5 | 6836 | 3404 | 3432 | 50,2 |
| X | 750 | 464 | 286 | 38,1 | 681 | 412 | 260 | 38,1 | 685 | 435 | 250 | 36,4 |
| X1 | 695 | 493 | 202 | 29 | 762 | 493 | 269 | 35,3 | 738 | 485 | 253 | 34,3 |
| X-X1 | 1445 | 1012 | 433 | 29,9 | 1443 | 914 | 529 | 36,6 | 1529 | 941 | 588 | 38,4 |
| Ҳамагӣ | 13446 | 7022 | 6424 | 47,7 | 13800 | 7164 | 6636 | 48 | 14112 | 7286 | 6826 | 48,3 |

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Варзоб сатҳи фарогирии хонандагон 100 фоизро ташкил медиҳад, аммо баъди хатми синфи 9 ба ҳисоби миёна 307 хонанда, аз ҷумла духтарон, аз мактаб мераванд.




Сабаби асосии коҳиш ёфтани шумораи духтарони дар синфҳои болоӣ ба он алоқаманд аст, ки гурӯҳе аз хонандагон баъди хатми таҳсилоти асосӣ, бинобар сабаби дар масофаи дур ҷойгир будани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактабро тарк мекунанд, як қисми онҳо ба дигар муассисаҳои ибтидоии касбии кишвар дохил гардида, баъзеи дигар ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди ноҳия (ба муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ) мераванд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010, №244 "Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ва дар ин замина беҳтар намудани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат ба мактаб, мутобиқи маълумоти расмӣ дар ноҳия дар се соли охир (солҳои 2012-2014) аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 15 фоиз ё ба 996 нафар хонандагон ба маблағи умумии 19920 сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 20 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст, аз ҷумла:

- Ба 136 нафар хонандагони ятиммондаи бо як волидайн.
- Ба 88 нафар хонандагоне, ки волидайнашон маъюб мебошад.
- Ба 13 нафар хонандагони бе падару модар (ятими кулл).
- Ба 234 нафар хонандагоне, ки волидонашон бо кор таъмин нестанд.
- Ба 269 нафар хонандагоне, ки аз оилаҳои камбизоатанд.
- Ба 256 нафар хонандагоне, ки аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак).

***Таълимот дар интернатҳо.*** Дар ноҳия 1 интернат (дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55) фаъолият менамояд, ки фарогирии умумии он 55 нафарро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки интернати мазкур дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 мавҷуд мебошад ва муаллимони муассисаи мазкур ба тарбиятгирандагони интернат якҷоя бо хонандагони мактаб таълим медиҳанд.

Бинобар ин шумораи расмии кормандони интернат хеле кам буда, асосан аз ду нафар доя ва 3 нафар ҳайати хизматрасон иборат мебошад.

*Шумораи тарбиятгарон дар интернати наздимактабии ноҳияи Варзоб дар солҳои 2012-2014*

| | Соли 2012 | | | | Соли 2013 | | | | Соли 2014 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ (нафар) | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ (нафар) | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ (нафар) | писарон | духтарон | % духтарон |
| Интернати назди мактаби №55 | 28 | 22 | 6 | 21,4 | 34 | 28 | 6 | 17,6 | 36 | 30 | 6 | 17,0 |




Қатъи назар аз он, ки маблағгузории интернати мазкур дар соли 2014 дар қиёс ба соли 2011 ба 77,6 ҳазор сомонӣ ва ё 52,6 фоиз зиёд шуда бошад ҳам, мутаассифона ин наметавонад мушкилиҳои мавҷудаи муассисаи мазкурро ба пуррагӣ бартараф намояд. Таъмирталаб будани биноҳои муассисаи мазкур, норасогии маводи хӯрока, мушкилиҳои асосии интернат мебошанд.

Ҳамзамон, дар ноҳия шумораи эҳтиёҷмандон, (фарзандони оилаҳои камбизоат) барои таҳсил дар интернати мазкур хеле зиёд мебошад, вале бинобар сабаби маҳдуд будани маблағгузории таҳсил дар интернатро пурра таъмин намудани талаботи эҳтиёҷмандон ғайриимкон мебошад.

***Шаклҳои нави идоракунӣ.*** Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимии ноҳия равона карда шудааст. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, №350 “Дар бораи маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ)-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ” дар ноҳияи Варзоб аз 1 январи соли 2009 ҳамагӣ 41 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 13 мактаби таҳсилоти асосӣ, 9 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 1 гимназия ва 1 интернати наздимактабӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории сарикасӣ гузаронида шуд.

Аз моҳи январи соли 2009 сар карда бевосита ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ), кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маориф ва илм, молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин намуд.

Аз соли 2010 дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин

муассисаҳоро васеъ мекунад. Айни замон дар ноҳия 34 Асотсиатсияҳои волидону омӯзгорон (АВО) ва 7 кумитаи волидону омузгорон фаъолият менамоянд. Мақсади асосии ташкили чунин сохторҳо ҷалби бештари волидайн барои ҳалли мушкилоти соҳаи маориф мебошад. Маблағҳо аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ба мактаб ворид карда шуда, онҳо инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Дар маҷмӯъ дар соли 2014 ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф дар буҷети маҳаллӣ 9162,6 ҳазор сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ 61,6 фоизро ташкил медиҳад.




Гарчанде, ки маблағгузории соҳаи маориф солҳои охир тамоюли афзоишро дошта бошад ҳам, муттаасифона он барои пурра бартараф намудани мушкилоти муҳими соҳа нокифоя аст. Бо сабаби кам будани шумораи хонандагон дар баъзе мактабҳои ноҳия маблағи дар харҷнома пешбинишудаи муассисаҳои таълимӣ (махсусан дар муассисаҳои ибтидоӣ ва умумии асосӣ) ба ғайр аз маоши коркунони мактаб барои дигар хароҷотҳо намерасад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки инчунин ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкил кардани таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муассисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

***Таъминот бо омӯзгорон.*** Шумораи умумии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳия ҳамагӣ 720 нафар буда, аз ин шумора 430 нафар ё 59,7 фоизаш занҳо мебошанд. Сатҳи маълумотнокии ҳайати омӯзгории мактабҳои ноҳия тамоюли болоравӣ дорад. Қисми зиёди омӯзгорон маълумоти олӣ доранд (69,1%).

Аз шумораи умумии омӯзгорон 498 нафар (287 нафар зан) дорои маълумоти олӣ, 52 нафар (29 нафар зан) дорои маълумоти олии нопурра, 153 нафар (105 нафар) дорои маълумоти миёнаи махсус, 17 нафар (9 нафар зан) дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Дар соли хониши 2013-2014 шумораи омӯзгорон нисбат ба соли хониши 2012-2013 ба 15 нафар зиёд гардиданд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар ноҳия норасогии кадрҳои баландихтисоси омӯзгории забонҳои хориҷӣ (англисӣ ва русӣ), химия, физика, математика ва информатика мушоҳида карда мешавад. Норасоии омӯзгорони касбӣ махсусан дар мактабҳои ҷамоати деҳоти Зиддеҳ, Айнӣ ва Деҳмалик ба назар мерасад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин аз кор рафтани муаллимони баландихтисос, хусусан дар деҳот мебошад. Сабаби асосии аз кор рафтани мутахассисони соҳа, паст будани музди меҳнат, суст будани дастгирии моддию маънавӣ, ба дигар корҳои даромаднoктар ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо мебошад.

*Шумораи омӯзгорони ноҳияи Варзоб (нафар)*

| Солҳо | 2011-2012 | 2012-2013 | 2013-2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 748 | 705 | 720 |
| Аз ҷумла занҳо | 439 | 430 | 430 |
| Бо маълумоти олӣ | 482 | 462 | 498 |
| Аз ҷумла занҳо | 267 | 269 | 287 |
| Бомаълумоти олии нопурра | 60 | 50 | 52 |
| Аз ҷумла занҳо | 40 | 30 | 29 |
| Бо маълумоти миёнаи махсус | 163 | 154 | 153 |
| Аз ҷумла занҳо | 109 | 105 | 105 |
| Бо маълумоти миёнаи умумӣ | 43 | 41 | 17 |
| Аз ҷумла занҳо | 23 | 24 | 9 |
| Муаллимони аз коррафта | 87 | 62 | 37 |
| - аз он ҷумла, занҳо | 47 | 35 | 21 |
| Норасоии кадрҳо | 38 | 24 | 10 |

Дар солҳои 2011 - 2014 зиёда аз 118 нафар кадрҳои маҳаллии ноҳияи Варзоб мактабҳои олии кишварро хатм намудаанд, танҳо ғайр аз 2-3 нафар бо назардошти идомаи таҳсил дар зинаи аспирантура ва PHD, ба маҳалли худ баргашта бо ҷои кори доимӣ таъмин шудаанд. Аммо аз сабаби паст будани музди меҳнат ва кам будани ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ, на ҳама вақт кадрҳои маҳаллӣ ба зодгоҳи худ барои давом додани фаъолияти минбаъда бармегарданд.

***Маълумоти фарогир.*** Дар ноҳияи Варзоб 190 нафар кӯдакони маъюб (105 духтар), 281 нафар ятимон (144 духтар) ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба таълим фаро гирифта шудаанд. Шаш нафар кӯдаки маъюб дар хона таълим гирифта истодаанд.

Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб, ин шароити номусоиди таълимӣ, аз ҷумла набудани базаи моддию техникии лозима дар баъзе муассисисаҳои таълимӣ, норасогии мутахассиссони баландихтисоси соҳа, шароити вазнини оилавӣ ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар ноҳия, норасогии аёниятҳои таълимӣ, таваҷҷуҳи сусти аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, набудани инфрасохтори лозима, робитаи сусти сохторҳои дахлдор оид ба ҳамкорӣ бо кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, норасогии воситаҳои таълимии ташаккули зеҳнӣ (бозичаҳои махсус барои рушди нерӯи зеҳнӣ, асбобҳои машқӣ ва ғайра), пешниҳод нашудани маълумот оид ба шумораи кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд аз ҷониби волидайн (бо сабабҳои шарм кардан ва ё нофаҳмӣ ва ғайра) ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, аз ноҳияи Варзоб аксарияти кӯдакони имконияти зеҳниашон суст ба мактаб интернатҳои махсуси ҷумҳуриявӣ фаро гирифта нашудаанд. Гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқотӣ дар байни аҳолӣ ва сохторҳои дахлдор (ки сиёсати соҳаро пеш мебаранд), ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакони маъюб ба таҳсил ва дар ин замина муҳайё намудани шароити мусоид ва пешгирии поймолкунии ҳуқуқи кӯдакони маъюб, яке аз вазифаҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад.

***Маълумоти беруназмактабӣ.*** Дар ноҳия муассисаи таҳсилоти иловагӣ фаъолият менамояд, ки дар он 21 маҳфилҳои гуногун ташкил карда шудааст, илова бар ин дар 13 муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 18 маҳфили фаннӣ бо фарогирии 421 хонанда (219 духтар), фаъолият мекунад. Самти фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ бештар ба фанҳои дақиқ, аз қабили математика, информатика, физика, химия ва ғайра равона карда шудааст. Маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ аз қабили кандакорӣ, сабадбофӣ, дузандагӣ, пазандагӣ, рассомӣ ва ғайра мебошад. Ҳамзамон бо назардошти афзоиши ҳамасолаи талабот ба фароғатгоҳҳо ва истироҳатгоҳҳо, зарур аст, ки барои хонандагон лагерҳои тобистона ташкил карда шавад.

***Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.*** Дар ноҳияи Варзоб барои татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008, №436 «Дар бораи тасдиқи

Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Бо мақсади бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар соли 2014 сохтмони биноҳои мактаби асосии №11 дар деҳаи Зуманд, мактаби №34 дар деҳаи Дара ва мактаби №51 дар деҳаи Чормағзакон идома дорад. Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020 сохтмони бинои мактаби миёнаи №41 дар деҳаи Арақчин ва бо назардошти зиёд шудани аҳолӣ сохтмони мактабҳои нав дар деҳаҳои Чорбоғ, Ҷангалак, мавзеи Ҷари сурх, деҳаҳои навбунёди Гулистон ва Ориёно пешбинӣ карда мешавад.

Мушкилоти асосие, ки ба рушди минбаъдаи инфрасохтори соҳаи маориф монеа гардида истодааст, ин дар ҳолати садамавӣ қарор доштани бинои мактабҳои №31 дар деҳаи Чанор, №30 дар деҳаи Шаршара, №14 дар деҳаи Сафедорак, №46 дар деҳаи Чағатай, №43, дар деҳаи Кули ҳавоӣ, №62 дар деҳаи Косатароши поён ва ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доштани бинои мактабҳои №16 дар деҳаи Такоб, №5 дар шаҳраки Такоб, бинои якуми мактаби №3 деҳаи Ҳурёрӣ, №29 деҳаи Харангони боло, №39 деҳаи Бувак, №40 деҳаи Чорбоғ, №45 деҳаи Дуоба мебошад. Мушкилоти дигари муассисаҳои таълимии ноҳия ин таъминоти ғайриқаноъатбахши мактабҳо бо оби нӯшокӣ, корношоям гаштани шабакаи таъминоти гармӣ, ҳолати ғайрисанитарии ташноб ва мабразҳои мактабҳо, таҷҳизоту мебел ва ва ғайра мебошад.

***Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.*** Дар мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Варзоб 402 адад компютер ва 72 адад принтер мавҷуд аст. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки қисми зиёди компютерҳои мактабҳои ноҳия ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Новобаста аз оне, ки дар ноҳия маркази хизматрасонии техникии муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия таъсис дода шудааст, аммо бинобар сабаби нокифоягии воситаҳои молиявӣ ва қисмҳои эҳтиётии лозима, маркази мазкур наметавонад мушкилоти мавҷударо сари вақт бартараф намояд.

Мутобиқи меъёри муайяншуда дар маҷмӯъ муассисаҳои таълимии ноҳия бо техникаи компютерӣ таъмин гаштаанд, вале қисме аз муассисаҳои таълимии минтақаҳои дурдасти ноҳия шумораи зарурии техникаи компютериро (ҳар 15 нафар хонанда 1 адад компютер) ноил намебошанд.

***Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо.*** Ҳамасола хонандагони мактабҳои ноҳияи Варзоб дар олимпиадаҳои сатҳҳои гуногуни минтақавӣ, фосилавӣ, даставӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ иштирок мекунанд.

*Иштироки хонандагон дар олиппиадаҳои сатҳҳои гуногун дар солҳои 2012-2014*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Ҳамагӣи штирокчиён (аз онҳо духтарон) | 233(129) | 234(135) | 239 (145) |
| Ишғол кардагони ҷойҳои 1-3 (аз онҳо духтарон) | 105 (62) | 108 (67) | 112 (70) |

***Низоми таъминоти мактабҳо бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.*** Бо сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар аксарияти мактабҳои ноҳия (92,7%) аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Таъминоти гармӣ дар мактабҳои ноҳияи Варзоб аслан тавассути бухориҳо (печҳои худсохт) сурат мегирад.

***Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.*** Хатмкунандагони мактабҳои ноҳияи Варзоб ҳар сол ба ҳисоби миёна 64% ба муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи махсус дохил мешаванд. Инчунин 17 нафар (10%) хатмкунандаи мактабҳои ноҳия дар ҳамин муддат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Русия ва 7 нафар (5%) ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Қазоқистон дохил шуданд.




Мутобиқи нақшаи корӣ ҳамасола тавассути квотаи Президентӣ хонандагони лаёқатмандӣ ноҳия ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ қабул карда мешаванд. Аз соли 2012 то 2014 ба мактабҳои олӣ аз рӯи квота 60 нафар дохил шудаанд, ки аз ин 36 нафарашон духтар мебошанд. Сол то сол шумораи нафароне, ки тибқи квота дохил мешавад, зиёд шуда истодааст. Қисми зиёди онҳо (ба ғайр аз соҳаи маориф) ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ё аз руи касбашон фаъолият намекунанд. Мутобиқи нақшаи дурнамо соли 2015 дар асоси квота қабули 21 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар дар назар дошта шудааст, ки аз ин 11 нафар духтар мебошанд.

***Дурнамо.*** Бо назардошти суръати афзоиши аҳолии ноҳияи Варзоб дар соли 2020 нисбат ба соли 2014, шумораи кӯдакони синни томактабӣ ба 11,2 фоиз зиёд хоҳад шуд. Соли 2020 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ аз шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ бояд аз 2,8 фоиз то 5,3 фоизро ташкил намояд. Дар доираи БРН ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2020 дар муассисаҳои томактабӣ 300 ҷойҳои иловагӣ ташкил намуда, фарогирии кӯдакони синни мактабӣ 9,2 фоиз зиёд мегардад ва мувофиқи он, ташкили ҷойҳои хонандагон дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ бояд 9,3 фоиз зиёд гардад.

*Номгӯй ва ҳолати муассисаҳои таълимии ноҳияи Варзоб*

| Номгӯи муассисаҳои таълимӣ | солҳо | | | | | | | | | Ммавҷуд будани таъминоти об (бо %) | Мавҷудбудани канализатсия (бо %) | Таъминот бо компютерҳо (бо %) | Таъминот бо мебел (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ шумораи хонандагон | Аз онҳо духтарон | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ шумораи хонандагон | Аз онҳо духтарон | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ шумораи хонандагон | Аз онҳо духтарон | | | | |
| Миёна | 39 | 11314 | 5453 | 39 | 11761 | 5681 | 39 | 12184 | 5954 | 100 | 1 | 99 | 85 |
| Асосӣ | 15 | 1727 | 841 | 15 | 1563 | 791 | 15 | 1656 | 807 | 100 | - | 99 | 82 |
| Ибтидоӣ | 9 | 156 | 71 | 9 | 159 | 75 | 9 | 143 | 70 | 100 | - | 20 | 90 |
| Гимназия | 1 | 603 | 271 | 1 | 591 | 279 | 1 | 660 | 306 | 100 | - | 100 | 100 |
| Ҳамагӣ | 64 | 13800 | 6636 | 64 | 14112 | 6826 | 64 | 14643 | 7137 | 100 | 1 | 99.8 | 89.2 |

***Мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи ноҳия.*** Дар ҳолати ғариқаноатбахш қарор доштани биноҳо ва иншоотҳои баъзе муассисаҳои таълимӣ (мактабҳои №№№31 деҳаи Шаршара, №30 деҳаи Чанор, №14 деҳаи Сафедорак, №46 деҳаи Чағатай, №43 деҳаи Кули ҳавоӣ, №62 деҳаи Косатароши поён, №39 деҳаи Бувак), набудани таҷҳизот ва кабинетҳои фаннӣ, норасогии китобҳои дарсӣ барои синфҳои болоӣ, набудани асбобҳои аёнии дарсӣ, алоқаи сусти волидон бо мактаб, норасогии маводҳои методӣ

барои омӯзгорон аз мушкилоти асосӣ ба шумор меравнд. Ба ғайр аз ин, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ (асосан, вақте, ки дар мавсими зимистону баҳор барфу боронҳои шадид онҳоро касногузар мекунанд) ва набудани пулҳои хурди роҳгузар асосан бо давомоти хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз сабаби ҳолати бад доштани роҳҳои маҳаллӣ ва дур будани масофа то муассисаҳои таълимӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва болоии мактабҳои №№20,24,35, 37,38 ва 59 бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегарданд. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи кунунӣ мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон дар доираи Барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст ва дар робита ба ин чораҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

Соҳаи тандурустӣ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бахши муҳим ба ҳисоб меравад. Феълан, мақсади асосии соҳаи тандурустӣ паст намудани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилии вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда маҳсуб меёбад.

***Солимии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳияи Варзоб ба ҳисоб рафта, масъалаҳои ваъзи солимии аҳолӣ дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба табақаи осебпазирӣ аҳолӣ, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад.

*Нишондиҳандаҳои асосии таваллуд ва фавти модарон дар ноҳияи Варзоб*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Миқдори таваллудшудагон | 1989 | 2256 | 2309 |
| Таваллудҳои дар муассисаҳои тиббӣ қабулшуда | 1400 | 1680 | 1789 |
| Бо фоиз | 70,4 | 74,4 | 77,4 |
| Таваллуд дар хона | 589 | 576 | 520 |
| Бо фоиз | 29,6 | 25,6 | 22,6 |
| Фавти модар (шумора, шумора ба 100 ҳаз. з/т) | 2 | 2 | 0 |

Дар ноҳия, нишондиҳандаҳои таваллуд дар хона ташвишовар буда, кам кардани он яке аз афзалиятҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад. Солҳои охир нишондиҳандаи мазкур тамоюли гуногун дошта, новобаста аз оне, ки он соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 тамоюли коҳишёбӣ дорад, аммо ҳоло ҳам ин натиҷа мутахассисони соҳаро қонеъ карда наметавонад. Новобаста аз ин, дар баъзе ҳолатҳо дар ноҳияи Варзоб таваллуд дар хона бо иштироки момодоя анҷом дода мешавад.

Яке аз сабабҳои асосии баланд будани нишондиҳандаҳои таваллуд дар хона, дар масофаи дур ҷойгир будани деҳаҳо, суст будани дастрасӣ ба нақлиёти махсуси тиббӣ барои занони деҳоти дурдаст ва дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгир шудани деҳаҳои ноҳия (дар фасли зимистон баста шудани роҳҳо), дар муҳоҷират будани сарвари оила, сатҳи камбизоатии оилаҳо, норасогии мутахассисони соҳаи амрози занона ва ғайра ба ҳисоб меравад. Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронаҷӣ ва тибби оилавӣ метавонад нақши калон бозад.

*Нишондиҳандаҳои камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои ҳомила ва таваллудкарда дар ноҳияи Варзоб*

| Нишондиҳанда | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занони ҳомила ва таваллудкарда | 2104 | 2301 | 2509 |
| Камхунӣ (анемия) | 897 | 873 | 859 |
| Бо фоиз: | 42,6 | 37,9 | 34,2 |
| Норасоии йод | 495 | 489 | 468 |
| Бо фоиз: | 23,5 | 21,2 | 18,6 |

Ба бемории камхунӣ зиёд гирифтор шудани занони таваллудкардаистода ба иттилооти кам доштани онҳо оид ба пешгирии ҷоғар ва камхунӣ, вазъияти бади иҷтимоӣ (аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ) вобаста аст.

Сабаби асосии мавҷудияти омилҳои мурдатаваллудро мутахассисони соҳа дар норасогии кадрҳои баландихтисоси момодоягӣ, сари вақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, пинҳон доштани ҳомиладорӣ, риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва ғайра арзёбӣ менамоянд. Феълан, бо мақсади кам кардани омилҳоии мурдатаваллуд аз ҷониби мутахассисони соҳа, чораҳои зарурӣ дар самти гузаронидани чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ, семинар машваратҳои омӯзишӣ дар байни кормандони соҳа ва ҷомеа, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ роҷеъ ба сари вақт гузаронидани ташхис, риояи қоидаҳо ва фосилаи байни таваллуд дар байни аҳолӣ анҷом дода мешавад.

Новобаста аз оне, ки солҳои охир дар ноҳияи Варзоб сатҳи бемориҳои камхунӣ ва ҷоғар коҳиш ёфта истодааст, аммо нишондиҳандаҳои ноилгардида низ мутахассисони соҳаро қонеъ карда наметавонад. Аслан, сабаби асосии гирифтории занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагеneталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ ва ҷоғар), саривақт ба табибон муроҷиат накардани онҳо ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, дастрасии нокифояи занон ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл ва сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ, банақшагирии сусти оила, сари вақт пешгирӣ нашудани касалиҳо ва истеъмоли ғизои нососолим, ғайриқаноатбахш будани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ ва паст будани сатҳи камбизоатӣ мебошад.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар ноҳияи Варзоб дар давоми солҳои 2012-2014*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи таваллуд | 1989 | 2256 | 2309 |
| Аз ҷумла, дар муассисаҳои тиббӣ | 1400 | 1680 | 1789 |
| Дар хона | 589 | 576 | 520 |
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 49 | 29 | 43 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 0,5 | 0,3 | 0,4 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 38 | 24 | 38 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 2,5 | 1,3 | 1,8 |

*Сатҳи паҳншавии бемориҳо дар байни кӯдакон*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи кӯдакони то 14-сола | 22480 | 23163 | 24013 |
| Бемориҳои шадиди роҳи нафас (БШРН) | 14887 | 8688 | 11035 |
| бо промиле (ба 1000 зиндатаваллуд) | 662,2 | 375 | 459,5 |
| Дарунравӣ | 2474 | 1519 | 1807 |
| бо промиле | 110 | 65,6 | 75,2 |
| Шумораи кӯдакони то 5 сола | 9103 | 9389 | 9847 |
| БШРН | 4525 | 3058 | 1518 |
| бо промиле | 201,3 | 132 | 63,2 |
| Дарунравӣ | 803 | 812 | 1518 |
| бо промиле | 35,7 | 35 | 63,2 |
| Шумораи кӯдакони то 1 сола | 1502 | 1750 | 2057 |
| Гипотрофия | 129 | 131 | 126 |
| бо промиле | 5,7 | 5,6 | 5,2 |
| Камхунӣ | 125 | 123 | 121 |
| бо промиле | 5,6 | 5,3 | 5,0 |

Хушбахтона дар ноҳияи Варзоб теъдоди фавти кӯдакон сол ба сол кам шуда истодааст. Аз рӯи маълумоти соҳаи тандурустии ноҳия сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакони навзод бо беҳтар гардидани хизматрасонии тиббӣ ва нигоҳ доштани фосилаи таваллуди кӯдакон алоқаманд мебошад.

Дар байни кӯдакони ноҳияи Варзоб бемории БШРН коҳиш ёфта бошад, ҳам афзоиши касалии дарунравӣ ба назар мерасад, ки ин ба сатҳи пасти шароити ҳаётиву иҷтимоӣ, инчунин ба беҳтаршавии низоми бақайдгирии бемориҳо алоқаманд аст.

***Бемориҳои сироятӣ***. Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳими ноҳия ба ҳисоб рафта, аз сабаби коҳиш ёфтани маблағгузорӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизоти озмоишии беморхонаи марказӣ ва маркази саломатии ноҳиявӣ имкониятҳои пурра пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ ва сари вақт муайян намудани ҳамаи бемориҳо душвор мегардад. Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия бошад дар бинои иҷора ҷойгир шуда, озмоишгоҳ ва таҷҳизоти зарурӣ надорад. Сабабҳои паҳншавии бемориҳои сирояткунанда инҳоянд: сатҳи паст огоҳии аҳолӣ дар бораи пешгирии бемориҳои сирояткунанда, саривақтӣ набудани ташхиси бемориҳо, нагузаронидани корҳои безараргардонии пешгирикунанда дар соҳилҳои дарёи Варзоб, ҳавзҳо, заҳбуру заҳкашҳо ва ғайраҳо, набудани таҷрибаи ба ҳисобгирӣ ва эмкунии сагҳо дар хадамоти байторӣ, норасоии маблағ дар буҷети оилавӣ ва хароҷоти зиёд барои муолиҷа.

*Тамоюли бемориҳои сирояткунанда*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи ҳолатҳои бақайдгирифтаи сил | 37 | 26 | 49 |
| Бруселёз (буғумдард) | 3 | 72 | 9 |
| Гепатит | 111 | 118 | 32 |
| Варача | - | - | - |
| Ҳолатҳои ба қайд гирифташудаи ВМНО/СПИД | 9 | - | 7 |
| Домана | 3 | 10 | 1 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 119 | 124 | 77 |
| Аҳолии умумӣ | 70813 | 72138 | 73135 |

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳия дар байни бемориҳои ғайрисироятӣ бештар бемории дил, меъда, бемориҳои рӯда, саратон, диабети қанд, ҷоғар ва ғайраҳо паҳн шуда истодаанд. Айни замон бо мақсади пешгирӣ ва бартарафсозии бемориҳои сирояткунанда ва дигар бемориҳо, такмили сатҳи дониши мутахассисони соҳа дар ноҳия, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, сари вақт муайян намудани бемориҳои сирояткунанда 18 барномаи соҳавӣ татбиқ мешавад:

- Барномаи ташхис ва муолиҷаи бемориҳои узвҳои ҳозима.
- Барномаи миллии ҳимояи аҳоли аз бемории сил.
- Барнома оиди чораҳои рушди донори ва такмили фаъолияти хадамоти хун.
- Барномаи тасдиқи стратегияи миллии солимии аҳолӣ.
- Барномаи ҳифзи саломатии модарон.
- Барномаи муқовимат бо эпидемияи ВНМО.
- Барномаи пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои модарзодии тарбоди дил.
- Барномаи миллии иммунопрофилактика.
- Барномаи миллии пешгирии осеббардорӣ ва такмили кӯмаки тиббӣ.
- Барномаи пешгирӣ ва муолиҷаи диабети қанд.
- Барномаи рушди саломатии кӯдакон ва наврасон.
- Барномаи дурнамои пешгирии назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ.
- Барномаи миллии пешгирӣ ва табобати бемориҳои саратон.
- Барномаи пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемиявии дил.

- Барномаи тайёр намудани кадрҳои тибби оилавӣ.
- Барномаи мубориза бар зидди бемории вараҷа.
- Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим (ТТҲС)
- Барномаи мубориза бар зидди нашъамандӣ.

Солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории дил, сил, бемориҳои шадиди рӯдаву меъда ва бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, қанд, ҷоғар, саратон зиёд шудааст.

Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ ин набудани мутахассисони соҳибтаҷриба, сатҳи баланди муҳоҷирати хориҷӣ, сари вақт ташхис нашудани бемориҳо бахусус дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорас мебошанд (муҳоҷирони меҳнатӣ), хизматрасонии пасти рифоӣ (коммуналӣ) дар деҳот, суст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, сатҳи камбизоатии аҳолӣ, гарон будани арзиши маводҳои доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ маҳсуб меёбад.

***Дигар намуди бемориҳои паҳншуда.*** Бемориҳои аз ҳама бештар дар байни аҳолии ноҳия паҳншуда ин фишорбаландӣ, апендитсит, санги талха, камхунӣ, газаки гурда, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони синни то 14 сола), дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, бемориҳои меъдаю рудаи дувоздаҳангушта, гепатит (зардпарвин), латхурӣ ва аворизи баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо дар байни аҳолӣ, ин саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, афзоиши шумораи ҳайвоноти бемори бесоҳиби хонагӣ ва дигар омилҳо мебошанд.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Дар ноҳияи Варзоб нишондиҳандаҳои миёнаи давомнокии умр 68-70 сол мебошад, аз ҷумла барои мардон 60-68 сол ва барои занон 65-70 сол. Андешидани тадбирҳои иловагӣ ва диққати махсус додан ба беҳтарсозии ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ яке аз афзалиятҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, дар ҳудуди ноҳия ташкили хонаи маъюбон барои фарогирии кӯдакони маъюб ва дигар ниёзмандон шарт ва зарур мебошад.

Сабабҳои асосии фавти аҳолии ноҳия, гирифтори ба бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, касалиҳои дилу рагҳо ва фишорбаландӣ, осебҳои гуногуни ҷисмонӣ, саратони узвҳои гуногун ва бемориҳои рӯдаю меъда мебошад.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ***. Маълумотнокии аҳолии ноҳия вобаста ба пешбурди масъалаҳои тарзи ҳаёти солим, сол то сол беҳтар гардида истодааст. Дар ноҳия 60 нафар ихтиёриён дар масъалаҳои ташвиқи тарзи ҳаёти солим, эмкунии кӯдакон ва тақсимоти доруворӣ кӯмак мерасонанд. Новобаста аз ин, дар ноҳия ҳоло ҳам ҳалли масоили солимӣ, иштироки фаъоли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, дастгирии ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ қонеъкунанда нест.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ ва равандиислоҳот.*** Дар ҳудуди ноҳия 34 муассисаи тиббию профилактикӣ фаъолият мекунанд, аз ҷумла, 1 беморхонаи марказии ноҳиявӣ (БМН) (бо иқтидори 65 кат), 2 беморхонаи минтақавӣ дар деҳаҳои Харангон воқеъ дар ҷамоати деҳоти С.Айнӣ (дорои 10 кат) ва Калон воқеъ дар ҷамоати деҳоти Зидеҳ (дорои 10 кат), 1 маркази назорати давлатии санитарию эпидемологӣ, 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 9 марказҳои саломатии деҳот (дар деҳаҳои Лучоб, Яккачуғуз, Чормағзакон, Чорбоғ, Харангон, Такоб, Порут, Ҳушёрӣ, Зидеҳ), 24 бунгоҳҳои тиббӣ (дар деҳаҳои Дурманбулоқ, Косатароши боло, Чорводор, Сайёд, Сарикутал, Дарабедо, Арақчин, Чағатай, Дуоба, Даҳана, Пурзообод, Дара, Шаршара, Даштимирон, Харангони боло, Пуғуз, Хоҷа Оби Гарм, Такоб, Сафедорак, Зуманд, Пичандар, Намозгаҳ, Панҷхок ва Ҳазора) ва 3 дорухона (1 адад давлатӣ ва 2 адад хусусӣ). Инчунин дар назди маркази

саломатии ноҳия, маркази имунопрофилактика, маркази мубориза бар зидди бемориҳои сил, маркази тарзӣ ташаккули ҳаёти солим, маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, маркази эмтаъминкунӣ, маркази солимии репродуктивӣ фаъолият мекунанд. Беморхонаҳои ноҳия дар маҷмӯъ дорои 85 кат мебошанд, аз ҷумла 20 кат дар беморхонаҳои минтақавӣ ва 65 кат дар беморхонаи марказӣ.

Дар муассисаҳои тиббии ноҳия 68 духтури соҳиби маълумоти олӣ ва 275 нафар кормандони тиббӣ бо маълумоти миёна фаъолият менамоянд. Аз шумораи духтурони маълумоти олидор 9 нафарашон «Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 2 нафар дорандаи медали «Шафқат» мебошанд.

Дар ноҳия ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 5,3 духтур рост омада, аз воҳидҳои кории мавҷуда бошад 95,6%-и он банд мебошад. Феълан, муассисаҳои тиббии ноҳия ба 12 нафар мутахасисони касбӣ: духтурони бемориҳои сил, руҳӣ, кудакона, кардиолог, ду нафар духтури ренгенолог, 7 нафар момодоя, як нафар духтури дандон, як нафар духтури бемориҳои бачагона, як нафар ҷарроҳ, як нафар духтури касалиҳои дарунӣ ва 15 нафар духтурони тибби оилавӣ ниёз доранд. Сабаби норасоии мутахассисон дар муассисаҳои тиббӣ ночиз будани музди меҳнат, нокифоя будани имтиёзҳо ва дигар кӯмакҳои молӣ аст. Ба афзоиши маблағгузории буҷетӣ ва кӯмаки беруна нигоҳ накарда, дар деҳаҳои дурдаст ҳанӯз ҳам сифати пасти хизматрасонии тиббӣ мушоҳида мешавад.

Дар соли 2014 аз тарафи муассисаҳои тиббии ноҳия 13,6 ҳазор нафар ба тариқи амбулаторӣ қабул гардида, ба 17,2 ҳаз. нафари дигар бошад, дар хона хизматрасонии тиббӣ расонида шудааст. Маркази эмтаъминкунии ноҳия ҳамаи муассисаҳои тандурустии ноҳияро бо маводҳои эмкунӣ пурра таъмин намуда, иҷрои нақшаи эмкунӣ бошад 98,2 % иҷро шудааст. Дар ин давра, аз тарафи маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона 15 нафар бо бемории исҳоли хунин, 121 нафар бо бемории камхунӣ, 25 нафар бо бемории ҷоғар, 250 кӯдак бо ташхиси бемориҳои шадиди роҳҳои нафас, 85 нафар бо бемории дарунравӣ, 92 нафар бо бемории зардпарвин, 45 нафар бо бемории кирми медаю руда ва 39 нафар бо бемории шадиди шуш ба қайд гирифта шуда, барои онҳо ба тариқи ройгон доруворӣ барои муолиҷа таъмин карда шуд.

Заминаи модди-техникӣ ва инфрасохтории соҳаи тандурустии ноҳия низ хеле суст буда, аксарияти таҷҳизотҳо фарсуда гардида, то кунун дар ҳудуди ноҳия бинои ташхисгоҳ вуҷуд надорад. Ошхонаи беморхонаи марказии ноҳияи Варзоб ба шароити муосир мутобиқ нест ва айни замон таъмирталаб гаштааст. Илова бар ин, бунгоҳҳои саломатии деҳаҳои Сафедорак, Зуманд, Ҳазора Пурзообод, дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, бунгоҳи саломатии деҳаҳои Харангони боло, Арақчин айни замон дар вагонхона қарор дошта, фарсуда ва таъмирталаб мебошанд. Бунгоҳи тиббии деҳаи Хоҷа Оби Гарм аз сабаби набудани бино дар мактаби №4 ҷойгир гаштааст. Бо сабаби нокифоягӣ ва маҳдудияти молиявӣ, бахши тандурустии ноҳия дар бобати хариди доруворӣ, сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётии автомошинаҳои санитарӣ ва хариди маводҳои зидди сӯхтор, хариди таҷҳизоту мебел ва хариди хӯрока барои зимистонгузаронии соҳаи тандурусти танқисӣ мекашад.

Дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ монеагӣ менамоянд, аз ҷумла: мавҷуда набудани маркази хунгузаронӣ, норасогии автомашинаи ҳозиразамони ёрии таъҷилӣ, бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия, (дастгоҳи рентгенӣ, электрофорез, дастгоҳи ОВЧ-маҳскунанда, бронхоскоп, ФГС, дефибрилятор, ЭКГ, таҷҳизот барои озмоишгоҳи биохимиявӣ, микроскоп, таҷҳизотҳои физиотерепевтӣ, лампаҳои тиббӣ, бормашина, асбобҳои ҷароҳии чашм) барои хизматрасонии тиббӣ.

Мувофиқи ислоҳоти низоми идоракунии соҳа, бахши тандурустии ноҳия барҳам дода шуда, вазифаи асосии идора ва ҳамоҳангсозии умумии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ба зиммаи сардухтури беморхонаи марказии ноҳия гузошта шудааст.

Дар ноҳия низоми самараноки ҳавасмандгардонии кормандони тиб барои кор дар деҳот номукаммал буда, таъмини мутхассисони маҳаллӣ бо манзили истиқоматӣ ва ё участкаҳои наздиҳавлигӣ диққати махсусро талаб менамояд. Ба афзоиши

маблағгузории буҷетӣ ва кӯмаки беруна нигоҳ накарда, дар деҳаҳои дурдаст ҳанӯз ҳам сифати пасти хизматрасонии тиббӣ мушоҳида мешавад.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС*

| МТП | Шумораи кормандон | Бо маълумоти миёнаи махсус | Бо маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 281 | 158 | 65 |
| бо % | 87,53 | 84,49 | 99,23 |
| Хадамоти госпиталӣ | 105 | 38 | 19 |
| бо % | 88,4 | 93,2 | 97,8 |

Бо мақсади рушди ояндаи соҳаи тандурустӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли минбаъда иҷрои як зумра корҳо зарур мебошад, аз ҷумла, беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда (сохтмон ва барқарорсозии бунгоҳҳои тиббӣ, бинои ташхисгоҳ, ошхона ва ҳамом дар беморхона, бинои МЗКТ, МВНМО, пойгоҳи ёрии таъҷилӣ, ҳуҷраи физиотерепевтӣ ва ҳуҷраи ЭКГ), бо таҷҳизотҳои тиббӣ, доруворӣ ва хӯрока таъмин намудани муассисаҳои тиббии ноҳия, беҳтар намудани фаъолиятҳо дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зиддӣ бемориҳои сирояткунанда, ташкили чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо гелминтозҳо дар байни кӯдакони то синни 14 сола, таъмин намудани беморхонаҳои минтақавӣ ва КАТС бо мошини ёрии таъҷилии муосир, таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия бо таҳҷизоти нав, таъмирталаб будани бинои ошхона, бунгоҳҳои тиббӣ, қубурҳои обтаъминкунӣ, таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия, беморхонаи марказӣ ва минтақавӣ, марказҳои КАТС бо таҷҳизоти компютерӣ ва шабакаи интернет, таъмини муассисаҳои тиббии ноҳия бо мутахассисони маълумоти олидор, сохтмони ҳамом, ошхона ва амборҳо дар беморхонаи марказии ноҳияи Варзоб, таъмини муассисаҳои КАТС бо биноҳои ёрирасон ва сохтмони шӯъбаи касалиҳои бачагона дорои 12 кат.

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

***Ҳолати воқеъии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.*** Соҳаи иҷтимоии ноҳияи Варзоб аз Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, шӯъбаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бахши ҳифзи иҷтимоӣ иборат мебошад. Бояд қайд намуд, ки дар доираиислоҳоти соҳаи идоракунии давлатӣ аз 1 январи соли 2015 масъалаҳои меҳнат, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ ба салоҳияти Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, масъалаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ба салоҳияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва ёрии иҷтимоӣ дар хонаҳо ба сохтори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон ва оила ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор гардидааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2015 тибқи маълумоти расмӣ, теъдоди умумии аҳолии ноҳияи Варзоб **80,7** ҳазор нафар буда, аз он **46,2** ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

***Гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ дар ноҳия дар соли 2013 ҳамагӣ 5621 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ноҳияи Варзоб тайи солҳои 2010-2013 зиёдшавии шумораи умумии нафақахӯрон ва маъюбон ба назар мерасад. Сабаби асосии он риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таъмини шароит ва ҳифзи меҳнат, шароити номусоиди оилавӣ, истеъмоли нодурустии ғизо мебошад. Дар ноҳия шумораи маъюбон 1408 нафар буда, 25 фоизи шумораи умумии нафақахӯронро ташкил медиҳад.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2012-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон, аз руи синну сол | 3338 | 3524 | 3612 | 8,2 % |
| Маъюбон, аз ҷумла | 1378 | 1497 | 1316 | -4,5 % |
| Маъюбони модарзод | 197 | 259 | 360 | 82,7 % |
| Бесаробонмондагон | 617 | 590 | 607 | -1,6% |
| Ятими кулл | 10 | 10 | 13 | 30 % |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 5343 | 5621 | 5548 | 3,8 % |
| Нафарони камбизоате, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи қувваи барқ мегиранд. | 310 | 305 | 491 | 58,4 % |

Эзоҳ: (*сабаби зиёдшавии маъюбони то 18 сола дар он аст, ки тамоми кудакони аз дигар ноҳия омада ба Маркази миллии тавонбахши барои кудакон ва наврасони «Чорбоғ» сокини ноҳияи Варзоб ба шумор меравад*).

Соли 2013 дар ноҳия 903 нафар кӯдакони аз падар ё модар маҳрумгашта ва 14 нафар ятимоне, ки яке аз волидайнашонро гум кардаанд, ба қайд гирифта шудаанд. Дар ин самт зарур аст, ки масъулин ва мутахассисони соҳа ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус диҳанд.

Мутаассифона, дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, мушкилиҳое мавҷуданд, ки ҳаллу фасли онҳо дастгирию кӯмакҳои башардӯстонаро тақозо менамоянд. Соли 2014 дар ҷамоатҳои деҳот 15 нафар маъюбони гурӯҳҳои гуногун ба воситаҳои ҳаракаткунанда (курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ), 24 нафар ба асобағал таъмин гардида, 17 нафари дигар барои курсӣ – аробачаҳои маъюбӣ эҳтиёҷ доранд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия 31 нафар маъюбони бо воситаҳои ёридиҳанда (узвҳои сунъӣ (протез) ва айнакҳои махсус, асбобҳои шунавоӣ) эҳтиёҷ дошта зиёданд.

***Таъминоти нафақа ва дастгирии оилаҳои камбизоат***. Соли 2014 дар ноҳияи Варзоб маблағи талаботи моҳонаи нафақа 1353542,43 сомониро ташкил дода, дар қиёс ба нишондиҳандаи соли 2011 ба андозаи 737915,29 сомонӣ ва ё 83,4 фоиз зиёд мебошад.




Яке аз омилҳои асосие, ки дар раванди афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа таъсири мусбӣ расонидааст, ин дар заминаи рушди иқтисодиёти кишвар ва беҳтар гардидани имкониятҳои молиявӣ, интишор гардидани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №923 аз 6 сентябри соли 2010, "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо", №1313 аз 13 августи соли 2012 ва №1493 аз 14 августи соли 2013 "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо" мебошанд.

*Ҳаҷми пардохти ҷубронпулиҳо ва нафақа*
*дар ноҳияи Варзоб дар тӯли солҳои 2010-2014(сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷуброни қувваи барқ (сомонӣ) | 103430 | 104823 | 105171 | 105840 | 106488 |
| - нафар | 3356 | 3386 | 3418 | 3459 | 3476 |
| Ҳаҷми миёнаи нафақа (сомонӣ) | 141,29 | 144,21 | 168,84 | 226,37 | 236,49 |

Дар соли 2014 ҳаҷми миёнаи нафақа 233,1 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2010 ба андозаи 94,48 сомонӣ ва ё 246,2 фоиз зиёд мебошад.

***Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.*** Дар ноҳияи Варзоб шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, ки хизматрасонии суроғавиро ба аҳолӣ ба анҷом расонад, фаъолият наменамояд.

Сабаби арзи вуҷуд надоштани шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар он маънидод карда мешавад, ки таъсис додани ин шӯъба аз кам будани шумораи шахсони якаву танҳо ва эҳтиёҷмандон ва ба талаботи Низомнома ҷавобгӯ набудан арзёбӣ шудааст. Вале дар ноҳияи Варзоб шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ гарчанде зиёд ҳам набошад, онҳо ҳастанд. Таъсис додани шӯъба ва ҳалли масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи хоссаро тақозо менамояд.

*Шумораи нафарони барҷомондаю ниёзманди*
*ноҳияи Варзоб дар соли 2014 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Шумора (нафар / кудак) | Маблағ (Сомонӣ) |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 5548 | 1293250,80 |
| Аз он чумла, нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ | | |
| Маъюбони Ҷанги Бузурги Ватани | 11 | 7877,0 |
| 1. Нафақахӯрони меҳнатӣ | 4587 | 1178672,26 |
| а) аз руи синну сол | 3472 | 852257,65 |
| б) аз руи маъюби умумӣ | 635 | 196216,0 |
| в) аз руи бесаробонӣ | 418 | 90581,0 |
| г) барои хизматҳои дарозмуддат | 29 | 13087,95 |
| д) хизматҳои махсус дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 36 | 18652,47 |
| ҷ) аҳамияти маҳаллидошта | - | - |
| 2. Нафақахӯрони иҷтимоӣ | 961 | 114578,54 |
| а) аз руи синну сол | 88 | 6615,0 |
| б) аз руи маъюби умумӣ | 82 | 7501,0 |
| в) аз руи бесаробонӣ | 202 | 37724,54 |
| г) маъюбони аз кӯдаки аз 18 сола боло | 229 | 27950,0 |
| д) маъюбони аз овони кӯдаки то 18 сола | 360 | 34788,0 |
| 3. Талаботи моҳонаи нафақа (ба 31.12.2014) | 5548 | 1293250,80 |

Аз 5548 нафар шумораи умумии ниёзмандон, 11 нафар иштирокчиёни ҶБВ, 360 нафар маъюбони то синни 18 сола, 4 нафар ҷанговарони интернатсионалист, 23 нафар иштирокчиёни садамаи Чернобыл, 16 нафар шахсони яккаву танҳо ва зиёда аз 3000 нафар нафақахурони пиронсоли ба хизматрасонӣ эҳтиёҷманд мебошанд. Дар самти номбурда нокифоягии маблағҳои пешбинишуда ва нақлиёти хизматӣ мушкилоти соҳаро зиёдтар менамояд.

Шӯъбаи номбурда ба воситаи нақлиёт, воҳидҳои кории иловагӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ ва бинои замонавии муҷаҳҳазгардонидашуда, эҳтиёҷ дорад.

*Шумораи умумии кӯдакони осебпазир аз рӯи гурӯҳҳо*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 |
| Шумораи бепарасторон (ятими кулл) | 10 | 10 | 13 |
| Кӯдакони маъюб (то 18 сола) | 244 | 295 | 360 |
| Шумораи кӯдакони ба васоят ва парасторӣ додашуда | 21 | 31 | 33 |

Дар ноҳия барои беҳтар намудани рӯҳияи кӯдакони маъюб ягон муассиса ё ташкилот фаъолият наменамояд. Ҳар сол рӯзи 1 июн рӯзи кӯдакон ва 3 декабр рӯзи маъюбон, бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва ташаббуси Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар маркази ноҳия бо иштироки кӯдакони имконияташон маҳдуд озмунҳои мухталифи расмкашӣ, шеърхонӣ, сурудхонӣ, намоиши саҳначаҳои ҳаҷвӣ гузаронида мешавад. Дар озмунҳои номбаршуда кӯдакону наврасони маъюб ҳамчунин маҳсули меҳнаташонро ба намоиш мегузоранд, ҳамзамон ба эҳтиёҷмандон аробачаҳои маъюбӣ ва ба кӯдакони имконияташон маҳдуд тӯҳфаҳои гуногун тақдим карда мешавад.

***Меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Варзоб.*** Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2014 – 2015 бо қарори Раиси ноҳияи Варзоб аз 17 апрели 2014, №142 тасдиқ шудааст. Барномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва дигар аснодҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия гардидааст. Ҳадафи асосии Барнома, мусоидат намудан ҷиҳати бо кор таъминкунии аҳолӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат намудан ба шуғли доимии шаҳрвандони бекор мебошад. Дар Барнома нисбати ашхосе, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат мисли дигарон рақобат карда наметавонанд (занҳои серфарзанд, маъюбони гурӯҳи 3, аз маҳбас озодшудагон ва ғайраҳо) чорабинии махсус ба воситаи муайян кардани квотаҳо мувофиқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ») пешбинӣ карда шудааст.

Мувофиқи талаботи бозори меҳнат ва касбомӯзии манфиатбахш, тайёр намудани кадрҳои коргарӣ, ташкили корҳои ҷамъиятии музднок, васеъ намудани фаъолияти соҳибкории хурду миёна, расонидани кӯмаки молиявӣ ба бекорон тавассути пардохти кӯмакпулӣ, ба нақша гирифта шудааст.

Дар Барнома ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, алалхусус ривоҷу инкишофи минбаъдаи соҳаи сохтмон, хоҷагиҳои деҳқонӣ – фермерӣ, ташкили корҳои фардию соҳибкорӣ, инчунин васеъ намудани доираи фаъолияти соҳибкорӣ тавассути додани қарзҳои хурд бо воситаи бонкҳо, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Варзоб аҳамияти махсус дода шудааст.

Ба эътидол овардани вазъи бозори меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбизоат ва ба кӯмаки иҷтимоӣ ниёзманд, чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ гаштаанд. Манбаи асосии маблағгузории тадбирҳои дар Барнома пешбинишуда асосан аз ҳисоби Фонди ҳифзи иҷтимоӣ мебошад. Дар доираи Барнома иҷрои корҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

- омузиш, бозомузӣ ва баланд бардоштани савияи дониши ашхоси бешуғл;
- таъмини кафолати иҷтимоии бекорон;
- ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҳисоби ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок);
- ҷалб намудани аҳолии бешуғл ва бекор ба корҳои ҷамъиятӣ;
- бо кор таъминкунии аҳолӣ тариқи квотаҳо ва ғайра.

Дар ноҳияи Варзоб дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва бо мақсади таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кор, дар давоми солҳои 2012-2014 дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдор 4992 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд (аз ҷумла дар соли 2014 - 1980 ҷойи нави корӣ), ки аз ин шумора 921 нафар ё 18,4% бо ҷои кори доимӣ (аз ҷумла дар соли 2012 - 443 нафар) таъмин гардидааст.

*Раванди татбиқи "Барномаи мусоидат*
*ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Варзоб барои солҳои 2012-2014"*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо % (иҷроиш) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷро-иш | Нақша | Иҷро-иш | Нақша | Иҷро-иш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1165 | 1196 | 1734 | 1750 | 1980 | 2046 | 171% |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 392 | 443 | 206 | 228 | 229 | 250 | 56,4% |
| Касбомузӣ | 180 | 202 | 180 | 266 | 180 | 224 | 110,8% |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 50 | 50 | 50 | 50 | 60 | 60 | 120% |

Дар доираи барномаи мазкур, дар давоми солҳои 2012 – 2014 беш аз 692 нафар курсҳои кӯтоҳмудати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ хатм намудаанд, ки 124,5 % нақшаи Барномаро дарбар мегирад. Дар ҳамкорӣ бо Филиали муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар ноҳияи Варзоб, ба курсҳои омӯзиши аз рӯи касбҳои дуредгарӣ, дӯзандагӣ, кафшергари баркӣ, қаннодӣ, ошпаз, муҳосиб, занбӯриасалпарвар, компютер ва омӯзиши забони хориҷӣ фаро гирифта шудаанд, аз ҷумла 319 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд. Дар маркази мазкур 1 нафар кор мекунад, мутахасисони соҳибтаҷриба бошанд дар асоси шартнома ҷалб карда мешаванд ва ба бекорон касбҳои гуногунро меомӯзонанд. Дар Маркази номбурда норасогии бинои таълими ва таҷҳизоти зарурӣ мушоҳида мешавад.




Сатҳи паст ва нокифояи музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои буҷавӣ, илова бар он мавҷуд набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, боиси тарк намудани ҷойи кор ва ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисми зиёди нафарони ба кор қабулшуда гаштааст.



Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар бозори меҳнат, дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат, ба ҳисоб меравад. Дар заминаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва рушди соҳаи хизматрасонӣ, дар тамоми соҳаҳо теъдоди соҳибкорон, корхонаҳо ва кормандон зиёд шуда истодааст.

Амалӣ гаштани чорабиниҳои дар Барнома пешбинигардида имконият медиҳад, ки дар давоми солҳои 2016 – 2020 дар ноҳия 2825 ҷойҳои кории нав ва иловагӣ таъсис дода шуда, 140 нафар ашхоси бешуғл ба корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гашта, 376 нафар ба омӯзиш ва бозомӯзӣ фаро гирифта шуда, 111 нафар аз ҳисоби маблағҳои шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд.

Ҳаҷми хароҷоти буҷети ноҳияи Варзоб барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) ҳамасола меафзояд. Маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад.




Соли 2014 ба соҳаҳои маориф 55,1 фоиз, тандурустӣ 22,6 фоиз, сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 12,9 фоиз ва соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 0,9 фоиз маблағҳо масраф гардидааст. Дар ноҳия маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ нисбат ба соли 2010 ба андозаи 0,16 фоиз кам гардидааст. Маблағи барои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ пешбинишуда барои ҳавасмандсозии иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод ба муносибати иду ҷашнҳо, расонидани кӯмаки яквақта барои иштирокчиёни садамаи Чернобил ва пардохти ҷубронпулӣ ба хонандагони аз оилаҳои камбизоат масраф мегардад.

***Сатҳи бекорӣ.*** Яке аз ҳадафҳои стратегии Барномаи рушди ноҳияи Варзоб, дар солҳои минбаъда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина, коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф, дар доираи Барномаи мазкур, дар ноҳия ба кор даровардани иқтидорҳои нав, аз ҷумла ба истифода супоридани 8 корхонаи хурди саноатӣ дар назар дошта шудааст.

*Нишондиҳандаҳои асосии бекорӣ (дар солҳои 2012-2014)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии ноҳия | 72069 | 75026 | 80665 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 26800 | 26900 | 29800 |
| Шумораи ашхоси бекори ба қайд гирифташуда | 876 | 815 | 1109 |
| Аз он ҷумла: занон | 459 | 449 | 585 |
| - ҷавонон | 432 | 462 | 625 |
| Сатҳи расмии бекорӣ (%) | 1,02 | 0,08 | 1,14 |

Дар соли 2014 ҳамагӣ 250 нафар шахси бекор бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин шуданд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2013 дар ҳаҷми 109 фоиз зиёдтар аст. Ба ғайр аз ин, дар ин муддат 2046 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд, ки дар муқоиса бо соли 2012 - 0,5 маротиба зиёдтар аст.

Яке аз сабабҳои асосие, ки бекорони расман ба қайд гирифташуда сари вақт ва пурра бо кор таъмин карда намешаванд, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста будани омили мазкур мебошад. Илова бар ин, ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ, аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон, аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба бекорон ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2012-2014 шумораи умумии бекороне, ки дар ҳудуди ноҳия аз ҳисоби шӯъба аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 172 нафарро ташкил медиҳад, ки 110,1%-и нақшаи Барномаро ташкил медиҳад.

*Маблағҳои қарзии имтиёзноки ба бекорони ноҳияи Варзоб дар солхои 2012-2014 барои шуғл пешниҳодгардида*

| Солҳо | Шумораи умумии бекорон дар ноҳия, нафар | Бекороне, ки ба онҳо маблағи қарзи имтиёзнок пешниҳод гардидааст, нафар | Маблағи қарзии пешниҳод гардида, ҳазор сомонӣ | Маблағи кӯмакпулӣ барои бекорон, ҳазор сомонӣ | Шумораи бекорони ба курсҳои касбомӯзӣ фарогирифташуд а, нафар |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 273 | 60 | 69 | 226621 | 202 |
| 2013 | 22 | 45 | 48 | 153700 | 266 |
| 2014 | 340 | 50 | 55 | 213700 | 224 |

Бояд қайд намуд, ки мутобиқи моддаи 21 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор бо роҳхати шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ сурат мегирад.

Дар асоси шартнома байни шуъба ва муассисаҳои давлатии марказҳои таълимии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бекорони дар қайдбуда метавонанд соҳиби касбҳои гуногун шаванд. Азбаски марказҳои таълимӣ дар ноҳия вуҷуд надошта дар шаҳри Душанбе воқеъ мебошанд, мувофиқи мақсад аст, ки муассисаи давлатии таълимии «Литсеи касбии техники ноҳияи Варзоб» оиди тайёр намудани касбҳои коргарӣ дар самтҳои саноат, сохтмон, сайёҳӣ ва хизматрасонӣ таъсис дода шавад.

Дар асоси моддаи 22–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалхо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликияташон бо иштироки шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар асоси шартнома гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднокро ташкил менамоянд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар харҷномаи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҷудо намудани маблағҳои лозимиро дар ин самт ба инобат гиранд.

Ноҳияи Варзоб дорои иқтидорҳои зиёди истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии истифоданагардида буда, дар сурати истифодаи самараноки онҳо, сатҳи бекориро паст намудан мумкин мегардад. Зеро дар сурати фаъолияти пурраи коргоҳҳои ҶСК “Такобский ГОК”, ҶДММ ”Тоҷикистон” ва ҶДММ ”Сиёма” дар ноҳия дар заминаи корхонаҳои сохтмонию истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, зиёда аз 200 нафар ба кори доимӣ ҷалб мегарданд. Мутаассифона, таи солҳои охир бо сабаби фаъолияти ғайриқаноатбахши ин корхонаҳо, бинобар норасогии маблағ ва ашёи хом, кӯҳнаю фарсуда гардидани технологияҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои ноҳия аз фаъолият боз

мондаанд ва омили мазкур, боиси баланд гардидани сатҳи бекорӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, барои ҳаллу фасл намудани монеаҳои ба миён омада, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ хеле зарур мебошад.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия то соли 2020 ҷалб ва мусоидат намудан ба фаъолияти муассисаҳои дахлдор, барои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина, мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат мебошад. Аз ин лиҳоз, дар ноҳия бо назардошти тамоми соҳаҳо то соли 2020 ташкил намудани 1900 ҷойҳои нави корӣ пешбинӣ гардидааст.

***Музди меҳнат***. Дар солҳои 2012-2014 андозаи даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла, музди меҳнат ва нафақа зиёд гаштааст. Бо вуҷуди сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа, нақлиёту саноат, дар ноҳия сатҳи нисбатан пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва фарҳанг мушоҳида мегардад.

*Музди миёнаи меҳнат дар ноҳияи Варзоб аз рӯи соҳаҳо*
*дар тӯли солҳои 2012 -2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2012 бо% |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Кишоварзӣ | 291 | 322 | 351 | 120,6% |
| Саноат | 132 | 156 | 418 | 3,1 маротиба |
| Сохтмон | 296 | 340 | 712 | 2,4 маротиба |
| Молия ва қарз, бонкҳо | 462 | 778 | 849 | 1,8 маротиба |
| Фарҳанг | 281 | 329 | 361 | 128% |
| Тандурустӣ | 263 | 447 | 463 | 176% |
| Маориф | 275 | 357 | 402 | 146% |
| ХМК | 267 | 342 | 376 | 141% |
| Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ | 498 | 669 | 707 | 142% |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 307,2 | 415,5 | 524 | 170,5% |

***Мушкилиҳои мавҷуда.*** Музди меҳнати саҳмдорон аз ҷониби роҳбари ҳар хоҷагӣ муайян мегардад ва дар аксар ҳолатҳо талаботҳои Кодекси меҳнат риоя намегардад, шароити меҳнату маишати коргарон беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд, дар натиҷаи ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳаҷми даромаднокии хоҷагиҳо кам гардида, аксари хоҷагиҳо аз сохторҳои барқ ва андоз қарздор гардидаанд, илова бар ин тартиби ба кор қабул намудан ва муайян намудани ҳаҷми музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст роҳандозӣ нагардидааст.

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Аз соли 2014 сар карда оиди масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, экологӣ ва дохилӣ дар ноҳия бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Варзоб машғул мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, яке аз сарчашмаҳои асосии даромади аҳолии ноҳияи Варзоб мебошад. Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 1895 нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта буданд, ки нисбат ба соли 2012 32 нафар зиёдтар аст. Дар ноҳия сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар расида, сатҳи тахассусӣ ва касбии муҳоҷирони меҳнатии ноҳия, хусусан ҷавонон, дар бозори меҳнат рақобатпазир нест. Соли 2014 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба ноҳия тавассути бонкҳои ноҳия 17,2 млн. долари ИМА ва 14,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст. Барои аксар оилаҳои ноҳия маблағе, ки аз ҷониби муҳоҷирон интиқол мешавад, сарчашмаи асосии даромад ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳа, ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ), тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №474 аз 2 ноябри соли 2013 "Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона

кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2014-2016” ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он, аз ноҳияи Варзоб кӯчонидани 15 оила ба мавзеъҳои бехавф пешбинӣ гардидааст.

Дар солҳои 2012-2014 дар ноҳия 12 хоҷагӣ (115 нафар) муҳоҷирони экологӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз мавзеъҳои хафноки деҳаҳои Арақчин (12 хоҷагӣ) ба деҳаи Чормағзакони ҷамоати деҳоти Чорбоғ ва аз деҳаи Сафедораки (6 хоҷагӣ) ҷамоати деҳоти Деҳмалик ва деҳаи Ҳазораи (9 хоҷагӣ) ҷамоати деҳоти Зиддӣ ба маҳаллаҳои навбунёди ҳудуди деҳаи Чорбоғи ҷамоати деҳоти Чорбоғ, ба мавзеъҳои бехавф бояд кӯчонида мешуданд ва айни замон (дар соли 2015 низ) ин раванд бо назардошти маҳдудиятҳои молиявию буҷетӣ идома дорад.

*Муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнати ноҳияи Варзоб*

| Солҳо | Аҳолии қобили меҳнат ё захираҳои меҳнатӣ | Аҳолии расман дар иқтисодиёт машғул буда | Муҳоҷирони меҳнатӣ | % аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|---|
| 2012 | 45423 | 6452 | 1792 | 63 |
| 2013 | 47341 | 6489 | 1857 | 63 |
| 2014 | 50820 | 6512 | 1895 | 63 |

Бояд қайд намуд, ки афзоиши аҳолии қобили меҳнат дар се соли охир аз ҳисоби ба ноҳия кучида омадани аҳолӣ ба маҳаллаҳои навбунёди Тойқара ва Ҷангалаки ҷамоати деҳоти Чорбоғ (350 хоҷагӣ), маҳаллаи навбунёди Девдараи ҷамоати деҳоти С.Айнӣ (60 хоҷагӣ) ва ба манзилҳои истиқоматӣ (320) табдил гаштани минтақаҳои истироҳатии тобеи Вазорати корҳои дохилӣ ва ҶСК “Агроинвестбонк” воқеъ дар мавзеи Лучоби ҷамоати Чорбоғ мебошад.

Мувофиқи мақсад аст, ки ҷиҳати мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ дар доираи Барнома тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд: ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷир, тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан доранд, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдори ҷумҳурӣ, ҷиҳати интиқоли нерӯҳои кории маҳаллӣ ба хориҷи кишвар, ташкил ва татбиқ намудани механизми бо шаҳодатнома таъмин намудани нафарони малакаи касбии хешро дар курсҳои бозомӯзӣ беҳтар намуда, фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ ва ҷамъшаванда, пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта, ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши ба муҳоҷиратӣ меҳнатӣ рафтан доранд, самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ.

***Мушкилиҳои асосии соҳаҳои иҷтимоӣ:*** норасогии воситаҳои техникӣ, курсӣ-аробачаҳо барои маъюбон, номутобиқатии ташкили корҳо оиди раванди таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ва ҷавобгӯй набудани он ба стандартҳои умумӣ қабулгардида, рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмии меҳнат, сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрии касбӣ дар байни ҷавонон, набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ, саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм менамоянд, набудани муассисаи давлатии «Маркази барқароркунии тиббии рӯзона барои кӯдакони имкониятошон маҳдуд», мавҷуд набудани хонаи маъюбон, барои кӯдакони маъюб, зарурияти таъсис додани «Литсейи касбомӯзӣ» барои маъюбони синни аз 15 то 30 сола ва дар ноҳия мавҷуд набудани «Хонаи кӯҳансолон».

*Адлияи ноболиғон.* Дар ноҳияи Варзоб соли 2014 ягон ҳолати ҷинояти аз ҷониби ноболиғон содиргашта, ба қайд гирифта нашудааст. Зеро ҷиҳати пешгирӣ намудани қонунвайронкунӣ аз ҷониби ноболоғон дар давоми соли 2014 аз ҷониби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак дар якҷоягӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдор зиёда аз 14 маротиба амалиёти мақсаднок гузаронида шуд.

Дар заминаи «Барномаи кор бо ноболиғон барои солҳои 2010-2015» дар мактабҳои № 10,3,4,1,2,9 корҳои профилактикӣ ва машваратҳо гузаронида шуда, дар он хонандагону мураббиёни мактабҳо ва волидайни кӯдакони маъюб иштирок намуданд. Амалиётҳои фаврӣ ва дигар тадбирҳо оиди пешгирии ҳамагуна ҷиноятокорӣ дар байни ноболиғон, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғон, эмин нигоҳ доштани онҳо аз зӯроварии калонсолон ва ба таълиму тарбия ҷалб намудани онҳо тадбирҳои лозимӣ амалӣ карда мешаванд. Дар ин самт, Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак бо маркази таҳсилоти иловагӣ ҳамкории зич дошта, дар асоси қарори Комиссияи ҳуқуқи кӯдак ҳамасола ноболиғон барои пешгирӣ аз корҳои номатлуб, ба таҳсили иловагӣ фаро гирифта мешаванд. Дар давоми солҳои 2012-2014 тақрибан 183 нафар, аз ҷумла 3 нафар кӯдакони маъюб, ба маҳфилҳои омӯзишии марказ фаро гирифта шуданд. Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои оворагардию қонуншиканӣ толибилмон мувофиқи хоҳишашон барои беҳтар намудани сатҳи дониш ба маҳфилҳои Маркази таҳсилоти иловагӣ ҷалб мегарданд.

**3.4. Соҳаи фарҳанг**

Дар ноҳияи Варзоб 26 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст. Аз ин: 1 Қасри фарҳанг, 2 хонаи маданият, 16 китобхона (1 китобхонаи марказӣ ва 15 китобхонаҳои деҳот), 6 клубҳои деҳот, 1 мактаби санъати бачагона ва 1 боғи истироҳатии фарҳангӣ.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳанги ноҳияи Варзоб 80 нафарро ташкил дода, аз ин 13 нафар дорои маълумоти олӣ, 27 нафар дорои маълумоти олӣ ва ғайри соҳавӣ, 10 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 10 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд, ки аз ин 10 нафарашонро кормандони техникӣ ташкил менамоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 10 нафар аз тарафи бахши фарҳанги ноҳияи Варзоб, (оид ба коргардонӣ, корманди муассисаҳои клубӣ ва китобдории китобхонаҳои марказӣ) ба Донишкадаи Давлатии Санъати Тоҷикистон барои такмили ихтисос равон карда шуд.

Дар айни замон муассисаҳои фарҳанги ноҳияи Варзоб аз норасогии мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баланд ихтисос 5 нафарро ташкил медиҳад.

*Боги фарҳанг ва истироҳат.* Боғи фарҳанг ва истироҳатии ноҳия соли 2012 дар майдони 0,97 гектар ташкил гардида, дар тобеияти бахши фарҳанги ноҳия қарор дорад. Шумораи умумии кормандон ин боғ 2 нафар мебошанд. Боғи фарҳанг ва истироҳатии ноҳия дорои 5 адад арғунчакҳо барои хурдсолон ва 1 майдончаи консертӣ мебошад. Дар соли 2012 аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ дар дохили боғ арғунчакҳо барои хурдсолон сохта шуд. Айни замон, дар боғи мазкур 2 адад аттраксиони калон (чархофалак), 1 адад аттраксиони хурд ва 1 адад арғунчакҳо мавҷуд аст. Илова бар ин, норасогии ҷойҳои нишаст, хонаи саққобозӣ ва теннис, чойхона барои мӯйсафедон, нуқтаҳои фароғатӣ, суст будани равшаннамоии шабонаи боғ (махсусан дар чор тарафи он норасогии прожекторҳо), норасогии нуқтаи радиошунавонӣ мушкилиҳои асосӣ дар ин самт маҳсуб меёбанд.

Инчунин дар боғи фарҳанги норасоии воҳидҳои кории зерин мавҷуд мебошад: аз ҷумла, директори боғ, аграном, боғбон, посбон, фаррош ва баркҷӣ.

Дар ноҳияи Варзоб 16 адад китобхона фаъолият дорад, ки аз ин: китобхонаи марказӣ ва китобхонаи оммавӣ дар мувозинаи бахши фарҳанги ноҳия буда, 15 адад китобхонаҳои деҳот дар мувозинаи ҷамоатҳои деҳот мебошанд. Дар китобхонаҳо китобҳои тозанашр, рафҳои китобмонӣ ва таҷҳизоти компютерӣ намерасанд.

*Муасиссаҳои фарҳангии ноҳияи Варзоб ва мушкилиҳои он*

| № | Номгӯи муассиса | Шумора | Мушкилии мавчуда |
|---|---|---|---|
| 1 | Китобхонаи марказӣ | 1 | Нокифоя будани базаи моддию техникӣ ва асбобҳои мусиқӣ |
| 2 | Китобхонаи шаҳри | 1 | Норасоии таҷҳизотҳои замонавӣ |
| 3 | Китобхонаи деҳот | 15 | Ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доштани биноҳои китобхонаҳо, норасогии рафҳои китобмонӣ, муҷаҳаз нагардидан бо компютер ва пайваст набудан бо интернет. |
| 7 | Хонаи фарҳанг | 1 | |
| 8 | Клуби деҳот | 6 | |
| 10 | Боғи фарҳангӣ | 1 | |
| 11 | Мактаби санъати бачагона | 1 | |

Дар ноҳия 4 гурӯҳи созию овозии касбӣ ва ҳаваскорон фаъолият менамояд. Дар деҳот клубҳои фарҳангӣ қисман таъмир шуда бошанд ҳам, бештари онҳо ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин клубҳои мазкур ҷойҳои нишаст надоранд ва ё дар ҳолати фарсуда мебошанд, асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ намерасанд. Дар асл клубҳо қисман аз фаъолият боз мондаанд. Дар баъзе ҳолатхо онҳо аз тарафи гурӯҳои ҳаваскори маҳаллӣ истифода мешаванд ва дар онҳо чорабиниҳое гузаронида мешаванд, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд. Фаъолияти маҳфилҳои эчодию адабие, ки дар клубҳои деҳот фаъолият менамоянд, аз сабаби маҳдудияти молиявӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Аз ин сабаб, барои самаранок ҳал намудани ин масъала, айни замон ҷалб намудани иқтидори ҷомеа ва соҳибкорон қобили қабул мебошад.

Дар ноҳия мактаби санъат фаъолият менамояд, ки дар он 18 нафар муаллимон таълим медиҳанд. Аз шумораи умумии муаллимон 4 нафар дорои маълумоти олии касбӣ, боқимонда дорои маълумоти махсуси касбӣ буда, ба 101 хонанда дониши мусиқӣ меомӯзанд. Дар мактаб асосан аз рӯи ихтисосҳои фортепиано, рубоб, таблак, ғиҷҷак, най, аккордеон, санъати овозхонӣ, драмавӣ, актёри ва рассомӣ дарс гузаронида мешавад. Инчунин дар маркази мазкур ба хонандагон ҳамчун фанҳои умумӣ дарси назарияи мусиқӣ, адабиёти мусиқӣ, солфеджио ва хор гузаронида мешавад. Дар фасли зимистон синфхонаҳои мактаби мусиқӣ ба воситаи печҳо бо истифодаи ангишт гарм карда мешаванд.

Мушкилоти асосии мактаби санъат ин норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ, фортепиано, таъмирталаб будани асбобҳои мавҷуда, фарсуда будани бинои мактаб ба шумор меравад.

Дар ноҳия фонди умумии китбхонаҳо 136552 адад китобро дар бар мегирад, ки аксарияти онҳо китобҳои бо забони русӣ навишташуда мебошанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон ноҳия ба мутахассисони касбии соҳаи китобдорӣ ниёз дорад. Аксарияти китобхонаҳои деҳот дар биноҳои ҷамоатҳои деҳот ва дигар муассисаҳо қарор дошта, ба меъёрҳои мавҷуда ҷавобгӯ нестанд. Аксарияти китобхонаҳо ба системаи кондитсионӣ, ҷевонҳо, мизу курсиҳо ва дигар таҷҳизоти китобхонавӣ ниёз доранд. Миқдори хонандагони доимӣ дар китобхонаҳои ноҳия 1211 нафарро ташкил менамояд. Дар китобхонаҳои ноҳия китобҳои тозанашр намерасад. Инчунин мавҷуд набудани низоми ягонаи бақайдгирӣ бо сабаби набудани кампютер мушкилотро зиёдтар намудааст.

Дар ноҳия як рӯзномаи ноҳиявӣ бо номи “Варзоб” мавҷуд аст, бо теъдоди 900 нусха нашр мешавад, ки он ҳам аз сабаби мавҷуд набудани матбааи ноҳиявӣ дар дигар матбааҳо чоп мешавад.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи фарҳанг:*

- Норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ ва барқӣ.
- Мавҷуд набудани студияи сабти овоз ва банаворгирӣ.
- Набудани автоклубҳо барои пешкаш намудани хизматрасонии фарҳангии таъҷилӣ-тарғиботӣ.
- Норасоии таҷҳизоти компютерӣ ва дигар лавозимоти идоравӣ.
- Норасоии мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ (саркоргардони соҳаи театр ва чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, коргардони овоз, навозандагон ва ғайраҳо).

- Ба таъмири асосӣ ниёз доштани клубҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ.
- Дар биноҳои дастгоҳҳои ҷамоат ва дигар муассисаҳо чойгир будани китобхонаҳо.
- Норасоии либосҳои театрӣ ва маҳдуд будани маблағ барои хариди онҳо.

### 3.5. Варзиш ва сайёҳӣ

***Варзиш.*** Дар ноҳияи Варзоб дар самти пешбурди сиёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва дар ин замина гузаронидани чорабиниҳои дахлдори соҳа бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, фаъолият менамояд. Дар ноҳияи Варзоб 5 иншооти варзишӣ мавҷуд мебошад. Дар соҳаи варзиши ноҳия 17 нафар мураббиён, аз ҷумла 3 нафар зан фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 3 нафар дорои маълумоти олӣ ва 14 нафари дигар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд.

Дар маркази ноҳия мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон фаъолият дорад, ки дар он 17 нафар мураббӣ, ба 29 гурӯҳ варзишгарон аз рӯи 8 намуди варзиш, аз ҷумла варзиши сабук, волейбол, тенниси рӯи миз, гӯштини миллӣ, самбо, дзю-до ва баскетбол ба 380 нафар наврасон тамрин ва таълим медиҳанд.

*Иштироки варзишгарони ноҳияи Варзоб дар мусобиқаҳо дар солҳои 2012-2014*

| №. | Солҳо | Мусобиқаҳои ноҳиявӣ | Мусобиқаҳои вилоятӣ | Мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ | Мусобиқаҳои байналмилалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 10 | 3 | 2 | - | 15 |
| 2 | 2013 | 15 | 4 | 3 | - | 23 |
| 3 | 2014 | 18 | 5 | 5 | 2 | 30 |

Дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» дар ноҳия нақша-чорабинӣ тартиб дода шудааст, ки дар доираи он пайваста чорабиниҳои варзишӣ гузаронида мешавад.

*Дастовардҳои варзишгарони ноҳияи Варзоб дар мусобиқаҳои солҳои 2012-2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нуқра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2012 | 2 | 4 | 5 | 11 |
| 2 | 2013 | 4 | 6 | 7 | 17 |
| 3 | 2014 | 6 | 8 | 9 | 23 |

Инчунин, дар ноҳияи Варзоб 7 толори варзишӣ ва 1 клуби варзиш, 1 варзишгоҳ ва 13 майдончаҳои варзишӣ мавҷуд буда, варзишгарон аз онҳо самаранок истифода бурда истодаанд. Сол аз сол иншоотҳо, толорҳои варзишӣ бо сабку услуби замонавӣ сохта шуда, бо ҳамин васила варзиш дар ноҳияи Варзоб рушд намуда истодааст. Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Варзоб бо пайдо шудани шароит барои тамрини ҷавонон аз рӯи ҳама намуди варзиш дар деҳаҳои қаламрави ноҳия сексияҳои варзиширо тасмим дорад, пиёда созад. Аксари муассисаҳои варзишии ноҳия, хусусан толори варзишии мактаби №1, №5 ба талаботи ҳозиразамон ҷавобгӯ набуда, ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Бинобар маҳдуд будани буҷети маҳаллӣ аксар чорабиниҳое, ки дар Барномаҳои давлатӣ пешбинӣ гардидааст, сари вақт маблағгузорӣ ва иҷро карда намешаванд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи варзиш ва сайёҳӣ:*** мавҷуд набудани толори варзишӣ дар ҳудуди деҳаҳои Косатарош, Якачуғуз ва аксарияти деҳаҳои дигар, норасогии таҷҳизотҳои муосири варзишӣ, норасогии воситаҳои молиявии барои варзиш ҷудошаванда.

**Соҳаи сайёҳӣ.** Соҳаи саёҳӣ дар ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, баҳри рушди ин соҳа як қатор барномаҳои давлатӣ қабул гашта, мавриди татбиқ

ва амал қарор доранд. Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ , ин таъмин намудани шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ барои ташкили фаъолияти самарабахши субеъктҳои фаъолияти сайёҳӣ ва дар ин замина таъсиси бозори самаранок ва рақобатпазирӣ сайёҳӣ дар ноҳияи Варзоб мебошад, ки имконотро барои қонеъгардонии талаботи нохиявандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасониҳои мухталиф ва сифатноки соҳа таъмин намояд.

Ташаккули стратегияи муосири маркетингӣ ҷиҳати таҳия ва пешбурди минбаъдаи маҳсулоти сайёҳӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар асоси бренди миллӣ, вазифаи асосӣ барои рушди сайёҳӣ и ноҳия ба ҳисоб меравад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №461 аз 9 ноябри соли 2000-ум «Барномаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳат, табобатӣ, санаторию курортӣ ва сайёҳӣ » тасдиқ гардид.

Айни замон дар ноҳия 4 осоишгоҳ ва 67 минтақаҳои истироҳатии шахсӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Яке аз иншоотҳои машҳури сайёҳию табобатии ноҳия осоишгоҳи Хоҷа Оби Гарм аст, ки дар баландии 1860-1900 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Дар ҳудуди осоишгоҳи мазкур, ду дарёчаи хурд, дарёчаи оби Мазор ва дарёчаи оби Қаландар бо ҳамдигар пайваст мешаванд. Осоишгоҳи Хоҷа-Оби-Гарм оби маъдании фаровон дорад, ки ҳарорати он то +98 дараҷа мерасад. Қаламраве ки аз он оби гарми маъданӣ-радиоактивӣ мебарояд, 4,5 гектарро ташкил дода, аз он беш аз 20 чашма ҷорӣ мешавад. Аз чашмаҳои обашон нисбатан ҳарорати баланд дошта, буғи гарм хориҷ мешавад, ки он буғи радиоактивӣ буда, таркиби он дар қатори дигар унсурҳои кимиёвӣ, элементи радон дорад.

Осоишгоҳи Хоҷа Оби Гарм аҳамияти умумиҷумҳуриявӣ дорад ва ҳар сол дар он то 7-8 ҳазор нафар нохиявандон табобат мегиранд. Дар осоишгоҳи мазкур бемориҳои дил, рагҳои хунгузар, узвҳои ҳаракат, сутунмӯҳра, асаб, роҳи нафас, бемориҳои занона, гурда, узвҳои ҳозима ва дигар бемориҳо муолиҷа карда мешаванд. Барои самарабахш гузаронидани табобат обу ҳавои кӯҳсор низ кӯмак мерасонад.

Ноҳия аз чашмаҳои оби маъданӣ нӯшокӣ низ бой аст. Чашмаи оби Хоҷа-Сангхок дар баландии зиёда аз 3000 метр воқеъ гардидааст. Таркиби об аз моддаҳои менералӣ бой мебошад. Дар таркиби он магний, калий, калтсий, натрий, оҳан ва дигар моддаҳо мавҷуданд, ки барои муолиҷаи меъда, ҷигар ва бемории қанд истифода мешавад.

Дар қисмати ғарбии ноҳияи Варзоб, дар мавзеи Сафедорак базаи лижаронӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки дар он ҳар сол мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ доир мегарданд. Варзишгарони ноҳия аз ин намуди лижаронии кӯҳӣ дар мусобиқаҳои байналхалқӣ ва олимпиадаҳои зимистона иштирок менамоянд.

Мавзеи дигари зебои ноҳия дарёи Сиёма буда, аз қисмати шимолии ноҳия оғоз гардида, ба резишгоҳи дарёи Варзоб мерезад. Соли 2001 дар озмуни байналхалқии «Оби тоза», ки дар ИМА баргузор гардида буд, дар қатори даҳ ҷои аввал ҷойгир ва соҳиби ҷоиза гардид.

Олами набототи Варзоб низ гуногун буда, растаниҳои мевадиҳанда, ороишӣ, доругӣ ва асаловар хело бисёранд. Аз 145 намуд растаниҳои худрӯйи ноҳияи Варзоб дар соҳаи тиб доруворӣ тайёр менамоянд. Арчазорҳо 50 фоизи ҷангалзори ноҳияро ташкил медиҳанд.

Олами ҳайвоноти ин диёри зебо низ гуногун аст. Дар кӯҳу дараҳо намудҳои мухталифи ҳайвонот: хирс, гург, қашқалдоқ, хуки ёбоӣ, оҳу, ҷайра, рӯбоҳ ва сағур паҳн шудаанд. Дар Варзоб 46 намуди парандагон аз қабили уқоби морхур, каргас, булбул, кабк, мусича, гунҷишк, фароштурук, мурғи ҳилол, соч, саъба ва ғайраҳо мавҷуданд.

**Вазъи сайёҳӣ дар ноҳияи Варзоб.** Дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз иқтидори зарурии мавҷуда, мавқеъи на он қадар намоёнро ишғол менамояд ва мутобиқан ба ҳиссаи кишвар қисмати ночизи гардиши сайёҳӣ и ҷаҳонӣ рост меояд. Барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳияи Варзоб соҳаи сайёҳӣ

нақши муҳим дошта, он яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳим ба ҳисоб меравад. Ба ноҳия аз давлатҳои собиқ иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар давлатҳои хориҷӣ, сайёҳони зиёд омаду рафт доранд. Маҳз тариқи ноҳияи Варзоб сайёҳон ба пойтахти кишвар ворид мешаванд. Солҳои охир шумораи зиёди сайёҳон барои саёҳат ва фароғат аз ноҳияи Варзоб дидан менамоянд. Дар соли 2014 теъдоди беш аз 23000 нафар сайёҳон аз кишварҳои хориҷӣ ва аз дохили кишвар барои саёҳату фароғат ба ноҳияи Варзоб ворид шудаанд. Маблағи умумии аз ҳисоби ба сайёҳон пешниҳод намудани хизматрасонӣ ба ноҳия ворид шуда тақрибан 55835 сомониро ташкил намуда, аз ин ҳисоб дар соли 2014 ҳамчун андоз ба буҷети маҳаллии ноҳияи Варзоб 11448 сомонӣ ворид гардидааст.

Рушди соҳаи сайёҳӣ и байналмиллалӣ, барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина ташкил намудани инфрасохтори сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, фароғатгоҳҳо, метавонад, махсусан барои ҷавонони ноҳия, дар муҳаё сохтани ҷойҳои нави корӣ, заминаи воқеӣ гузорад.

Бо дарки мафҳуми рушди сайёҳӣ аҳолии ноҳияи Варзоб сатҳу сифати хизматрасониро ба сайёҳон сол аз сол беҳтар намуда истодаанд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Варзоб марказҳои тиҷоратӣ, ошхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ барои хизмат расонидан ба меҳмонону сайёҳон фаъолият намуда истодаанд.

Тибқи нишондиҳандаҳои омории бозори сайёҳӣ, дар давраи солҳои 2000 то 2014 дар ноҳия тамоюли устувори баландшавии гардиши сайёҳӣ ба назар мерасад, ки ба он пеш аз ҳама, вазъи мӯътадили сиёсати дохилӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сурати таҳияи маводи сайёҳии миллӣ дар заминаи ёдгориҳои нодири осори фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои табиию рекреатсионии ноҳияи Варзоб, табдили бонизом ва самараноки он ба бозори хизматрасонии сайёҳӣ, воридшавии бештари сайёҳони хориҷӣ ба ноҳия таъмин карда мешавад ва барои аҳолии ноҳия ҷойи иловагии корӣ муҳаё гардида, шароити некуаҳволӣ таъмин ва буҷаи давлат низ ғанӣ мегардад. Бинобар ин, босифат ташкил намудани чорабиниҳои тарғиботӣ оид ба ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва васеъ намудани арзҳои меҳмоннавозӣ барои беҳтар намудани имиҷӣ ноҳия, ҳамчун минтақаи сайёҳӣ и ҷумҳуриявӣ мусоидат менамоянд. Захираҳои табиию фароғатии ноҳия, мавҷудияти ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, фарқиятҳои этникӣ, расму оини хоссаи меҳмоннавозии мардуми ноҳия, чашмаҳои шифобахш, қуллаҳои аз 3000 метр боло, дарёҳои кӯҳӣ ва гиёҳҳои нодиру шифобахш, мавқеи хоси ҷуғрофӣ имконият медиҳад, ки дарояндаи наздик дар ҳудуди ноҳия навъҳои афзалиятноки сайёҳӣ ривоҷ дода шаванд:

- куҳнавардӣ, сайёҳӣ и пиёдагардии кӯҳию варзишӣ ва экологӣ;
- сайёҳӣ и аспӣ;
- сайёҳӣ и автомобилӣ;
- сайёҳӣ и экологӣ;
- сайёҳӣ и табобатӣ санаторию курортӣ ва истироҳатӣ;
- сайёҳӣ и таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ;
- сайёҳӣ и касбӣ;
- рафтинг (қаиқронӣ дар дарёҳои кӯҳӣ);
- варзиши лижатозии кӯҳӣ;
- сайёҳӣ и шикорӣ барои хориҷиён.

Омори сайёҳӣ и воридотӣ дар ноҳия шаҳодат медиҳад, ки вобаста ба хусусиятҳои табиию рекреатсионии кишвар аз ҷониби туристони хориҷӣ афзалият ба навъҳои сайёҳӣ и экологӣ, варзиши кӯҳӣ ва эктремалӣ дода мешавад. Бинобар ин, лозим аст, ки кори самараноки хадамоти махсуси наҷотдиҳӣ дар сохтори давлатии ҳолатҳои фавқуллода ба роҳ монда шавад.

Дар ҳудуди ноҳия иншоотҳои гуногуни фароғатӣ, дараҳои зебои мафтункунанда ва дорои гиёҳҳои шифобахшу дарёчаҳои пурамвоҷи Кондара, Ғусгарф, Харангон, Оҷук, Такоб, Зидеҳ, Сиёма, Майхура, Лучоб ва Чорбоғ мавҷуд буда, қалби меҳмонони

дохилию хориҷиро тасхир менамоянд. Дар ин дараҳои тамошобоб роҳи мошинагард ва пайроҳаҳои сайёҳӣ мавҷуданд ва мавзеъҳои тамошобобу фароғатӣ барои ҷалби хориҷиён мебошанд.

Ба рушди минбаъдаи сайёҳӣ и экологӣ дар Тоҷикистон истифодаи имкониятхои ҳудудҳои махсуси ҳифзшавандаи табиӣ, ки беш аз 22%-и қаламрави Тоҷикистонро дар бар мегирад, мусоидат менамоянд. Дар ноҳияи Варзоб бошад, аз ҷумла, «Боғи ботаникии ноҳияи Варзоб», ки дорои экосистемаҳои нодири табиӣ ва ҳайвоноти гуногуни ҷолиби диққати сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ мебошад, ба рушди минбаъдаи сайёҳӣ мусоидат хоҳад намуд. Иншооти самти санаторию курортӣ ва миқдори зиёди минтақаҳои истироҳатии хусусии ноҳияи Варзоб барои ташкили истироҳат ва муолиҷаи туристони дохилию хориҷӣ заминаи хуб фароҳам меоваранд.

Вусъат бахшидан ба рушди сайёҳӣ и дохилӣ дар баробари таъсири мусбии он аз ҳифзи иҷтимоӣ (шуғли аҳолӣ) барои ҷалби маблағгузориҳои ватанию хориҷӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ низ мусоидат менамояд.

Дар ин ҷода қайд кардан лозим аст, ки дар ноҳия роҳҳои автомобилгард ҳамчун пайвандгари минтақаҳои истироҳатӣ ва барои эҳёи сайёҳӣ дар «Шоҳроҳи Бузурги Абрешим» заминагузорӣ менамоянд.

Мувофиқи маълумоти омори расмӣ, дар ноҳия зиёда аз 67 минтақаҳои истироҳатии шахсӣ, 65 нуқтаҳои фароғатию истироҳатии шахсӣ, 3 осоишгоҳ, 34 нуқтаҳои савдо ва хӯроки миллӣ, 1 санаторияи ғайридавлатӣ, 9 минтақаҳои истироҳатии корхонаҳо, иншоотҳои сайёҳии дорои ҷанбаҳои санаторию курортӣ бо назардошти меҳмонхонаҳо амал меамоянд, ки сатҳи фаъолияти аксари онҳо ба талаботи ташкили хизматрасонии муосир ҷавобгӯй мебошанд.

*Маълумот оиди минтақаҳои истироҳатӣ*
*ва нуқтаҳои хизматрасонии ноҳияи Варзоб*

| |
|---|
| Минтақаи истироҳатии Агентии давлатии идораи замин ва геодезӣ назди ҲҶТ |
| Минтақаи истироҳатии «Душанбегаз», км. 41 д.Ҳушёре |
| Нуқтаи хӯроки миллӣ «Чорбед», д. Даҳана |
| Нуқтаи фурӯши моводи сӯзишворӣ, соҳибкор Эшов Ҷ., воқеъ дар шоҳроҳи Душанбе – Суғд, км. 34 |
| Нуқтаи хӯрокиҳои милии «Гули Майда», км.34 |
| Нуқтаи хӯроки миллӣ ш. Душанбе-Хуҷанд км.27,2 |
| «Зафар», деҳаи Даҳана |
| «Адолат» д.Шафтимиҷгон |
| «Сафар» д. Ғузгарф |
| «Парвина», км. 21,5 |
| «Чинорo», км. 22 |
| «Азиззодаи Ш», км. 26 |
| «Ҳалимов Л.», (Ғанӣ) км 29,5 |
| Боғи ботаникии Академияи улуми ҶТ деҳаи Кондара, км. 39,5 |

Таҳлили вазъи кунунии сайёҳӣ и воридотӣ ва дохилии ноҳия шаҳодат медиҳад, ки ноҳияи Варзоб бо назардошти самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат эълон гаштани он, Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳатӣ, табобатӣ, санаторӣ ва сайёҳӣ бонизом рушд ёфта истодааст. Дар соҳаи сайёҳӣ механизми ҳамоҳангсозии самараноки байниидоравӣ роҳандозӣ шуда истодааст.

Айни замон сиёсати давлатиро дар соҳаи сайёҳӣ Бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб татбиқ менамояд, вале минтақаҳои асосии сайёҳӣ ва ҳудудҳои табиию рекреатсионӣ ба сохторҳои мухталифи давлатию хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ мансубият доранд.

Вазорату идораҳо, иттифоқ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳурӣ, ки аз даврai собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибмулкони иншооти сайёҳӣ маҳсуб меёбанд, бо мақсади сайёҳӣ таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир наменамоянд.

Бинобар ин, барои самаранок татбиқ намудани мақсадҳои стратегии давлат дар самти мазкур зарур аст, ки дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва тамоми тарафҳои ҳавасманд оид ба таҳкими заминаи моддию техникии соҳаи сайёҳӣ ва самаранок истифода намудани иншооти сайёҳии тобеъи идораҳо ва иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон пешниҳодҳои мушаххас таҳия шаванд.

Барои таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияи Варзоб пешбинӣ намудани иҷрои як қатор тадбирҳо зарур аст, аз ҷумла:

*Беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори сайёҳии миллӣ ва ноил шудан ба сатҳи муосири фаъолияти онҳо.* Бо мақсади муайян намудани ҳолати инфрасохтори сайёҳӣ зимни фарогирии тамоми иншооти бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ (меҳмонхонаҳо, минтақаҳои истироҳатӣ, осоишгоҳҳо, кемпингҳо), анҷом додани таҳлилҳои маҷмӯи доир ба самаранокии кор ва мувофиқат кардани ташкили фаъолияти онҳо ба талаботи меъёрию ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ зарур мебошад, аз ҷумла:

- таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба беҳсозӣ ва такмили инфрасохтори сайёҳӣ, инчунин меҳмонхонаҳо ва минтақаҳои истироҳатӣ;
- идома додани корҳо ҷиҳати таъмини шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ барои ширкатҳои дохилӣ ва хориҷие, ки ба рушди инфрасохторҳои сайёҳии ноҳия маблағгузорӣ менамоянд;
- доир намудани чорабиниҳои ташкилию техникӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди тиҷорати меҳмонхонаҳо, осоишгоҳҳо ва минтақаҳои истироҳатӣ;
- таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрӣ оид ба стандартикунонӣ ва сертифиатсиякунонии хизматрасонӣ дар тиҷорати меҳмонхонавӣ дар асоси классификатсияи меҳмонхонаҳо.

Иншооти зерин барои рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар ноҳия муҳим ба ҳисоб меравaнд:

- осоишгоҳи «Хоҷа Оби Гарм»;
- шоҳроҳи «Абрешим» - р/а Душанбе-Варзоб-Хучанд-Чанок;
- хатсайри Хоҷа Сангхок;
- базаи кӯҳнавардии «Варзоб»;
- базаи лижаронии «Сафедорак»;

Бо мақсади васеъ намудани инфрасохтори қабули сайёҳони ватанӣ ва хориҷӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамкорӣ бо мақоми идоракунии давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ оид ба бунёди инфрасохтори нави сайёҳӣ дар минтақаҳо мунтазам пешниҳодҳо таҳия карда истодаанд.

Инчунин, ҷиҳати беҳсозии низоми ташкили сайёҳӣ и воридотӣ ва дохилӣ ва таъмини хизматрасонии босифат дар бахшҳои саноати сайёҳӣ ва бо мақсади ҳавасмандкунии субъектҳои фаъолияти рушди сайёҳӣ и воридотӣ ва дохилӣ зарур аст, ки:

- пешниҳодҳо оид ба соддакунии низоми андозбандӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо назардошти пастшавии меъёри андозҳо аз даромад ва андоз аз арзиши иловашуда барои ташкилдиҳандагони сайёҳӣ и воридотӣ ва дохилӣ, таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шаванд;
- шӯъбаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб бо мақсади расонидани кӯмаки саривақтӣ ҳангоми ташкили чорабиниҳо дар самти сайёҳӣ ва варзиши кӯҳӣ, сайёҳӣ и экологӣ ва навъҳои экстремали сайёҳӣ (треккинг, велотурҳо, ҷиптурҳо, шикори

хориҷӣ ва дигарҳо), инчунин ҳангоми доир намудани экспедитсияҳои ҷумҳуриявии кӯҳнавардӣ, низоми самарабахши корҳои наҷотдиҳиро дар шароити ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулодда таҳия ва таъмин намояд.

*Таъмини фаъолияти пурсамари таблиғотию иттилоотӣ барои пешравии маҳсулоти сайёҳии миллӣ дар бозори берунаи хизматрасонӣ.* Банизомдарории корҳои таблиғотию итилоотии давлатӣ барои пешравии маҳсулоти сайёҳии миллӣ дар бозори беруна ҳамчун омили муайянкунанда дар таъмини воридшавии мунтазами туристони хориҷӣ ба ноҳияи Варзоб арзёбӣ мегардад.

*Таъмини маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ ва иҷрои тадбирҳо барои ҷалби сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ, тавассути татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ, хусусӣ ва ғайритиҷоратӣ,*

- иштирок дар чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии сайёҳӣ,
- таъсиси инфрасохтори сайёҳӣ,
- тайёр кардани мутахассисони соҳа,
- паст кардани меъёри андози фаъолияти сайёҳӣ дар самтҳои сайёҳии хориҷӣ ва дохилӣ,
- ғанӣ гардонидани буҷети ноҳия тавассути истифодаи самараноки самтҳои даромадноки сайёҳӣ, истифодаи имконоти сайёҳии давлатӣ дар ин самтҳо, гузаронидани чорабиниҳои кӯҳнавардӣ ва варзишӣ.

Татбиқи амалии чорабиниҳои номбаршуда ва барномаҳои мақсадноки миёнамӯҳлат, метавонад истифодаи самарабахши захираҳои инсонӣ, табиию рекреатсионӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва техникиро барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияи Варзоб таъмин намояд.

Дар шароити рушди сайёҳии воридотӣ ва дохилии ноҳияи Варзоб, ба иқтисодиёти кишвар маблағҳои иловагӣ ворид гашта, бо назардошти алоқаманд будани соҳа бо дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, пеш аз ҳама барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд намудани сатҳи некӯаҳволии мардум таъсири мусбӣ хоҳанд расонд.

Омили муайянкунанда дар ҷараёни татбиқи Барномаи рушди ноҳияи Варзоб дар самти рушди сайёҳӣ дар солҳои 2016-2020 мавқеъи фаъол ва касбии роҳбариятӣ мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусие, ки фаъолияти онҳо ба масъалаҳои соҳаи сайёҳӣ вобастагӣ дорад, ба ҳисоб меравад.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ

**Таъмини оби нӯшокӣ.** Дар ноҳия бо масъалаи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ танҳо дар ҳудуди ҷамоати Чорбоғ (бо фарогирии қисмии деҳаи Ҷангалак ва қисми деҳаи Чорбоғ, хона интернати Чорбоғ, 3 мактаби миёна) Корхонаи истифодабарии оби нушокии деҳоти ноҳияи Варзоб машғул мебошад, ки дар он 17 нафар кормандон (аз ҷумла 6 нафар зан) фаъолият менамоянд. Аз ин шумора 8 нафар дорои маълумоти олӣ буда (2 нафар ҳайати муҳандисию техникӣ), 9 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва миёна мебошанд.

Дар тавозуни корхонаи мазкур 2 адад техника (1 экскаватори "Беларус" (барориши соли 1981) ва 1 адад автомашинаи хизматии НИВА-ШЕВРОЛЕ (барориши соли 2004) мавҷуд мебошаду халос.

Имкониятҳои техникӣ ва молиявии корхонаи номбурда хеле маҳдуд буда, дар солҳои минбаъда бояд маблағгузории он ҳамасола то 12% зиёд карда шавад. Барои рушди минбаъдаи хизматрасонихои техникии корхонаи мазкур автокрани КАМАЗ, экскаватори ХУНДАЙ, таҷҳизоти кафшергарӣ, эвакуатор, мехлопатаи КОМАТСУ зарур мебошад.

Шумораи умумии муштариёни корхона 470 адад ва 5 корхонаи буҷетӣ буда, ба онҳо тариқи шартнома хизмат расонида мешавад. Корхона дар ноҳияи Варзоб бинои маъмурӣ надорад ва дар доираи Барномаи мазкур сохтмони бинои нави маъмурии Корхонаи истифодабарии оби нушокии деҳоти ноҳияи Варзоб бо гаражи техникӣ ба маблаги 530 ҳазор сомони пешбинӣ мегардад.

Доир ба таъминоти оби нушокии безараргардонидашуда барои аҳолии ҷамоатҳои боқимонда бошад, ягон ташкилоти ҷамъиятӣ ва давлатӣ машғул нест, ки ин яке аз мушкилотҳои асосии соҳаи таъминоти оби нушокии ноҳияи Варзоб буда, дар панҷ соли минбаъда барои ҳаллу фасли он бояд чораҳои дахлдор, аз қабили ташкили ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва ғайра, андешида шаванд.

Тибқи маълумотҳо тақрибан 53,9% (43598 нафар) аҳолии ноҳияи Варзоб бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мебошанд, вале қисмати боқимондаи аҳоли (46,1%) ба оби тозаи ошомидании марказонидашуда дастрасӣ надоранд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 1,3 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст, ки аз он 14,1% аҳолии ноҳия истифода мебаранд. Аҳолии боқимонда ба ҳайси сарчашмаҳои обтаъминкунӣ аз оби чашмаҳои кӯҳӣ ва дарёчаҳои кӯҳии Варзоб, Сиёма, Харангон, Лучоб ва Зидеҳ истифода мебаранд.

*Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ*

| Ҷамоатҳо | Ахолӣ(нафар) | Ба оби нӯшоки дастрасӣ доранд | Бо фоиз | Ба оби нӯшоки дастраси надоранд | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| Лучоб | 7063 | 4232 | 59,9 | 2831 | 40,1 |
| Чорбоғ | 28782 | 14592 | 50,7 | 14190 | 49,3 |
| Айнӣ | 14052 | 10199 | 72,6 | 3853 | 27,4 |
| Варзоб Қалъа | 13492 | 8049 | 59,7 | 5443 | 40,3 |
| Дехмалик | 7882 | 3712 | 47,1 | 4170 | 52,9 |
| Зидех | 7085 | 1844 | 26,1 | 5241 | 73,9 |
| Такоб | 2509 | 970 | 38,7 | 1539 | 61,3 |
| Ҳамагӣ | 80865 | 43598 | 53,9% | 37267 | 46,1% |

Аз 70 деҳаи ноҳияи Варзоб танҳо аҳолии 6 деҳа (8,5%) хати таъминоти оби нӯшокӣ доранд. Аз ҳама ҳолати вазнини таъминоти оби нӯшокӣ дар ҷамоати Зиддеҳ мебошад, ки дар он 73,9% аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дастрасии маҳдуд доранд ва инчунин чунин ҳолат дар ҷамоатҳои Такоб, Деҳмалик ва Чорбоғ ба назар мерасад.

Дар солҳои 2012-2014 дар маҳаллаҳои гуногуни ноҳия (мавзеи Харангон ва қисмати поёнии деҳаи Ҷангалак) аз тарафи ташкилоти байналмиллалии ЮСАИД 3,6 км хатҳои оби нӯшокӣ ва 2 адад обанборҳои хурди ҳаҷмашон то 50 м3 сохта ва мавриди

истифода қарор дода шуданд. Назорати онҳо мувофиқи қарордод ба мақомотҳои худфаъолиятии ҷамъиятии деҳаҳо ва ҷамоатҳои деҳот вогузор шуд, вале ин механизм дар аксари маҳаллаҳо ҳалли худро пайдо накардааст. Аз ин лиҳоз, дар доираи Барномаи мазкур дар солҳои 2016-2020 таъминоти аҳолии онҳо бо оби нӯшокии безараргардонидашуда пешбинӣ мегардад.

*Намудҳои асосии сарчашмаҳои обтаъминкунӣ дар ноҳияи Варзоб*




Дар ҳудуди маркази ноҳия танҳо қисми аҳолӣ (14,1%) бо оби нӯшокӣ таъмин мебошанд. Азбаски ягон муассиса дар ноҳия ба таъминоти оби нӯшокӣ машғул нест, ягона хатти оби нӯшокии маркази ноҳия (бо дарозии 1,3 км) ҳам дар тавозуни ягон ташкилот қарор надорад. Дар ноҳияи Варзоб зиёда аз 525 обмилаи ҷамъиятӣ вуҷуд дорад, ки 88%-и онҳо ҷумак надоранд.

Мутаассифона, на ҳама сарчашмаҳои оби нӯшокӣ ба талаботи санитарию-гигиенӣ ҷавобгӯ ҳастанд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад, ки он метавонад боиси афзоиши бемориҳои сироятӣ гардад.

Мушкилоти асосӣ дар ин самт набудани ташкилоти масъули соҳаи обтаъминкунӣ ва воситаҳои техникии зарурӣ, интиқоли об бо шабакаи наҳрҳои кушода ва мавҷуд набуни шабака ё хаттҳои обрасонӣ, мавҷуд набудани иншооти безараргардонӣ ва тозакунии обҳои табиӣ ва иншооти пасобтозакунӣ мебошад.

***Хадамоти рифоҳӣ.*** Муассисаи давлатии «Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунӣ» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ба масъалаи кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагӣ ва баровардани ПСМ (партовҳои сахти маишӣ) дар маркази ноҳия ва шаҳраки Такоб, инчунин аз километри 21-ум то 55-уми шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд-Чанак машғул мебошад. Муасиса ба 7062 муштарӣ, аз ҷумла ба 62 ташкилоту корхонаҳо, нуқтаҳои истироҳатӣ ва савдо ва 1200 хоҷагиҳои аҳолӣ (7500 нафар) хизмат мерасонад.

Дар муассисаи мазкур ҳамагӣ 1 автомобили МАЗ барои ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ мавриди истифода қарор дорад, ки айни замон ниҳоят кӯҳнаву фарсуда гардидааст. Аз сабаби норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон муассиса дар баровардани партовҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад, зеро дар ҳудуди ноҳияи Варзоб партовгоҳ мавҷуд набуда, ПСМ ба партовгоҳи шаҳри Душанбе воқеъ дар км 9-уми роҳи Душанбе-Ваҳдат, ба масофаи 53 км (аз як тараф) аз маркази ноҳия кашонида мешава, ки ин харочоти зиёди маблағу сӯзишвориро талаб менамояд. Омили мазкур боиси ҳолати ғайриқаноъатбахши молиявию иқтисодии корхонаи мазкур мегардад. Зеро хароҷотҳои истеҳсолии корхона аз маблағи ҳаққи хизматрасоние, ки муштариён

ба корхона пардохт менамоянд тақрибан 3,4 маротиба зиёд мебошад. Дар соли 2014 сатҳи ҷамъоварии воситаҳо барои ПСМ ҳамагӣ 98 %-ро ташкил дод.

Дар ноҳия шабакаи канализатсия ва иншооти тозакунанда умуман вуҷуд надорад ва ин ҳолат ба ҷамъшавии ҳаҷми зиёди партовҳо ва ифлос шудани муҳити зист оварда мерасонад. Шароити географии ҷойгиршавии ноҳия барои ташкил намудани истироҳатгоҳҳо, иншоотҳои сайёҳӣ ва осоишгоҳҳо мусоид мебошад, вале набудани хизматрасони рифоҳии марказонидашуда ва иншооти пасобтозакунӣ ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонад.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия ва дар асоси нақшаи генералии маркази ноҳияи Варзоб, ки айни ҳол мавриди таҳия қарор дошта аз ҷониби вазорату идораҳо баррасӣ шуда истодааст, барои ҳалли масъалаи номбаршуда, сохтмони 13,8 км хатти ташноб аз маркази ноҳияи Варзоб то деҳаи Навобод (то Базаи сайёҳии "Варзоб") бо пайвастшавии 19 иншоот ва бунёди хати таъминоти оби нӯшокӣ ба масофаи 6,5 км бо пайвастшавии 14 иншоот, пешбинӣ мегардад. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати хизатрасонии рифоҳӣ дар давраи солҳои 2016-2020 ташкил намудани муассисаи коммуналӣ дар маркази ҷамоатҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 10 қуттии партовҷамъкунӣ (инчунин 25 қуттӣ дар тавозуни бахши ҳифзи муҳити зист), ҳамагӣ 35 қуттӣ мавҷуд аст, ки 25 адад дар шохроҳи Душанбе-Чанак ва 10 адад дар ташкилоту муассисаҳо гузошта шудаанд.

Дар маркази ноҳия ва ё ҳудуде, ки бо хизматрасонии рифоҳӣ фаро гирифта шудааст зиёда аз 7852 нафар аҳолӣ истиқомат менамояд.




Дар соли 2014 ҳаҷми партовҳои сахти маишии (ПСМ) воқеан баровардашуда аз ҳисоби аҳолӣ 2226 м$^3$, аз ҳисоби муассисаҳои буҷавӣ ва ташкилотҳои дигар 954 м$^3$ -ро ташкил додааст, ки ба як нафар аҳолии маркази ноҳия тахминан 0,28 м$^3$ рост меояд. Меъёри ҷамъшавии партовҳо ба сари ҳар оила бошад ба 0,4 м$^3$ рост меояд. Дар маҷмӯъ дар ноҳия дар як шабонарӯз 8,57 м$^3$ партовҳо кашонида мешаванд. Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳар сол 3128,5 м$^3$-ро ташкил медиҳад.

Дар ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст. Муассисаи номбурда, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаи зикргардида ҷудо намудани қитъаҳои алоҳидаи замин ҷиҳати ташкил намудани партовгоҳ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муассисаи давлатии «Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунӣ»-и ноҳия ба техникаи ҳозиразамон, аз ҷумла 1 трактори МТЗ-82 тамғаи «Белорус» бо бели ғунҷоишаш 0,25 м3, 6 адад автомошинаҳои партовбарорӣ, 2 автомашинаи обкаш ва обпошӣ, 4 автомашинаи ассенизатсионӣ, экскаватор, техникаи боркунанда, автомашинаи

гидрорукав, трактори ядакдори ЮМЗ, 600 дона қуттиҳои партовҷамъкунӣ ва таҷҳизоти кафшергарӣ, эҳтиёҷ дорад.

***Мушкилоти асосии соҳа:*** талафоти зиёд аз офатҳои табиии марбут ба об дар мавсими боришот, иқтидори нокифояи техникӣ ва эҳтиёҷ доштани Муассисаи давлатии «Раёсати ободонӣ ва кабудизоркунӣ»-и ноҳия ба техникаҳои партовкашонӣ, обпошдиҳанда, экскаватор, асенизатор ва техникаи боркунанда, мавҷуд набудани хати оби нӯшокӣ дар аксарияти деҳаҳои ноҳия, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмири онҳо, минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани манбаъҳои об ва хатҳои оби нӯшокии мавҷуда, мавҷуд набудани иншооти бо маҳлули хлор тоза ва коркард намудани оби нӯшокӣ, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набудани хатҳои обгузар ва ғайра.

### 4.2. Таъмини барқ

Дар ноҳия ба таъминоти барқ муассисаи “Шабакаҳои барқии ноҳияи Варзоб” машғул мебошад. Дар он 46 нафар фаъолият дошта, аз ин 14 нафарашон кормандони муҳандисию техникӣ мебошанд. Шабакахои барқии мазкур ба 384 ташкилоту муассисаҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва 7461 нафар муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) ноҳия хизмат мерасонад.

Миқдори умумии зеристогоҳҳои барқӣ дар қаламрави ноҳия 300 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 144 адад дар тавозуни Шабакаҳои барқи ноҳияи Варзоб ба қайд гирифта шудаанд ва 156 адади дигар дар тавозуни худи истифодабарандагон мебошад. Миқдори зериистгоҳҳои барқӣ 110-35 кВ – 9 адад буда, иқтидори умумиаш 92,5 МВА мебошад. Дарозии умумии хатҳои интиқоли нерӯи барқ 442 км-ро ташкил медиҳад. Талаботи умумии ноҳия ба нерӯи барқ дар фасли зимистон 12 МВт ва дар фасли тобистон 4,5 МВт мебошад.

Айни ҳол дар ноҳия 9 адад НОБ-ҳои хурди «Такоб», «Хазора-1», «Хазора-2», «Панчхок», «Куктеппа», «Рог-1», «Рог-2», «Новакандоз» ва «Фанфароқ» бо иқтидори умумии 600 кВт.с кор менамоянд. Ҳамагӣ дар ноҳия дар як сол 4017154 кВт.соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад. Аҳолии ноҳия бо нерӯи барқ дар моҳҳои март-октябр шабонарӯзӣ таъмин буда, дар моҳҳои ноябр-феврал бошад барқ бо маҳдудият таъмин карда мешавад.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи барқрасонӣ дар ноҳияи Варзоб*

| №т/т | Таҳлили нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 киёс ба соли 2013 бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Қабули нерӯи барқ | кВт.с | 49574985 | 48036367 | 97% |
| 2 | Қабули фоиданоки барқ | кВт.с | 39706772 | 37067788 | 93% |
| 3 | аз ҷумла аҳолӣ | кВт.с | 21419485 | 22189748 | 104% |
| 4 | ташкилотҳо | кВт.с | 18287287 | 14878040 | 81% |
| 5 | Талафоти технологӣ | кВт.с | 9838432 | 9838432 | 100% |
| 6 | Неруи барқи ҳисобишуда | хаз. сом | 4926,73 | 5262,83 | 107% |
| 7 | аз ҷумла аҳолӣ | хаз. сом | 2342,08 | 2614,13 | 112% |
| 8 | ташкилотҳо | хаз. сом | 2584,65 | 2648,7 | 102% |
| 9 | Арзиши миёна | дирам | 12,41 | 14,2 | 114% |
| 10 | Маблаги воридшуда | хаз. сом | 4951,32 | 5104,61 | 103% |
| 11 | аз ҷумла аҳолӣ | хаз. сом | 2364,65 | 2450,68 | 104% |
| 12 | корхонаҳо | хаз. сом | 2586,67 | 2653,93 | 103% |
| 13 | Иҷроиши нақша | % | 100,5% | 97,0% | 97% |
| 14 | аз ҷумла аҳолӣ | % | 101,0% | 93,7% | 93% |
| 15 | корхонаҳо | % | 100,1% | 100,2% | 100% |
| 16 | Қарз дар охири сол | хаз. сом | 1273,93 | 1432,5 | 112% |
| 17 | аз ҷумла аҳолӣ | хаз. сом | 1224,2 | 1387,42 | 113% |
| 18 | корхонаҳо | хаз. сом | 49,73 | 45,08 | 91% |

Дар ноҳия бо сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ, аҳолӣ аз қувваи барқ аз меъёр зиёд истифода мебаранд ва дар натиҷа ин ҳолат ба корношоям гардидани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Ҳолати мазкур дар фасли тирамоҳу зимистон ба мушоҳида мерасад. Бо назардошти мавҷудияти захираҳои фаровони об дар ноҳия бунёд намудани силсилаи НОБ-ҳои хурду миёнаи барқӣ обӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ**

Робитаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Чанок сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсол ва коркард ба маркази ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои дигар баровarda мешавад. Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро мебозад ва талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо ва мусофиркашонӣ таъмин менамояд.

Дар ноҳия «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул аст, ки тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳоло дар ин муассиса 41 нафар кор ва фаъолият мекунанд. Муассисаи мазкур 16 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизотро дар ихтиёр дорад, ки аз инҳо 11 ададаш коршоям буда, 5 техникаи боқимонда беҳад фарсуда гардидааст ва бояд аз эътибор соқит карда шуда, ба ҷои онҳо техника ва таҷҳизоти муосири роҳсозӣ дастрас карда шавад. Барои беҳтар намудани базаи моддию техники МДНРА ноҳия ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти он дастрас намудани автокран, 2 автогрейдер, 1 булдозер, 2 боркунаки фронталӣ (LW-321), 2 автомашинаҳои боркаш, 2 автосамосвали МАЗ ва таҷҳизоти кафшергарии дизелӣ зарур аст.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 152,2 км роҳи автомобилгард барои истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 69,5 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 82,7 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Дар солҳои 2012-2014 барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷети давлатӣ 185 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад ҳам, кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда, барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ барои як километр 8,4 ҳазор сомонӣ муайян шудааст.

Роҳҳои автомобигарди ноҳия аз рӯи намуди фарши асфалт ҳамагӣ 59,1 км буда, 30,7 км дорои фарши асфалти худтаъёри омехта, 61,4 км дорои рӯйпуши сангу шағал ва 1 км дорои фарши хокӣ мебошанд. Роҳҳои боқимондаи ҳудуди ноҳия (113 км), аз ҷумла роҳҳои дохилихоҷагии байни деҳаҳо ва роҳҳои деҳаҳои навбунёд дар тавозуни ягон ташкилоту муассиса қарор надоранд ва рӯйпӯши онҳо ба талаботҳои техникии роҳсозӣ ҷавобгу нест. Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия, ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунанд, 80% ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ин минтақа инчунин 31 купрук, ки дарозии умумиашон 647,7 метрро ташкил медиҳад, вуҷуд доранд, ки аз он 19 адад ба таъмиру барқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд, аз ҷумла 10 адад купрук дар роҳи Пугус-Такоб-Сафедорак, 6 купрук дар роҳи НБО-и «Варзоб»-Харангон, 1 купрук дар роҳи Майхура-Анзоб, 1 купрук дар роҳи Лучоб-Муғуло ва 2 купруки таъмирталаб дар роҳи Чорбоғ-Донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ. Барои таъмиру барқарор сохтани ин купрукҳо дар доираи Барномаи рушди ноҳия тақрибан 12 миллион сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Бояд қайд намуд, ки сохтмону азнавсозии роҳи автомобилгарди Пугус-Сафедорак ба масофаи 18,3 км яке аз афзалиятҳои асосӣ буда, лоиҳаи он аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмонӣ асосӣ ворид карда шуда, Барномаи номбурда бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Соли 2014 ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Варзоб аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо 185 ҳазор сомонӣ

маблағ ҷудо гардидааст, ки он пурра азхуд карда шудааст, аммо он барои иҷрои пурраи корҳои азнавсозии роҳу купрукҳо кифоя нест.

*Нишондодҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ дар ноҳияи Варзоб*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Гардиши савдои чакана | Ҳазор сомонӣ | 2509,7 | 4013,5 | 1642,3 |
| 2 | Ҳаҷми хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 3045,8 | 4611,5 | 1113,6 |
| 3 | Ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 588,8 | 2548,8 | 715,7 |
| 4 | Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ | Ҳазор тонна /км | 18,7 | 22,4 | 27,8 |
| 5 | Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ | Ҳаз.мусофир/км | 395,0 | 413,0 | 413,4 |
| 6 | Таъминоти хонаводаҳо бо нақлиёти сабукрав | Ба 1000 нафар/адад | 80 | 150 | 200 |

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллидошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубинии роҳҳо пешбинӣ мегардад. Барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳия дар солҳои 2016-2020 тақрибан 41 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Мусофиркашонӣ ва боркашонии ноҳия тавассути нақлиёти шахсии соҳибкорон амалӣ карда мешавад. Дар ин соҳа 362 мошин, аз ҷумла 36 адад мошини боркаш, 2 автобус ва беш аз 324 нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд. Инчунин, дар соҳаи мазкур зиёда аз 25 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 2 нафар тариқи автобусҳо ва 17 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии ноҳияро ба қадри ҳол қонеъ мегардонанд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ:*** дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо, махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, корношоям шудани воситаҳои техникӣ ва набудани техникаи ҳозирзамон дар МДНРА-и ноҳия.

### 4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар ноҳия филиали ҶСК “Тоҷиктелеком” фаъолият менамояд, ки дар заминаи он 1 адад дастгоҳи рақамии SI-2000 ISKRATEL-и 256 рақамаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 45 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 420 адад мебошад), ки ба 237 муштарӣ хизмат мерасонад. Дар он 4 корманд ва 1 мутахассис фаъолият мекунанд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2014 таъминоти аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонӣ ба ҳазор нафар 4,2 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2013 - 60 адад ё худ 116% зиёд мебошад. Инчунин дар дар ноҳия хати нурию нахӣ ва комутатори интернет васл карда шудааст, ки айни замон ба 86 муштариён ва корхонаҳо хизмат мерасонад.

Бо вуҷуди ин ва бархурдор будан аз бинои маъмурию таҷҳизоти ҳозиразамон, рақобатпазирии корхона дар сатҳи паст қарор дошта, аҳолӣ фаъолона ба истифодаи алоқаи мобилии ширкатҳои «ТСелл», «Мегафон», «Билайн» ва «Вавилон» гузашта истодааст. Қарзи дебитории корхона низ дар сатҳи афзоиш қарор дорад.

Дар ноҳия 46 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал карда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, то барномаҳои «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи якум»-ро тамошо кунанд. Фарогирии барномаҳои телевизионӣ дар ноҳия чунин аст: «Сафина» - 30,4 % , «Баҳористон»- 2,2 %, «Ҷаҳоннамо»-19,6 % ва «Шабакаи якум»-52,2 %.

Моҳе ду маротиба дар ноҳия рӯзномаи «Варзоб» бо забони тоҷикӣ ва бо теъдоди то 1000 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ,

фарҳангӣ ва сиёсии ноҳия огоҳ месозад. Мутаассифона, аз сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ, рӯзномаи «Варзоб» дар шаҳри Душанбе интишор мегардад, ки ин арзиши аслии рӯзномаро ба аҳолии деҳот гаронтар мекунад. Мушкилоти дигар барои матбааи ноҳия надоштани технологияи муосир ва асбобҳои сабти овозу симо мебошад.

Аз сабаби кӯҳӣ будани ноҳия, аҳолӣ ба алоқаи интернет дастрасии маҳдуд дорад. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет асосан тавассути хизматрасонии филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» сурат мегирад. Айни ҳол 30 идораву муассиса ба интернет пайваст карда шудаанд.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА.

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист “Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Варзоб” фаъолият менамояд, ки аз 6 нафар корманд (сардор, 2 сармутахасис ва 1 мутахасис ва 2 корманди шартномавӣ) иборат аст. Вазифаи асосии бахши мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад.

Масъалаҳои ҳалношудаи соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, иқтидори нокифояи техникии ҷамъоварии партовҳо (норасогии автомашинахои партовкашони ва асенизатсионӣ), набудани партовгоҳи расмӣ, ҷамъоварӣ нагаштани партовҳо дар ҷамоатҳои Деҳмалик, Зиддӣ, С.Айнӣ, Лучоб ва як қисми деҳаҳои ҷамоати Чорбоғ (деҳаҳои Чормағзакони тоҷик, Чормағзакони узбек, Арақчин, Дарабедо, Алхуч, Сарикутал, Якачуғуз ва ғайра), набудани коргоҳи муосири коркарди партовҳо, норасогии қуттиҳои махсуси ҷамъоварии партовҳо, набудани хатти канализатсияи марказонидашуда ва иншооти пасобтозакунӣ, азхудкунии ғайрисамараноки заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, кам шудани майдони дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, талафоти теъдоди моҳӣ дар натиҷаи азхудкунии ғайрисамараноки канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла ангиштсанг, мармар, хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо дар мавзеъҳои Сиёма, Кабутӣ, Майхура, Чағатай ва Ҷангалак, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо.

Ноҳияи Варзоб яке аз ноҳияҳои кӯҳии кишвар буда, кишоварзӣ асоси иқтисодиёти онро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз проблемаҳои экологии минтақа дар алоқамандии зич бо фаъолияти кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлими мӯътадил ва релефи кӯҳии ноҳия бахри инкишофи ҷангалзор ва нашъунамои он мусоидат менамояд. Қисми зиёди масоҳати ноҳияро кӯҳҳо иҳота намуда, замини обии ноҳия ҳамагӣ 1516 гектарро ташкил медиҳад (ки дар ҳудуди ноҳияҳои Қубодиён ва Рӯдакӣ воқеъ гардидаанд).

Таъсири иқтидори саноатии ноҳия ба муҳити зист он қадар зиёд нест. Дар ноҳия 15 нерӯгоҳи хурди истеҳсоли нерӯи барқ, корхонаи истеҳсоли сементи ҶДММ “Тоҷикистон”, Комбинати маъдантозакунии “Такоб” (волфрам), 2 корхонаи хурди дӯзандагӣ, 1 коргоҳи хурди коркарди чӯбу тахта, 4 адад осёби обӣ, 3 корхонаи истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ (сангреза ва хишти пухта), фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии ноҳия таъсири антропогении воқеъӣ намерасонанд. Ҳавои атмосфера дар ҳудуди ноҳия асосан аз ихроҷоти нақлиёти автомобилӣ, ки миқдораш 471 адад мебошад, ифлос мешавад.

Кишоварзони ноҳия аслан ба картошкапарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 81 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

- норасогии оби полезӣ дар ҷамоатхои Чорбоғ (аксарияти деҳаҳо), Лучоб (деҳаҳои Сайёд, Косатарош, Новакандоз, Тойқара, Дурманбулоқ), Деҳмалик (деҳаҳои Пошун, Зуманд, Сафедорак, Роғ),
- ҳолати ғайриқаноъатбахши чарогоҳҳо дар мавзеъҳои Шуртуғай ва Сиёма, ки боиси кам шудани хӯроки чорво мегардад,
- зарурияти ҳифз ва истифодаи самараноки мавзеъҳои ҷангал.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки майдони заминҳои обӣ ҳамагӣ 1,5%-ро ташкил медиҳанд. Ҳосилнокии заминҳои ноҳия солҳои охир то 1,8% паст гаштааст. Сабабаби паст шудани ҳосилнокии заминҳои ноҳия норасогии оби полезӣ, паҳн шудани ҳашаротҳои заррасон ва касалиҳои гуногун, фарсудагии иншоотҳои обрасонӣ, сари

вақт таъмин нашудани нуриҳои минералию заҳрхимикатҳо ва тағйирёбии иқлим мебошад.

Дар доираи "Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон" масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбуд бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия тӯли солҳои 2016-2020 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 43 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст.

Дар мавзеъҳои Такоби боло, Деҳмалик, Пишанге ва Порути ҷамоатҳои деҳоти Деҳмалик ба дарозии тақрибан 6-8 км, дар мавзеъҳои Ҳушёрӣ, Ғажне ва Шафти Мижгони ҷамоатҳои деҳоти Варзобқалъа ба дарозии тақрибан 14-17 км, дар мавзеъҳои Ҷангалак, Дуоба, Чағатай, Ураҳаи ҷамоатҳои деҳоти Чорбоғ ба дарозии тақрибан 12-18 км бояд корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шаванд.

Майдони чарогоҳҳои ноҳия 67811 га буда, дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, 39739 гектар чарогоҳ, аз он 454 гектараш обӣ, қарор дорад. Шумораи умумии чорво 94636 сар (соли 2014) мебошад, аз ҷумла 19004 сар чорвои калони шохдор ва 75632 сар бузу гӯсфанд ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳия 89,4 фоизи саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 10,6 фоиз ба сектори хоҷагии деҳқонӣ рост меояд.

Аз ҳолати чарогоҳҳо сатҳи некуаҳволии сокинон сахт вобаста буда, деградатсияи он боиси кам шудани даромади аҳолӣ аз чорводорӣ ва боло рафтани сатҳи камбизоатӣ мегардад. Тибқи меъёри муқарраргардидаи чорвопарварӣ барои 5 сар моли майда 1 га чарогоҳ зарур мебошад, дар ноҳияи Варзоб ин нишондод дар нисбати чарогоҳҳо 0,89 гектарро ташкил медиҳад, яъне аз меъёр 0,11 гектар кам мебошад. Нисбати чарогоҳҳои зимистона (46797 гектар) низ, ин нишондод ба 0,62 гектар баробар мегардад, ки аз меъёри муқараргардида 0,38 гектар кам мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳия, ин сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Ноҳия партовгоҳи марказӣ надошта, партовҳо ба масофаи 53 км ба партовгоҳи шаҳри Душанбе кашонида мешаванд, ки боиси хароҷоти зиёд ва саривақт тоза нагаштани партовҳою пайдоиши касалиҳои сирояткунанда мегарданд. Бинобар боришоти зиёд, каналу ҷӯйҳои обпарто ва селпартоҳо ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзоиши хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад.

Манбаи дигар ташаккули партовҳо, муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок, таъмин карда шаванд. Барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст. Дар айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад.

Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст. Дар ноҳияи Варзоб хатти ташноб (канализатсия) вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб (ба хусус дар нуқтаҳои аҳолинишин) метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад.

Мушкилии дигар ин нокифоягии дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ мебошад. Дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ бошад, ба таври умумӣ 53,9 фоизро ташкил дода, 46,1 фоизи аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 1,3 км хати оби нӯшокӣ гузаронида шудааст. Аҳолии боқимондаи ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю дарёчаҳо истифода мебаранд.

Манбаъҳои оби нӯшокӣ минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, ҳавзҳои обтаҳшинкунӣ ва ҳавзи хлоркунӣ надоранд, ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби ҷудо нагардидани маблағи зарурӣ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо, ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад.

## 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо

Ноҳияи Варзоб дар қисмати марказии ҷумҳурӣ дар минтақаи кӯҳистон ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳия 164 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия минтақаҳои хатарнок мавҷуд мебошанд. Аз 70 деҳаи дар ноҳия мавҷудбуда, 22 деҳа мувоҷеҳи офатҳои табиии мебошанд, ки 31,4%-и нуқтаҳои аҳолинишинро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои хонагии ноҳия 414 хоҷагӣ ё 4% дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 2152 нафар ё 2,7 % аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

*УТаносуби умумии шумораи деҳоти дар минтақаҳои хатарнок ҷойгирифтаи ноҳия*

| № б.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Лучоб | 9 | 4 | 44,4 |
| 2 | Чорбоғ | 15 | 6 | 40 |
| 3 | С. Айни | 16 | 3 | 18,7 |
| 4 | Варзоб-Қалъа | 12 | 3 | 25 |
| 5 | Деҳмалик | 11 | 3 | 27 |
| 6 | Зидеҳ | 7 | 2 | 28,5 |
| | Ҳамагӣ | 70 | 22 | 31,4 |
| № б.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳо, дар ҷамоат, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок (бо %) |
| 1 | Лучоб | 893 | 83 | 9,3 |
| 2 | Чорбоғ | 3745 | 126 | 3,4 |
| 3 | С. Айни | 1989 | 46 | 2,3 |
| 4 | Варзоб-Қалъа | 1494 | 48 | 3,2 |
| 5 | Деҳмалик | 1123 | 60 | 5,3 |
| 6 | Зидеҳ | 978 | 51 | 5,2 |
| | Ҳамагӣ | 10222 | 414 | 4 |
| № б.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок (бо %) |
| 1 | Лучоб | 7063 | 420 | 5,9 |
| 2 | Чорбоғ | 28782 | 639 | 2,2 |
| 3 | С. Айни | 14052 | 258 | 1,8 |
| 4 | Варзоб-Қалъа | 11438 | 222 | 1,9 |
| 5 | Деҳмалик | 7882 | 359 | 4,5 |
| 6 | Зидеҳ | 7085 | 254 | 3,6 |
| | Ҳамагӣ | 76302 | 2152 | 2,82 |

Дар ноҳияи Варзоб дар давоми солҳои 2015-2016 бояд 45 хоҷагиҳои муҳоҷирони экологӣ ба мавзеъҳои бехавф кучонида шаванд.

Тамоми ҳудуди ноҳия бо офатҳои табиии, монанди боронҳои дарозмудат, омадани сел, афтидани санг, ярч ва фаромадани тарма мувоҷеҳ мебошанд.

Дар санадҳо ҳисороти умумии дар натиҷаи офатҳои табиии тайи ин солҳо ба вуқӯъ омада нишон дода шуда, шумораю намудҳои офатҳои табиии ба қайд гирифта нашудаанд. Инҳо асосан боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд ва хунукиҳо мебошанд.

*Номгӯи офатҳои табиие, ки деҳотро таҳдид мекунанд*

| Ҷамоат | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорбоғ | Сарикутал | Ярч, сел, обхези | Лучоб | Алхуч | Ярч. сел |
| | Даҳана | Ярч, обхези, сел | | Косатароши Боло | Ярч. сел |
| | Аракчин | Ярч, | | Лучоб | Сел, обхези |
| | Кулиҳавои | Ярч | | Сайёд | Ярч, обхези |
| | Якачуғуз | Ярч, сел | | | |
| | Дараи фони | Ярч, сел | | | |
| С.Айни | Бакавул | Сел, ярч | Варзоб–Қалъа | Беғар | Сел, обхези, ярч |
| | Шайхак | Сел, ярч | | Варзоб –Қалъа | Сел, обхези, тарма, Сангрез |
| | Харангони боло | Ярч | | Фанфароқ | Ярч, сел, зимистони дароз |
| Зидех | Ҳазора | Тарма, ярч, сел | Дехмалик | Пичандар | Сел, ярч |
| | Калон | Тарма, ярч<br>Сел | | Пишанбе | Ярч |
| | | | | Порут | Сел, обхези |

*Таносуби буҷети ноҳия ва зарарҳои расонидаи ҲФ*




Дар натиҷаи офатҳои табиӣ тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) ҳамагӣ 976014 сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 2,6 % буҷети сесола ва 6,9% буҷети яксолаи ноҳияро ташкил медиҳад. Зарари аз ҳама калон ба соли 2013 рост омад, ки дар натиҷа қисми хароҷоти буҷети ноҳия ба 4,2 % афзуд. Сабабгори асосии он боришоти зиёди барфу боронҳо буд, ки боиси омадани сел гардид. Хисороти бештар аз боришоти барф, хунукиҳо ва селҳо ба соҳаи инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ ворид шудааст.

*Зарарҳое, ки ҲФ ба инрасохтори ноҳия расонидаанд*

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | с. 2012 | с.2013 | с.2014 | Ҳамагӣ дар солҳои 2012-2014 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | 137956 | 62805 | - | 200761 |
| Мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ | - | 64 000 | - | 64000 |
| Муолиҷахона ва беморхонаҳо | - | - | - | - |
| Иншоотҳои маданию маишӣ | - | - | - | - |
| Роҳҳо | 12.км | 366950 | - | 366950 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Пулҳо | - | - | - | - |
| НИБ (ЛЭП) | - | - | - | - |
| Хатҳои алоқа | - | - | - | - |
| Хатҳои обгузар | - | - | - | - |
| Кишоварзӣ | - | - | 6500 га | 6500 га |
| Иншоотҳои дигар | - | - | 249830 | 249830 |
| Чорвои шохдор | 94473,3 | - | - | 94473,3 |
| Ҳамагӣ | 232429,3 | 493755 | 249830 | 976014,3 |

Дар давраи мазкур хисороти зиёдтар аз қиёси фоизӣ ба соҳаи кишоварзӣ расидааст. Ин хисорот беш аз 2,3 маротиба аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия, ки ба ин соҳа равона шудааст, афзунтар аст (251,6 ҳазор сомонӣ ё 0,008 % аз қисми хароҷоти буҷети ноҳия).




***Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳия.*** Айни замон, дар ноҳияи Варзоб 9 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Маълумот оиди нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶШСК «Тоҷиктелеком» | | |
|---|---|---|
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) 1 адад | Ноқил п-274 2 км | Маводҳои сузишвории дизелӣ 2тонна. |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШКД) | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайҳати шахсӣ- 35 нафар<br>Наклиёти автомобилӣ-- 3 адад | Вуҷуд надорад | Масолеҳи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Нав таъсис дода шудааст<br>Автомашинаи сӯторхомӯшкунӣ 1 адад | Вуҷуд надорад | Дастпӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 77 мм-600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м 10 адад<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм 6 дона<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм 12 дона<br>Ниқоби муқобили газ 6 дона<br>Халтаи боргирӣ 12 дона<br>Дастгоҳи ҳавои тоза 12 адад |

| | | |
|---|---|---|
| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 45 нафар<br>Булдозер Т-130 1 адад<br>Булдозер Д-21 1 адад<br>Трактор ЛВ-321 1 адад<br>Автогрейдер 1 адад | ГСМ- 20л.<br>Сузишвории дизелӣ-600 л. | Булдозер 1 адад<br>Мошини боркашонӣ 1 адад<br>Дигар лавозимоти зарурӣ |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Техникаи автомобилӣ:<br>ЗИЛ – 130 1 адад<br>Кормандон 19 нафар | бензин - 200литр<br>Сузишвории дизелӣ - 100 литер | МСМ (ГСМ) 2,5 тонна<br>Автомашинаи АСМ 1адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ 1 адад<br>Трактори Т 28 1 адад<br>Эксаватор боркунак 1 адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемологӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 16 нафар<br>Автомашинаи сабукрав1 адад<br>Лабораторияи паразитология 1 адад<br>Яхдон 1 адад<br>Микроскоп 1 адад | Вуҷуд надорад | Маводи безараркунанда 200кг<br>Бино ва ташхисгоҳи бактералогӣ<br>Камераи сайёр 1адад<br>Муҳаррик 1адад<br>Дистиллятор 2 адад<br>Либосҳои махсус 6 ҷуфт<br>Пироҳани муқобили чума 2 адад<br>Автомашина санитарӣ 1 адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомобил УАЗ-469 – 1 адад | 40% маводҳои дорувории лозимӣ | таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, бунгоҳҳои қабул ва аз нав кор карда баромадани пашму пӯст.<br>Таъмири асосии бинои маъмурӣ.<br>чойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 28 нафар<br>Автомашинаи УАЗ 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 35 / 0/4 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 10 /04- 109 адад<br>ХИБ- 04 -35АБ —620км | Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А-35-70 кг<br>А-70-40 кг<br>Изолятори ШФ-10кв 70 адад<br>Изолятори ТФ- 20 60 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН-400А-30 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 20 дона | Симчӯбҳо 12 дона<br>Сӯзишворӣ 0,6 тонна<br>Равғани техникӣ 15л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД 1 воҳид<br>Ноқили барқии А-50- 0,5 т<br>Трансформаторҳо – 160кв 1 адад<br>Трансформаторҳо – 250 кв 1 адад<br>Ноқили АПВ-35-50.70- 800 м<br>Фулузоти варақагӣ (катанка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (уголок)-63.63 40 кг<br>Электрод 5 кг |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мошинҳои ёрии таъҷилӣ 4 адад | 40 % аз эҳтиёҷоти маводҳои доруворӣ тиббӣ.<br>Сузишворӣ дизелӣ 100л | МСМ (ГСМ) 2 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Дефлиблирятор 1 адад<br>Дизкамера1 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-6 1 адад<br>Хайма 6 дона |

**Мушкилиҳои асосӣ оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табии дар ноҳия**. Ҷудо нашудани маблағҳои пулӣ аз буҷети маҳаллӣ бо сабаби имкониятҳои маҳдуди молиявии ноҳия барои низоми огоҳсозӣ эътинои офатҳои табиӣ, барои таъсиси системаи огоҳкунии пешакӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар

мавзеи осебпазиртари ноҳия, самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки ноҳия.

Набудани анбори захираҳои моддӣ барои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда, набудани автомашинаи хизматӣ барои саривақт рафтани гурӯҳи фаврии Комиссияи ҳолатҳои фавқулоддаи ноҳия ба ҷои садама ё офати табиӣ, набудани низоми хабардоркунии аҳолӣ ҳангоми таҳдид ва сар задании ҳолатҳои фавқулодда, набудани гуруҳи штатии наҷотдиҳандагон бо тамоми лавозимоти техникӣ ва наҷотдиҳӣ.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

## 6.1. Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия

Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад. Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 40 нафар (аз ҷумла 4 нафар зан) иборат мебошад. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ баргузор гардад. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои андоз ва боҷи маҳаллиро муайян, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 5 комиссияи доимӣ ташкил ва фаъолият менамоянд, аз ҷумла:

- оид ба масъалаҳои кишоварзӣ, муҳити зист, роҳ ва алоқа;
- оид ба маориф, тандурустӣ, варзиш, фарҳанг ва кор бо ҷавонон;
- оид ба нақшаю буҷет ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ;
- оид ба қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ;
- комиссияи мандатӣ.

СОХТОРИ МАҚОМОТИ МАҲАЛИИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ




Мутобиқи лимити муқараркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматчиёни давлатии ноҳияи Варзоб 107 воҳидҳои корӣ ҷудо гардидааст. Айни замон,

дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 44 нафар, (аз ҷумла 11 нафарашон занҳо) фаъолият мекунанд. Ба ҳолати 1 майи соли 2015 ҳамагӣ 1 ҷои кори холӣ мавҷуд мебошад. Дар дастгоҳи раиси ноҳия бошад 15 нафар, ки 3 нафарашон зан аст, кор мекунанд

Иқтидори техникии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва идораву муассисаҳои давлатии ноҳия 60 компютер, 35 принтер, 30 адад нуқтаи ба интернет пайвастшуда ва 7 факс буда, норасогии техникӣ 21 компютер, 11 принтер ва 14 факс (бо назардошти ҷамоатҳои деҳот) - ро ташкил медиҳад.

## 6.2. Таъминоти буҷетиву молиявӣ

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020» дар доираи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояи хориҷӣ, маблағгузориҳои соҳибкорони ватанӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзе, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома;

Буҷети маҳаллӣ дар амалӣ шудани Барномаи мазкур нақши калон мебозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир барои рушди ноҳия тавассути буҷети маҳаллӣ бо сабаби имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, дар ҳаҷми хеле кам маблағ ҷудо карда мешавад.




Сарчашмаҳои асосии ташаккули буҷет - ин андози даромад аз шахсони воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда, андоз бо низоми соддакардашудаи андозбандӣ маҳсуб меёбад. Таи солҳои 2012 – 2014 даромадҳои худии ноҳия ба ҳисоби миёна тақрибан

54,9%-и қисми хароҷоти буҷетро пӯшонданд ва барои пӯшонидани касри буҷет субвенсия ҷудо мегардад, ки дар се соли охир ба ҳисоби миёна 44,3%-и маблағи умумии хароҷотро ташкил додааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳамагӣ ҷамъи даромадҳо дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 69833,8 ҳазор сомониро ташкил додааст. Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 ҷамъи даромадҳо 38,9% афзоиш ёфтааст.

*Таҳлили қисми даромади буҷети ноҳияи Варзоб дар солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*




| | Андози даромад аз шахсони вокеъй | Андоз аз фоида | Андози хадди аккал аз даромади корхонахо | Андоз аз амволи гайриманкул | Андози замин аз шахсони хукукй | Андози замин аз шахсони вокеъй | Андози ягона | Андоз аз фуруши чакана | Андоз аз арзиши иловашуда | Андоз аз истифодабарандагони роххои автомобилгард | Андоз бо услуби соддакардашуда | Аксиз | Андоз аз сохибони воситахои наклиёт | Андоз аз истифодабарии захирахои табий | Бочи давлатй | Дигар даромадхои гайриандозй |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 г | 2767,7 | 33,4 | 898,7 | 319,6 | 55,2 | 103,1 | 167,4 | 596 | 2786,7 | 932,3 | 477 | 5,2 | 147,9 | 1307,9 | 274,2 | 141 |
| 2013 г | 3808,3 | 1014,6 | | 673,3 | | | | | 2833,6 | 567 | 1551,6 | 2,4 | 238,2 | 436,7 | 263,3 | 454,2 |
| 2014 г | 5284,2 | 944,4 | | 891,2 | | | | | 3042,9 | 852,7 | 1240,3 | 0,01 | 297,2 | 995,5 | 251 | 232,5 |




Соли 2014 дар сохтори даромад 4,7 % камшавии ҳиссаи андоз аз истифодабарии захираҳои табиӣ ба назар мерасад, ин вобаста ба корхонаҳои истеҳсолии ангишт мебошад, ки бинобар сабаби саривақтӣ ба даст наовардани маблағи фуруш, қарзи

корхонаҳои мазкур аз ҳисоби ин намуди андоз дар назди буҷет афзоиш ёфт. Аммо дар ҳаҷми 12,6% зиёдшавии андоз аз даромад мушоҳида мешавад, ки ба зиёдшавии музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ аз 1 сентябри соли 2013 алоқаманд мебошад. Инчунин, ҳамасола аз меъёр зиёд иҷро гардидани нақшаи вазифаи муқарраргардида аз рӯи сарчашмаҳои дахлдор дар қисмати даромад ба назар мерасад.

Чи хеле, ки қаблан қайд карда шуд ноҳия субвенсионӣ ба ҳисоб меравад. Қисмати хароҷоти буҷети ноҳия асосан хусусияти иҷтимоӣ дорад, зеро аз ҳамаи хароҷотҳо ба ҳисоби миёна 87,9 % ба соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла 63,9 % ба соҳаи маориф, 21 % ба соҳаи тандурустӣ, 0,7 % ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва 2,3 % ба соҳаи фарҳанг равона карда мешавад. Сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф дар солҳои охир ин ба меъёрҳои сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мебошад.

*Сохтори қисмати хароҷотии буҷети ноҳияи Варзоб*




| | Идоракунии давлати | Мудофиа | макомоти хифзи хукук | Маориф | Тандурусти | Хифзи ичтимоии | ХМК | Фарханг, варзиш | Ветеринари | нигохдории роххо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 10,8% | 0,0% | 1,5% | 60% | 21,0% | 1,1% | 2,3% | 2,9% | 0,6% | 0,0% |
| 2013 | 9,7% | 0,2% | 0,9% | 60,3% | 19,6% | 0,5% | 3,2% | 4,6% | 0,8% | 0,1% |
| 2014 | 8,1% | 0,1% | 0,8% | 63,9% | 21,0% | 0,7% | 2,2% | 2,3% | 0,8% | 0,2% |

Сохтори хароҷотҳои буҷети ноҳияи Варзоб аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди меҳнат ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо, субсидияҳо ва хароҷоти асосӣ иборат мебошад.

*Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ*
*аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*




Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2014 беш аз 81,7 фоизи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ барои пардохти музди меҳнат, ҳиссаҷудокунии кордиҳандагон, ҷубронпулиҳо, субсидияҳо ва стипендия равона гардидааст. Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмир равон карда шуда 4,9 фоизро ташкил медиҳад ва барои сохтмони асосӣ 4,6 фоизро ташкил медиҳад. Барои таъмини Барнома фазои

сармоягузориро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозим аст.




Накшаи даромади буҷет ҳамасола иҷро гардида, иҷроиши қисми хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо таъмин карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки дар муддати чандин сол аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои рушди ноҳия аз ҳисоби афзоиши даромадҳо ва бақияҳои озод маблағҳои буҷетӣ ҷудо карда мешаванд. Дар давоми 3 сол барои рушди ноҳияи Варзоб ҳамагӣ 2411,4 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст. Асосан ин маблағҳо барои пардохти музди меҳнати соҳаҳои буҷетӣ, пардохти кӯмакпулиҳо ба оилаҳои камбизоат ва ниёзманд, таъмири биноҳои маъмурии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва марказҳои саломатӣ, бо панҷара маҳкам намудани атрофи биноҳои маъмурии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бунёди боғи фарҳангӣ, чорабиниҳои варзишию фарҳангӣ, нигоҳдории роҳҳо ва дигар корҳои ободонии ноҳия равона гардидааст.

Дар самти мазкур дар панҷ соли оянда яке аз афзалиятҳои асосии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020», ин зиёд намудани қисми даромади буҷаи маҳаллӣ ва табдил додан аз ноҳияи субвенсионӣ ба ноҳияи донор мебошад. Ҷалб намудани тамоми воситаҳои имконпазири иловагии даромад ба буҷети маҳал, тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, бо истифода аз маблағҳои интиқолии муҳоҷирон метавонад вобастагии буҷети нохияро аз маблағҳои субвенсионӣ кам намояд.

Дар сурати боз ҳам беҳтар гаштани шароити соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки маблағҳои аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ воридшаванда, ин метавонад яке аз сарчашмаҳои асосии таъмини иҷроиши Барномаи мазкур гардад.

***Кӯмаки беруна.*** Дар ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ: Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид (UNDP), Ҳилоли Аҳмар, Оксфам, ЮСАИД фаъолият менамоянд. Тавассути ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ дар ноҳияи Варзоб ба маблағи 72 ҳазор доллари ИМА корҳо иҷро гардидаанд.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020”, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, таҷрибаи мусбии андӯхта ва ошкор намудани проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори бахши рушди иқтисод ва савдо шахси масъул таъин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба бахши рушди иқтисод ва савдо пешниҳод шавад. Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

**Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ.** Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

– то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;

– дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои бахши омори ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

# ЗАНҶИРИ МАНТИҚИИ БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ВАРЗОБ БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда / Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Занҷири мантиқии блоки иқтисодӣ** | | | | | | | | | | | |
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | |
| 2. | Бехтар намудани холати инфрасохтори сохаи кишоварзи | Бехтар намудани холати мелиоративии заминхо ва беҳтар намудани дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат, техникаи муосир ва оби полези | Таквият додани фаъолияти филиали КВД "Тоҷикагролизинг" дар ноҳияи Варзоб тавассути иловатан ворид намудани 15 адад техникаи кишоварзи (тракторҳои МТЗ-82, техникаҳои галладарав ва алфчамъкунанда) | 450 | | 150 | 100 | 100 | 100 | КВД "Тоҷикагролизинг", МИХД-и нохияи Варзоб, Вазорати кишоварзи | Сармояи хориҷӣ |
| 3. | | | Ташкили нуқтаи таъмири техникӣ ва бунёди бинои маъмурию ёрирасон барои КВД "Тоҷикагролизинг" дар нохияи Варзоб | 300 | | | | 100 | 200 | КВД "Тоҷикагролизинг", МИҲД-и нохияи Варзоб, Вазорати кишоварзи | Мабдлагхои худи |
| | | | Азхудкунии 110 гектар заминҳои нав ва обёрии он дар мавзеи Сайёд, Морсулат ва Богчигдаи нохияи Кабодиён, ки ба нохияи Варзоб вобаста гардидааст (карори ҲҶТ №271 аз 02.02.2014 дар бораи истифодаи мухлатноки заминхои кишоварзии дар нохияи Кабодиён будаи нохияи Варзоб) | 220 | 80 | 100 | 40 | | | МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри | Бучети махалли |
| 4. | | | Обёрии 50 гектар заминхои мавзеи Куруки чамоати дехоти Лучоб | 90 | | | | 40 | 50 | МИҲД-и нохияи Варзоб, Кумитаи давлатии сармоягузор ва идораи амволи давлати | Сармояи хориҷӣ |
| | | | Азхудкунии 137 гектар заминҳои нав ва обёрии он дар худуди чамоати дехоти Зидех | 390 | | | | 190 | 200 | МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри | Бучети махалли |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Ичрокунанда / Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | | | Бунёд намудани 210 гектар боги нави ангур, себ ва зардолую дигар дарахтони донакдор дар худуди мавзеи Харангони чамоати дехоти С.Айни ва худуди чамоатхои Лучоб, Чорбог, Зидех ва бунёди панчараи ихотавии атрофи богхо | 2100 | 200 | 200 | 300 | 500 | 900 | МИХД-и нохияи Варзоб | Маблагхои худии хочагихои дехкони ва сохибкорон |
| 8. | | | Ташкили коргохи хурди коркарди мева ва сабзавот дар чамоати дехоти Чорбог бо иктидори коркарди 70 тонна маҳсулот | 620 | 300 | 320 | | | | МИХД-и нохияи Варзоб | Сохибкорон |
| 9. | | | Ташкили коргохи хурди коркарди мева ва сабзавот дар ҷамоати дехоти Лучоб бо иктидори коркарди 50 тонна махсулот | 500 | | | | 250 | 250 | МИХД-и нохияи Варзоб | Номуайян |
| | | | Бунёд намудани 2 адад сардхона барои нигохдории 2000 тонна меваю сабзавот дар худуди чамоатхои Лучоб ва Чорбог | 800 | | 400 | 400 | | | МИХД-и нохияи Варзоб | Сохибкорон |
| 10. | | | Ташкили нуқтаи фуруши нуриҳои минерали, тухмиҳои хушсифат ва заҳрхимикатҳо дар ноҳияи Варзоб | 160 | | 80 | 80 | | | МИХД-и нохияи Варзоб | Сохибкорон |
| 11. | | | Ташкили нуктаҳои бордоркунии сунъии чорво дар 6 ҷамоатҳои нохияи Варзоб | 60 | 20 | 20 | 20 | | | МИХД-и нохияи Варзоб, Вазорати кишоварзи, Барномаи чахонии озукавори | Сармояи хориҷӣ |
| 12. | | | Бунёд намудани коргохи хурди коркарди пуст ва пашм дар мавзеи Сайёд | 470 | | 150 | 320 | | | МИХД-и нохияи Варзоб | Сохибкорон |
| 13. | | | Чори намудани усули обёрии катраги дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Варзоб | 220 | | | | 100 | 120 | МИХД-и нохияи Варзоб | Сармояи хориҷӣ |
| 14. | | | Таъмиру баркарорсозии 39 км каналхо ва пойгоххои обкашии оби полезии Косатарош 1, Косатарош 2, инчунин 4,6 км новахои обтаксимкуни барои таъминоти оби полезии хочагиҳои кишоварзии чамоати деҳоти Лучоб, барои обёрии 130 гектар замин | 2311 | 411 | 520 | 530 | 500 | 350 | МИХД-и нохияи Варзоб | Номуайян |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомонӣ) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда / Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15. | | | *Таъмири иншоотҳои таъминоти оби полезии ҳудуди хоҷагиҳои кишоварзии чамоати деҳоти Лучоб ва чамоати дехоти С.Айнй (новахои обгузар 4,1 км ва 3,7 км кубурхои обгузари мавзеи Харангон, Косатарош 1,6 км, хавзхои захиравии об) барои обтаъминкунии 587 гектар замин* | *677* | | *200* | *200* | *277* | | *МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри* | *Буҷети ҷумҳурияви̅* |
| 16. | | | *Таъмиру баркарорсозии 4,7 км хати таъминоти оби полезии ҳудуди хоҷагиҳои кишоварзии ҷамоатхои деҳоти Зидех, Дехмалик ва шахраки Тагоб* | *440* | | *240* | *200* | | | *МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри* | *Номуайян* |
| 17. | | | *Таъмири иншоотҳои таъминоти оби полезии ҳудуди хочагиҳои кишоварзии чамоати деҳоти Варзоб Калъа, хамаги 23,9 км барои обёрии 78 гектар замин* | *580* | | | *120* | *250* | *210* | *МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри* | *Номуайян* |
| | | | *Барқарор намудани шабакаи обкашонӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои Лучоб, ба номи С. Айнӣ ва Чорбог;* | *3000* | | *3000* | | | | *МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри* | *Номуайян* |
| | | | *Таъсис додани бахши агентии бехдошти бехдошти замин ва об дар нохияи Варзоб* | *500* | | *500* | | | | *АКФ Фонди Огохон* | *Сармояи хоричи* |
| | | | *Сохтмони бинои идораи стансияи байторинии нохияи Варзоб* | *600* | | | *300* | *300* | | *Агентии беҳдошти замин ва обёри* | *Бучети чумхурияви* |
| | | | *Харидории автомашинаи безараргардонии ДУК ва мошинаи хизматии фаври* | *400* | | | | *200* | *200* | *МИҲД-и нохияи Варзоб* | *Номуайян* |
| | | | *Харидории ва таъминоти ваксинахои аз беморихои Оксил, Карасон (100 воя)* | *200* | *50* | *50* | *50* | *50* | | *МИҲД-и нохияи Варзоб* | *Сармояи хориҷӣ,* |
| 19. | | | *Харидори ва таъминоти маҳлулҳои безараргардони (креолин, ратсидол, хлор ва гайраҳо), дорувории бекирмгардонии албен, албендазол, ивермег* | *200* | *50* | *50* | *50* | *50* | | *МИҲД-и нохияи Варзоб* | *Сармояи хориҷӣ* |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда / Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 20. | | | Таъсиси бумгохи байтори, нуктаи бордоркунии сунъи ва дорухонахои байтори дар ч/д Лучоб, с. Айни, Дехмалик, Чорбог | 450 | | | 250 | 200 | | МИҲД-и нохияи Варзоб | Сармояи хориҷӣ |
| 21. | | | Таъсиси нуктахои забхи чорво дар ҷ/д Лучоб, ҷ/д Деҳмалик | 150 | 150 | | | | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | Сармояи хориҷӣ |
| | | | Таъсиси нуқтаи барои безараргардонии чорвои фавтида/ чоҳи Беккер дар ч/д Чорбог ва ичрои корхои фахмондадихии оиди пешгири беморихои хайвонот | 250 | | 250 | | | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | Сохибкорон |
| | | | Бехтар намудани холати (баркарорсозии инфрасохтори чарогоххо, таъмири кашархо, кашидани 69 км хатти об, пахн намудани тухмии алафхои сергизои хуроки чорво,) чарогоххои нохия вокеъ дар мавзеъхои Сиёма, Широтала, Курук, Олуча, Майхура, Зидех, Мазори Хоча Сангхок, Оби сафед, ва чарогоххои худуди дехахои нохияи Варзоб | 490 | | 110 | 210 | 170 | | МИХД н Варзоб | Маблагхои худии хочагихои дехкони ва сохибкорон |
| | | | Бунёди 100 гектар богҳои нави чормагз, себ ва бодом бо усули обёрии қатраги ва дигар усулхои муосир дар чамоатхои нохияи Варзоб | 200 | 100 | 100 | | | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | Сармояи хориҷӣ |
| | | | Гузаронидани 13км хатти оби полези дар чамоатхои нохияи Варзоб | 430 | 30 | 200 | 200 | | | МИҲД-и нохияи Варзоб, Агентии давлатии бехдошти замин ва обёри | Сармояи хориҷӣ |
| | | | Ташкил кардани хочагихои чорвопарвари (гусфанди Хисори) дар чамоатхои дехоти С.Айни, Дехмалик, Зидех, Чорбог, Варзобкалъа ва Лучоб | 490 | | | 190 | 300 | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | Сохибкорон |
| | | | Ташкил кардани хочагии парандапарвари дар чамоати дехоти С.Айни | 490 | | | 190 | 300 | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | Сохибкорон |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда / Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Ташкили корхонаи хурди чуҷабарори дар деҳаи Шкев | 25 | 25 | | | | | МСДСП, МИҲД н Варзоб | Сохибкорон |
| | | | Дар ҷамоатхои С.Айни, Дехмалик, Зидех, Варзобкалъа ва Лучоб ташкил намудани хочагихои занбури асалпарвари | 550 | | 200 | 170 | 180 | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | Сармояи хориҷӣ |
| | | | Ташкили хочагихои тухми картошкапарвари дар базаи хоҷагиҳои деҳконии чамоатхои Лучоб (мавзеи Новакандоз) ва Зидех | 240 | | 120 | 120 | | | МСДСП, МИҲД н Варзоб | Сармояи хориҷӣ |
| | | | Ташкили 8 адад хавзҳои моҳипарвари дар ҷ/д Варзобкалъа, Лучоб, Зидех ва Дехмалик | 900 | 150 | 160 | 190 | 200 | 200 | МСДСП, МИҲД н Варзоб | Сохибкорон |
| | | | Маблаги умумӣ | 19953,0 | 1566,0 | 7120,0 | 4230,0 | 4257,0 | 2780,0 | | |
| | | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 1277 | 0 | 200 | 500 | 577 | 0 | | |
| | | | Буҷети маҳаллӣ | 610 | 80 | 100 | 40 | 190 | 200 | | |
| | | | Маблагҳои худии ташкилоту корхонаҳо | 2890 | 200 | 310 | 510 | 770 | 1100 | | |
| | | | Соҳибкорон | 4205 | 475 | 1360 | 1370 | 800 | 200,0 | | |
| | | | Сармояи хориҷӣ | 3740 | 400 | 1390 | 960 | 720 | 270 | | |
